МИРЗОЕВ САЙМУДДИН

# МАВОДИ НАШЪАОВАР: ТАҲДИД ВА ЧОЛИШҲО

*Афғонистон: масири шимолӣ*

## УГРОЗА НАРКОТИКОВ

## DRUG THREAT

## 毒品威胁

## تهدید مواد مخدر

ДУШАНБЕ -2025

ББК
М –

***Ба истикболи 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

*Бо қарори Шӯрои олимони Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврпупои АМИТ аз 28 ноябри 2024, № 11 барои нашр тавсия шудааст.*

**Муқарризон:**

Р. Ҳайдарзода, д.и.ф., профессор
М. Ғиёсиев, н.и.п., дотсент

**Муҳаррири масъул:**
Б.Мирзоев

Мирзоев С.Т. Маводи нашъаовар: таҳдиду чолишҳо. Афғонистон: масири шимолӣ. Монография. – Душанбе: «Дониш», 2025. – 220 саҳ.

*Китоби мазкур ба масъалаи таҳкими амнияти миллӣ, пешгирии гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, моддаҳои психотропӣ ва таҳдиду чолишҳо дар ин замина аз самти Афғонистон бахшида шудааст. Муаллиф дар асоси таҷрибаи амалии худ ва таҳқиқоти илмию назариявии мавзуъ ба он дастёб гардидааст, ки унсур ва категорияҳои комилан навро дар ин замина ташхис намояд.*

*Китоб барои сиёсатшиносон, ҷомеашиносон, таърихнигорон, сиёсатмадорон, кормандони фаврии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва махсус, унвонҷӯён, донишҷӯён ва доираи васеъи хонандагон, ки ба масъалаҳои мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ таваҷҷуҳ доранд, тавсия мешавад.*

**ISBN 978-99985-24-32-3**



…Имрӯз пӯшида нест, ки гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир яке аз манбаъҳои асосии таъминоти молиявии терроризми байналхалқӣ гардидааст. Аҳамият ва ҷиддияти проблемаҳои вобаста ба маводи мухаддир ва муомилоти ғайриқонунии онҳо гувоҳи равшани хатари глобалист, ки дар маҷмуъ ба суботу амнияти байналмилалӣ таҳдид мекунад…

**Эмомалӣ Раҳмон**

## МУНДАРИҶА

**Сарсухан**............................................................................... **6**
**Аз муаллиф**............................................................................... **9**

**Боби якум. Гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва таъсири он ба низоми таъмини амнияти миллӣ**

Асосҳои назариявию методологии таъмини амнияти миллӣ дар мисоли мубориза бо фурӯши ғайриқонунии маводи мухаддир............................................ **15**
Ҷойгоҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми байналмилалии муқовимат бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ............... **35**
Гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва таъсири он ба низоми таъмини амнияти миллии кишварҳои Осиёи Марказӣ................................................ **49**
Гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ҳамчун манбаи асосии маблағгузории терроризми байналмилалӣ.......... **73**

**Боби дуюм. Нашъаҷаллобӣ дар ҷомеаи имрӯза: сохтор ва категорияҳои он**

Решаҳои таърихӣ ва заминаҳои иҷтимоии истеъмоли мавод мухаддир............................................ **86**
Сохтор ва категорияҳои нашъаҷаллобӣ................. **94**
Институти «озмоишгарон» – василаи ғайрирасмии паҳншавии нашъамандӣ.................................. **119**
Симои иҷтимоӣ ва хислатномаи нашъаҷаллоб........... **130**

**Боби сеюм. Ҷанбаҳои муосири такмили мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ**

Мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар Тоҷикистон: ҳолат, мушкилот ва дурнамои он......... **143**

Гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар муассисаҳоиислоҳӣ: ҷанбаи иҷтимоию иқтисодӣ……… **161**

Нашъаҷаллобӣ ҳамчун таҳдиди иҷтимоӣ ба рушди устувори институти оила………………………………… **168**

Дурнамои ҳалли масъалаи маводи мухаддир дар ҷомеаи муосир……………………...……………………… **180**

“Кристали сафед” –ях ........................................................ **196**

**Хулоса**……………………………………..…………….……… **203**

**Китобнома**…………………………………………................. **207**

Аннотатсия…………………………………………………….. **216**

# САРСУХАН

Масъалаи мубориза бо кишту гардиши ғайри қонунии маводи мухаддир дар шароити имрӯза яке аз масъалаҳои муҳиму мубрам на танҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои минтақа, балки барои тамоми ҷаҳон боқӣ мондааст. «Масири шимолӣ»-и қочоқи маводи мухаддири Афғонистон мувоҷеъ шудани Тоҷикистон, бидуни шак, кишвари моро ба ҷабҳаи пеши мубориза бо қочоқи маводи мухаддир дар минтақа табдил додааст. Тоҷикистон масъулияти азимеро дар ин замина бар уҳда дорад ва паҳншавии мухаддиротро аз Афғонистон ба кишвпрҳои ҳамсоя то ҳадди имкон пешгирӣ мекунад.

Табиист, ки дар масири қочоқи маводи мухаддир мувоҷеъ гаштани кишварҳои минтақа боис шудааст, ки як шумораи муайяни аҳолӣ ба ин вабои аср сироят шавад.

Нашъаҷаллобон, маъмулан, зарбаи басо харобиовару ҷуброннопазирро аввал ба ҷавонон мезананд. Дар ҷомеа агар майлу рағбати ҷавонон ба маводи мухаддир афзояд, табиист, ки сифати солимии ҷисмонӣ, равонӣ ва ахлоқии ҷомеа, қобилияти барқарорсозии он коста мегардад.

Истеъмолкунандагони маводи мухаддир аз ҷомеа ҳамчун инсон ва шаҳрванд дур мешаванд. Ба ғайр аз ин, ҷавонон қобилиятҳои инсонии худро аз даст медиҳанд. Аз ҳама муҳимаш ин аст, ки иқтидори иқтисодӣ, қобилияти мудофиавии давлат ва ҳаёти шаҳрвандӣ коста мегардад.

Аммо қисме аз шаҳрвандон дар мавриди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва истеъмоли он нуқтаи назари ғалат доранд. Ба назари баъзеҳо, нашъаҷаллобон гӯё соҳибкорони муваффақ ва тоҷирони корчаллон, шахсони хайрхоҳ буда, ба дигарон ёрии моддиву молиявӣ мерасонанд,ҳамчунин гуё дар рушди иқтисод саҳмгузор буда, корхонаҳои истеҳсолӣ заводу фабрикаҳо месозанд. Ба

назари қисми дигари шаҳрвандон, нашъа ва нашъамандӣ гӯё ба онҳо хатар надорад, бо хешу табори онҳо чунин ҳодиса рух намедиҳад. Албатта, ин як иштибоҳи азим аст.

Таҷрибаи зиндагӣ нишон медиҳад, ки на танҳо оилаҳои камбизоат, инчунин, бисёр оилаҳои муваффақ аз офати нашъа ҷабр дидаанд ё ҷабр мебинанд.

Нашъаҷаллобон ниҳоят ҳушёру зирак ва маккор мебошанд, яъне бар ивази нобуд сохтани ҳаёти инсонҳо, ба хотири манфиатҳои шахсии худ, аз ҷумла, гирифтани фоида ва даромади муфт, бо кӯшишҳои зиёд торафт фазои васеътар ва гуногунро фаро мегиранд. Барои расидан ба ҳадафҳои нопоки худ онҳо ба ҳама чиз қодиранд.

Иштибоҳи дигари шаҳрвандони мо доир ба масъалаҳои марбут ба мубориза бо гардиши ғариқонунии маводи мухаддир ин аст, ки муқовимат бо ин падидаи номатлубро танҳо вазифаи мақомоти махсус ва ҳифзи ҳуқуқ мепиндоранд. Воқеан, барои ошкор, огоҳ ва пешгирӣ намудани гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор бояд мақомоти махсуси касбӣ машғул шаванд. Аммо, вақте ки сухан дар бораи ҳаёт ва тақдири инсон, таҳдид ба ояндаи миллат меравад, ин вазифаи ҳар як шаҳрванди солимфикр мегардад. Аз ин рӯ, мо бояд бетараф набошем ва ҳар кас ба андозаи тавони худаш бояд ба муқобили ҳама гуна падидаҳои номатлуб ва зиёновари ҷомеа, хусусан, нашъамандӣ мубориза барад ва муқовимат нишон диҳад.

Дар ҷомеаи мо шахсе нест, ки зарари маводи мухаддирро надонад. Аммо, мутаассифона, маводи мазкур ҳамеша таваҷҷуҳи як қисми мардумро ба худ ҷалб мекунад, ки барои бисёре аз онҳо оқибатҳои марговар меорад.

Бинобар ин, ҷомеаи огоҳу шахсони масъул бояд насли ҷавону наврасро аз оқибати маводи мухаддир огоҳ созанд. Нашъаҷаллобон офати ногуфтаниеро ба сари мардум бор карда, ҳар чӣ бештар мардумро ба нашъамандӣ ҷалб

намуда, аз ҳисоби марги инсоният фоидаи муфт ва сарвати зиёд ҷамъ меоранд.

Монографияи мазкур, ки бо истифода аз сарчашмаҳои илмӣ ва хулосаи таҷрибаҳои амалӣ анҷом гирифтааст, дар баробари таҳқиқоти пурарзиши илмӣ будан, хулоса ва тавсияҳои он барои беҳбуд бахшидани кори ниҳодҳои мубориза бо маводи мухаддир ва мутахассисони ин соҳа роҳнамои хубе маҳсуб меёбад.

**Р.Ҷ. Ҳайдарзода,**
**доктори илмҳои фалсафа**

## АЗ МУАЛЛИФ

***Ба кормандони ҳифзи ҳуқуқ – муборизони зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир бахшида мешавад.***

Масъалаи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ яке аз мушкилоти ҷомеаи имрӯз ва хатари глобалӣ ба шумор меравад. Бо шинохти аҳамияти хосаи масъала, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои фароҳам овардани заминаи ёрии амалӣ ба истиқрори сулҳу субот, пешрафти иқтисодиву иҷтимоии Афғонистон ва пешгирии таҳдиду хатарҳои бархоста аз ин кишвар, пайваста аз минбарҳои баланди СММ ва дигар созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ пешниҳодоти мушаххасро матраҳ намудааст. Зеро парваришгоҳи аслии рустаниҳои нашъадор ва манбаи аслии қочоқи маводи мухаддир дар минтақаи мо Афғонистон ба шумор меравад. Зуҳуроти номатлуби алоқаманд ба маводи мухаддир ҳар як фарди солимфикри ҷаҳонро ба ташвиш меорад, зеро он ба генофонди миллат таъсири ҷубронnопазир расонида, рушди инсониро халалдор месозад.

Бо назардошти ин нукта, китоби мазкур ба таҳлили вазъи муқовимат ва пешгирӣ дар самти муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо, инчунин, ба таҳдиду чолишҳои замони муосир бахшида шудааст.

Бояд зикр кард, ки самти муқовимат бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо аз афзалиятҳои доимии сиёсати пешгирифтаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарами Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Дар ин асар сабабу омилҳои гуногуни зуҳуроти маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ, нуктаҳои мушаххаси

санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ки дар асоси онҳо муборизаи доманадор бо ин падидаи номатлуб ва паст намудани сатҳи он пешбинӣ шудааст, ҳамчунин, фаъолияти пешгирикунандаи сохторҳои махсуси қудратӣ баррасӣ гардидаанд. Дар ин маврид бештар ба хусусиятҳои ҷиноятӣ алоқаманд бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ, ки барои ҷомеаи муосир таҳдиди ҷиддӣ мебошад, таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шудааст.

Бояд таъкид намуд, ки аз назари илмӣ то имрӯз баъзе паҳлӯҳои масъалаи муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар, аз қабили амалҳои сарварони гурӯҳҳои муташаккили нашъаҷаллоб, ҷалби шаҳрвандон ба нашъамандӣ ва истифодаи онҳо ба ҳайси «***озмоишгар»***[1]**,** роҳу восита ва тарзу усулҳои паҳншавии нашъамандӣ пурра омӯхта нашудаанд. Ғайр аз ин, сохтори дақиқи ҷиноии нашъаҷаллобӣ ва механизми тақсими нақшҳо дар он дар корҳои илмию тадқиқотӣ муайян нагардидаанд. Инчунин, тасвири симои руҳӣ-равонӣ ва иҷтимоии нашъаҷаллоб то ҳол норавшан боқӣ мондааст.

Бо назардошти хусусияти вазъияти имрӯзаи ҷомеаи башарӣ масъалаҳои мазкур ниёз ба омӯзиш ва таҳқиқ доранд. Аз ин лиҳоз, китоби мазкур яке аз аввалин таҷрибаҳои таҳлилу баррасии илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назарявӣ ва амалӣ, мебошад. Муаллиф бо истифода аз таҷрибаи худ кӯшиш намудааст, баъзе паҳлӯҳои муқовимат бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, ҷиноятҳои марбут ба он алоқамандро пешниҳод намояд.

---

1. Дар амалияи ҷиноӣ дар Тоҷикистон мафҳуми **“озмоишгар” “пробщик”** маъруф аст. Бо назардошти ба вуҷуд овардани тарҷумаи дурусти он ва ворид намудан ба гардиши илмию тадқиқотӣ бо истифода аз «Фарҳанги тоҷикию русӣ» (соли нашр 2006, нашрияи Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ) калимаи «озмоишгар»-ро интихоб намудем.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноӣ, таҷрибаи судӣ ва фаъолияти оперативию ҷустуҷӯӣ мафҳуми дақиқи масъулияти шахсоне, ки унсурҳои ҷиноиро ба сифати «озмоишгарон» истифода мебаранд ва онҳо дар сохтори ҷиноӣ нақши муҳим мебозанд, муайян карда нашудааст. Ин тоифаи унсури ҷиноӣ, ки ҳамчун ёварон муаррифӣ карда мешаванд, иҷрокунандагони амалҳои ҷиноӣ мебошанд.

Бояд гуфт, ки вазифаи аслии **«озмоишгар»** ё **«озмоишгарон» (пробщик)** муайян кардани сифати маҳсулоти маводи мухаддир мебошад. Баъди озмоиш ё санҷиши маводи нашъадор арзиш ва нархи вай муайян карда мешавад. Пас аз муайян кардани сифати маводи мухаддир саркардагон ва аъзоёни гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятии нашъаҷаллоб ба хариду фурӯш оғоз мекунанд. Нуктаи қобили таваҷҷуҳ ин аст, ки саркардагони гурӯҳҳои нашъаҷаллоб бо мақсади ифшо нашудани амали ҷиноиашон ҳамеша «озмоишгарон»-ро пинҳон нигоҳ медоранд. Ба гузашти вақт онҳо дар натиҷаи нашъамандӣ ҷони ҷавони худро аз даст медиҳанд.

Масъалаи нашъамандӣ дар замони муосир сол то сол натанҳо коҳиш наёфта, балки шаклу усули нав ба нав касб мекунад. Бинобар ин, ҷомеаи ҷаҳонӣ хуб дарк мекунад, ки ин падидаи номатлуб, ба амнияти миллӣ хатар ва таҳдиди ҷиддӣ эҷод менамояд. Масалан, Тоҷикистон дар сафи пеши мубориза бо таҳдиду хатарҳои амниятӣ қарор дорад ва дар муқовимат бо терроризму ифротгароӣ, тундгароӣ, ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ, аз ҷумла муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир саҳми босазои худро мегузорад. Ба хусус, мақомоти салоҳиятдор, ба маънии аслиаш, бо муборизаи содиқона ва ҷонфидоёнаи худ корнамоӣ нишон медиҳанд ва бар зидди ин вабои аср истодагарӣ доранд. Вале тамоюли манфӣ, яъне инкишофи кишту истеҳсол ва фурӯши маводи мухаддир дар ҳудуди

Афғонистон идома дорад. Ҳатто маълумотҳо роҷеъ ба сохтани озмоишгоҳҳои истеҳсоли маводи мухаддири синтетикӣ дар шимоли Афғонистон паҳн шуда истодааст. Солҳои охир саркардагон ва аъзои гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятии нашъаҷаллоб қочоқи маводи мухаддири синтетикӣ (сунъӣ) ва психотропиро афзоиш додаанд.

Таҳлили раванди рушди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар солҳои охир нишон медиҳад, ки чораҳои андешидаи ташкилӣ ва оперативию ҷустуҷӯйии мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқи кишварҳои Осиёи Марказӣ бар зидди ин зуҳуроти хатарнок нокифоя буда, барои пешгирӣ ва коҳиш додани хатари нашъамандшавии ҷомеа аҳамияти ҷиддӣ бояд дод. Бояд роҳ, усул ва шаклҳои мубориза ро тақвият дод, то мубориза кори умумимиллӣ шавад, ҳар як инсон дар ин роҳ бояд худро фаъол ва муборизи ҳақиқӣ нишон диҳад, набояд мушоҳдакор ё бетараф бошад. Танҳо дар умумимиллӣ шудани мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир он самараи дилхоҳ дода метавонад.

Фаромӯш набояд кард, ки таҳдиди маводи мухаддир дар остонаи ҳар як хона меистад, қурбониёни он садҳо ҳазор ҷони ҷавонро ташкил медиҳанд. Мо хеле зиёд шоҳиди он мешавем, ки риштаи ҳаёти ҷавонон, мутаассифона, бо сабаби истеъмоли маводи мухаддир барвақт канда мешавад. Аламовар он аст, ки қурбониёни маводи мухаддир аксаран аз беаҳмиятӣ ва хунукназарии атрофиён ба ин ҳол гирифтор мешаванд.

Бо назардошти таҳдидҳои маводи нашъаовар ва оқибатҳои зиёновари он, дар мубориза бо ин вабо бояд қувваи тамоми аҳли ҷомеа сафарбар карда шавад. Бинобар ин, муаллиф ҳамаи онҳоеро, ки ҳисси муҳаббат ба инсон, ба Ватан доранд ва хоҳиши пешгирии ин мусибати умумимиллиро доранд, ба мубориза даъват мекунад. Танҳо

дар сурати муттаҳид шудан мо ба қувваи шикастнопазир мубаддал гардида, ҳамчун сипар бар зидди ин падидаи хатарнок метавонем истодагарӣ кунем. Инчунин, Ватан ва мардуми худро солим нигоҳ дошта, насли имрӯза ва минбаъдаи худро ҳифз карда тавонем.

Бояд гуфт, ки дар арсаи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри пешгирии ин падидаи хатарнок заҳмат ва талошҳои пайваста кардаанд. Бахусус, дар паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии кишвар ҳамеша аз хатари ин вабои аср таъкид мекунанд. Масалан, дар Паёми худ 20 апрели соли 2013 таъкид мекунанд, ки «…терроризм, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, хариду фурӯши одамон ва дар маҷмуъ ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣ имрӯз ба хатари ҷиддӣ табдил ёфта, боиси ташвиши ҷомеаи ҷаҳонӣ гардидаанд. Мо муборизаро бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир самти афзалиятноки сиёсати давлати худ эълон кардаем»[2].

Ғояи асосии китоб аз андешаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба мубориза ва пешгирии гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ сарчашма гирифта, барои мутахассисоне, ки ба ин самт машғул хоҳанд шуд, чун роҳнамои назариявию амалӣ метавонад хизмат намояд.

Андешаи стратегии Роҳбари давлат моро водор месозанд ва бовар мекунонанд, ки мубориза дар муқобили таҳдидҳои гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар ва муваффақият, танҳо дар сурати ба ҳам овардани кӯшишҳои якҷоя имконпазир мешавад. Новобаста аз он, ки дар пушти

[2] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми апрели соли 2013. Захираи электронӣ. Нишони дарёфт: http://www.president.tj/node/4318.

он фоидаҳои бисёрмиллиардаи кишварҳои дур аз Тоҷикистон меистанд.

Бо назардошти афзоиши таҳдидҳои гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир бояд тамоми неруҳои кишвар дастҷамъона дар мубориза ширкат кунанд. Китоби мазкур низ маҳз бо мақсади нишон додани самаранокии ҳамкориҳои бисёрҷониба дар мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор таълиф шудааст.

# БОБИ ЯКУМ.

# КИШТУ ТАВЛИДИ ҒАЙРИҚОНУНИИ МАВОДИ МУХАДДИР, ҚОЧОҚИ ОН АЗ АФҒОНИСТОН ВА ТАЪСИРИ ОН БА АМНИЯТИ МИЛЛӢ

## 1. Асосҳои назариявию методологии таъмини амнияти миллӣ дар мисоли мубориза бо фурӯши ғайриқонунии маводи мухаддир

Таҳаввулоти босуръати вазъи геополитикии ҷаҳон аз он шаҳодат медиҳад, ки таваҷҷуҳи ҷомеаи байналмилалӣ ба масъалаҳои таъмини амният рӯз то рӯз зиёд мешавад. Дар шароити имрӯза мафҳумҳои «**амният»** (аз калимаи англисии ***«safety», «security»*** ва фаронсавии ***«securite»***) ва **«амнияти миллӣ»** (аз ибораи англисии ***«national security»***) дар гуфтумони ҷамъиятӣ васеъ истифода мешаванд. Ба масъалаи мазкур дар баробари мутахассисони соҳаи ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ, иқтисодиёт ва илмҳои ҳарбӣ, ҳамчунин, таваҷҷуҳи намояндагони илмҳои дигар низ ба назар мерасад, ки онҳо, пеш аз ҳама, ҷанбаҳои сохторӣ ва амалии низоми умумииҷтимоии амнияти миллиро мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додаанд.

Дар робита ба ин, метавон гуфт, ки муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар дар баробари терроризми байналмилалӣ, ифротгарории динӣ ва миллӣ, ҷудоихоҳи, экстремизм яке аз сарчашмаҳои таҳдид ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва бехатарии давлатҳо ба ҳисоб меравад. Боиси таасуф аст, ки то ба ин рӯз мушкилоти муомилоти ғайриқонунии маводи нашъовар ҳамчун яке аз хатарҳои ҷиддӣ барои инсоният боқӣ мемонад ва ба муътадилии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии давлатҳо ва минтақаҳои алоҳида таҳдид менамояд. Миллионҳо нафар бо сабаби истеъмол намудани маводи нашъаовар азият мекашанд ва ҳазорон ҷавонон ҷони худро бохтаанд.

Бояд зикр кард, ки омӯзиши масъалаҳои марбут ба амнияти миллӣ бо таваҷҷуҳ ба истифодаи дақиқу низомманди мафҳумҳои маъмулу роиҷ ва истилоҳоти наве, ки дар асоси пешрафти илму техника ба миён меоянд, баррасии маҷмуи масъалаҳои муҳимми амниятиро талаб дорад. Дар ин маврид бояд усули байнисоҳавӣ ва воситаҳои муосири ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилоот низ ба роҳ монда шавад. Мафҳумҳои калидии зерин, аз қабили **арзишҳои миллӣ, манфиатҳои миллӣ, ҳадафҳои миллӣ, таҳдидҳо** ва **хатарҳо**, инчунин, **сиёсати таъмини амнияти миллӣ**, **аслҳо, воситаҳо** ва роҳҳои таъмини онҳо, дар маҷмуъ, низоми умумии таъмини амнияти миллиро ташаккул медиҳад. Тавре маълум аст, тадқиқи низоми умумии амнияти миллӣ бо истифода аз донишҳои гуногуни байнисоҳавӣ имконпазир мебошад. Зеро усули мазкур барои таҳқиқи амнияти миллӣ шароити мусоидро дар ҷамъ намудани маҷмуи калони донишҳо оид ба манбаъ фароҳам оварда, барои гузаштан аз сатҳи шинохти абстрактиву назариявӣ ба дарки воқеӣ, инчунин, барои муқоиса намудани аслҳои назарияи амният ва амнияти миллӣ бо воқеияти зидду нақизи иҷтимоӣ мусоидат менамояд.

Дар таърифҳои пазируфташудаи мафҳуми «амният» оварда шудааст, ки он вазъи ҳифзшудаи манфиатҳои ҳаётан муҳимми шахсият, ҷамъият, давлат ва дар маҷмуъ, миллатро дар бар мегирад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон **«Дар бораи амният»** (№ 918, аз 28 декабри соли 1993[3]) ва тағйиру иловаҳо ба он (аз 04.11.1995 с. №128, аз 01.02.1996 с. №223, аз 12.12.1997 с. №498, аз 28.06.2011 с. №721) мафҳуми амнияти миллӣ дар моддаи 1 ҳамчун **«ҳолати муҳофизатии манфиатҳои ҳаётан муҳимми кишвар аз таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолӣ»[4]** шарҳ

[3] Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1994, №3-4,

[4] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният». 28 июни соли 2011, таҳти №721. Захираи электронӣ. Нишони дарёфт: http://www.parlament.tj/files/konunho/2011/amniyat.rar

дода шудааст. Дар асоси санадҳои меъёриву ҳуқуқии дар боло зикршуда, баъзе унсурҳои сохтори амнияти миллиро метавон баррасӣ кард. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон **«Дар бораи амният»** унсурҳои асосӣ ва сохтори объекти амнияти миллӣ зикр ёфтааст:

- Шахсият – ҳуқуқ ва озодиҳои он;
- Ҷомеа – арзишҳои моддӣ ва маънавии он;
- Давлат – сохти конститутсионӣ, соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзии он.

Ба ҳайси субъекти амният давлат, шаҳрвандон, ташкилотҳо (новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ) амал мекунанд. Давлат субъекти асосии таъмини амният ба шумор меравад ва вазифаҳои худро дар ин соҳа ба воситаи мақомоти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ менамояд [5] . Давлат, мувофиқи қонунҳои амалкунанда, амнияти шаҳрвандонро дар дохил ва хориҷи кишвар таъмин менамояд. Бояд тазаккур дод, ки мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон **«Дар бораи амният»** мафҳуми «таҳдидҳо ба амният, ҳамчун маҷмуи шароит, раванд ва омилҳое, ки барои амалишавии манфиатҳои миллӣ монеа мешаванд ё ба онҳо хатар ба вуҷуд меоранд» таъриф шудааст[6]. Инчунин, дар қонуни мазкур оварда шудааст, ки «**таъмини амният** ин татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи таъмини амният ба воситаи низоми тадбирҳои дорои хусусияти иқтисодӣ, сиёсӣ, ташкилӣ ва дигар хусусиятҳо, ки ҷавобгӯйи таҳдид ба манфиатҳои ҳаётан муҳимми инсон ва шаҳрванд, ҷамъият ва давлат мебошанд»[7].

Унсурҳои сохтории амнияти миллиро намудҳои он, яъне «амнияти сиёсӣ», «амнияти иқтисодӣ», «амнияти ҷамъиятӣ», «амнияти озуқаворӣ», «амнияти технологӣ», «амнияти илмию техникӣ», «амнияти ҳарбӣ», «амнияти

[5] Муфассал ниг.: Моддаи 4-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният».

[6] Ниг.: Моддаи 1-и Қонуни мазкур.

[7] Ниг.: Моддаи 1-и Қонуни мазкур.

экологӣ» ва «амнияти иттилоотӣ» ташкил медиҳанд. Ҳамчун вазифаи умумӣ: ягонагӣ, ҳампайвандӣ ва ҳамтавозунии он дар назар дошта мешавад, ки вобаста ба шароит авлавияти худро тағйир медиҳад.

Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи амният» намудҳои амният дар шакли зерин тафсир шудаанд:

- **амнияти иқтисодӣ** – вазъи муҳофизатии иқтисодиёти миллӣ аз шароит, раванд ва омилҳои дохиливу беруние, ки рушди устувор ва истиқлолияти иқтисодиро зери хатар мегузоранд;
- **амнияти озуқаворӣ** – вазъи иқтисодиёти давлат мебошад, ки аз ҳисоби истеҳсолоти дохилӣ бехатарии озуқаворӣи кишвар таъмин гардида, дастёбии воқеӣ, ки барои ҳаёти солиму фаъол ва рушди демографии аҳолӣ зарур аст, кафолат дода мешавад;
- **амнияти ҷамъиятӣ** – ҳифзи ҳуқуқӣ-сиёсӣ, маънавӣ-ахлоқӣ ва иҷтимоии ҳаёт, саломатӣ ва некуаҳволии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин арзишҳои ҷамъият аз хатар ва таҳдидҳои имконпазире, ки ба онҳо зарар расонида метавонанд;
- **амнияти ҳарбӣ** – ҳолати муҳофизатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолии хусусияти ҳарбидошта ба соҳибистиқлолӣ ва тамомияти арзии мамлакат;
- **амнияти экологӣ** – ҳолати муҳофизатии манфиатҳои ҳаётан муҳимми инсон ва шаҳрванд, ҷамъият ва давлат аз таҳдидҳое, ки дар натиҷаи таъсири антропогенӣ ва дигар таъсиррасониҳо ба муҳити зист ба вуҷуд меоянд;
- **амнияти иттилоотӣ** – ҳолати муҳофизатии манбаъҳои давлатии иттилоотӣ, инчунин, ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои ҷамъият дар соҳаи иттилоот[8].

---

[8] Муфассал ниг.: Моддаи 1-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният».

Шарҳҳои зиёд ва гуногуни мафҳумҳои «амният» ва «амнияти миллӣ» аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳамеша кӯшиши дар асоси воқеият таҷассум намудани он ҷой дорад. Тавре маълум аст, дар Тоҷикистон дар тули солҳои зиёд мафҳуми «амнияти давлатӣ» васеъ истифода мешуд, ки он мувофиқи усули либералӣ ҳамчун шароити мусоид барои таъмини амният ва татбиқи манфиатҳои ҳаётан муҳимми ҷомеа ва шахсият муаррифӣ мешуд[9]. Аз ин рӯ, имрӯз ҳолат ва вазъи неруи иқтисодию ҳарбии давлат дар таъмини амнияти миллӣ ва таҳдидҳои дохилию хориҷӣ бо назардошти воқеият баррасӣ гардида, ҳамеша ба он нигаронида мешавад, ки то кадом андоза давлат аз хатарҳои беруна эмин аст. Дар самти мазкур ҳолати муносибатҳои байналмиллалӣ ва вазъи тағйирёфтаи геополитикии давлат низ муҳим шуморида мешавад, зеро таҳдидҳо ба сулҳу субот ва амнияти миллӣ дар шаклҳои гуногун метавонанд зуҳур кунанд. Бинобар ин, орӣ будан аз таҳдиди беруна, ҳамчун ҳолати ҳифзи манфиатҳои шахсият, ҷамъият ва дар маҷмуъ, давлат таъриф мешавад.

Давлат вуҷуди томи ҷамъиятӣ ба шумор меравад ва аз зерсохторҳои гуногун, аз қабили сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ иборат аст. Дар ҳар кадоми ин зернизом маҷмуи манфиатҳо мавҷуд мебошад, ки дар натиҷаи гардиш ва амалишавӣ дар меҳвари арзишҳои моддӣ ва маънавӣ ба ҳамдигар мувофиқ намеоянд ё комилан зид мебароянд. Аз ин лиҳоз, ин бархӯрд боиси манбаъҳои хатар мегардад ва он натанҳо ба зернизом, балки ба амнияти умумимиллӣ таҳдид эҷод менамоянд. Бинобар ин, раванди ташаккули низоми ягонаи таъмини амнияти миллӣ дурудароз мебошад ва ба

[9]Ниг.: Дзлиев М.И., Иззатдуст Э.С. Национальная безопасность и насилие (гуманитарные аспекты национальной безопасности) // Вестник Омского университета. Серия: Право, 2011. – №3. – С. 51.

ҳайси шарти муҳимми он мафҳуми «субот»[10] пазируфта мешавад. Омили мазкур натанҳо ба мушкилиҳои вижаи сиёсати дохилӣ, балки ба тағйири мақоми геополитикии давлат ва ба масъалаи татбиқи дурусти амнияти миллӣ вобаста аст. Маълум аст, ки таҳкими амнияти миллӣ танҳо дар ҳолати мавҷудияти фазои мусоиди геополитикӣ имконпазир аст, зеро шароити мазкур заминаи ҷиддиро барои татбиқи ҳадафҳои дохилӣ ва хориҷӣ таъмин менамояд[11].

Омӯзиш ва таҳлили масъалаи мазкур пешбинӣ менамояд, ки дар ин раванд мафҳумҳои асосӣ муаррифӣ шаванд. Маҳз онҳо ба амнияти миллӣ ва унсуру сохторҳои он робитаи наздик доранд. Зеро таҳдид ба яке аз унсурҳои амнияти миллӣ ба ҳаёти ҷомеа таъсир расонида, боиси сар задани мушкилиҳо ва ҳолати ногувори иҷтимоию иқтисодӣ мегардад. Бинобар ин, мафҳуми амният васеъ буда, ташхис, ниҳодонидан ва баҳогузории тамоми намуди манбаъҳои таҳдиди воқеӣ ва имконпазирро дар назар дорад[12].

Тавре маълум аст, масъалаи таъмини амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ҳадафҳои муҳимми давлатдорӣ ба шумор меравад. Аз ҳалли мушкилиҳои мавҷуда тақдириояндаи миллат ва давлат ҳамчун воқеияти геополитикӣ, субъекти комилҳуқуқу соҳибихтиёри ҳуқуқи байналмилалӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ вобаста мебошад.

---

[10] Муфассал ниг.: Коровай Е.А. Политическая стабилность и национальная безопасность // Вестник Забайкальского государственного университета, 2007. – №3. – С. 79-85.

[11] Ниг.: Кателевский А.И. Сущностное содержание международной региональной безопасности в системе всеобщей безопасности // Вестник Пятигорского государственного лингвистического университета, 2005. –№ 3-4. – С. 108-112.

[12] Ниг.: Демин И.В. Сущность и содержание понятий «безопасность», «общественная безопасность» и «национальная безопасность» // Вестник Екатерининского института, 2009. – № 1. – С. 29-30.

Ҷавҳари мафҳуми «амнияти миллӣ» - ро манфиатҳои миллӣ ташкил медиҳад. Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистн «Дар бораи амният», мафҳуми «манфиатҳои миллӣ» чунин шарҳ дода шудааст: «**манфиатҳои миллӣ** - маҷмуи эҳтиёҷоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва эҳтиёҷоти дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз амалишавии онҳо қобилияти давлат дар таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, арзишҳои ҷамъият ва ниҳодҳои асосии давлатдорӣ вобаста мебошад»[13].

Тавре аз тафсири қонун бармеояд, манфиатҳои миллӣ маҷмуи эҳтиёҷоти шахсият, ҷамъият ва давлатро ташкил медиҳад. Зеро эҳтиёҷ дар натиҷаи ҳолати айнии соҳаҳои гуногуни ҳаёт ва фаъолияти инсон ба вуҷуд меояд. Гурӯҳи манфиатҳои маъмулиро инҳо ташкил медиҳанд:

- Иқтисодӣ (беруна ва дохилӣ);
- Сиёсӣ (беруна ва дохилӣ);
- Иҷтимоӣ (дохилӣ);
- Мудофиавӣ (беруна ва дохилӣ);
- Иттилоотӣ (беруна ва дохилӣ).

Бояд тазаккур дод, ки таъмини амнияти миллии кулли кишварҳои ҷаҳон нисбӣ аст, зеро барои ҳар давлати аз назари иқтисодӣ рушдкардаи низоми сиёсияш устувор, дахолати номусоиди неруи хориҷӣ ҳамеша имконпазир боқӣ мемонад. Ҳамчунин, бинобар сабаби ҷаҳонишавии истеҳсолот ва ворид шудани иқтисоди миллӣ ба иқтисоди умумиҷаҳонӣ, зарурати ҳамгироии бештари низоми таъмини амнияти миллӣ ба самтҳои гуногуни низоми таъмини амнияти байналмилалӣ боз ҳам зичтар мегардад.

Тавре маълум аст, ҷанбаи муҳимми таъмини амнияти миллӣ амнияти сиёсӣ мебошад[14]. Дар ин ҷода дидгоҳҳои

---

[13] Ниг.: Моддаи 1-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният».

[14] Муфассал ниг.: Анарбеков А.Б. Политическая безопасность как стержневой элемент обеспечение национальной безопасности молодого Кыргызстана //

мухталиф перомуни мафҳуми «амнияти сиёсӣ» мавҷуд аст. Тибқи назарияи маъмули он, амнияти сиёсӣ маҷмуи чораҳои ташхис, пешгирӣ ва бартараф намудани он омилҳое мебошад, ки ба манфиатҳои сиёсии давлат, миллат, ҷамъият ва шаҳрвандон метавонад осеб расонад. Ҳамчунин, набудани амнияти сиёсӣ боис мегардад, ки инҳитоти сиёсӣ ба вуҷуд ояд ё барои заволи сиёсии давлат замина офарад. Он метавонад қудрат ва сиёсатро аз роҳи бунёдкориву созандагӣ ба қувваи харобиовар мубаддал кунад, ки боиси бадбахтии шаҳрвандон ва худи давлат мегардад[15].

Дар баробари амнияти сиёсӣ мафҳуми дигари муҳим амнияти ҳарбӣ[16] мебошад. Дар таърифҳои пазируфташуда амнияти ҳарбӣ ба ҳайси ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳимми шахсият, ҷамъият ва давлат дар соҳаи мудофиа аз таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ шинохта шудааст. Зеро маҳз ҷомеаи солим дар натиҷаи таҳаввул дар тули давраи бостон то имрӯз бо офаридани замина ба рушди қавм то миллат боис гардидааст, ки дар давраи нав имкони ба вуҷуд овардан ва ташаккул додани консепсияи давлатдории миллии соҳибихтиёр ба воқеияти имрӯза табдил ёбад.

Самтҳои муҳимми таъмини амнияти миллии давлат афзалиятҳои милливу стратегӣ мебошад, ки он бо

---

Вестник Волгоградского государственного университета. Серия 4: Истрия. Регионоведения. Международные отношения, 2009. – № 1. – С.61-68; Крупник П.А., Рукинов В.А. Политическая безопасность как система снижения конфликтного потенциала гражданского общества // Наука о человеке: гуманитарные исследования, 2009. – № 4. – С. 32-43. ва диг.

15 Серебрянников В.В. Политическая безопасность // Свободная мысль, 1997. – № 1. – С. 19.

16 Ниг.: Гребеник В.В. Методология формирования современной парадигмы теории безопасности способной обеспечить национальную безопасность России // Интернет-журнал Науковедение, 2013. – № 2(15). - С. 8.; Егоров И.С. Современное военно-политическое пространство в Европе и национальная безопасность России: реалии и перспективы // Власть, 2010. – № 8. – С. 139-141. ва диг.

назардошти вазифаҳои муҳимми инкишофи иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ вобаста аст. Ин иқдом ба он оварда мерасонад, ки татбиқи ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионӣ дар шароити амн сурат гирад, рушди устувори давлат таъмин шавад ва тамомияти арзиву соҳибихтиёрии давлатӣ таҳким ёбад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳалаи кунунӣ ҳадафҳои стратегии зерин афзалиятнок ҳисобида мешаванд: таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар. Расидан ба ин ҳадафҳои миллӣ имкон медиҳад, ки Тоҷикистон маҷмуи масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии худро ҳал кунад ва дар муносибатҳои байнидавлатии минтақа ва ҷаҳон мавқеи устувор дошта бошад. Ин иқдом заминаи ҷиддиро барои татбиқи манфиатҳои давлатии дарозмуддат ба вуҷуд оварда, боиси таҳким ва таъмини амнияти миллӣ мегардад. Дар натиҷа, Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди устувори худро таъмин месозад.

Чуноне ки дар боло ишора намуда будем, яке аз масъалаҳои муҳимми ҷомеаи ҷаҳонӣ гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ, инчунин, истеъмоли ғайритиббии он ба шумор меравад, ки ба кулли кишварҳои дунё таҳдид менамояд. Омили мазкур хусусияти глобалӣ дошта, ба саломатии аҳолии давлатҳои ҷаҳон таҳдиди ҷиддӣ эҷод менамояд.

Тибқи натиҷаи таҳқиқоти Раёсати СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷиноятгорӣ (UNODC) дар хусуси истеҳсоли маводи мухаддир дар қаламрави Афғонистон, бар хилофи фармони роҳбари Толибон, истеҳсоли танҳо афюн дар ин кишвар соли 2024 нисбат ба соли 2023-юм 30% афзоиш ефтааст».[17]

[17] Муфассал ниг.: Обзор производства опия в Афганистане в 2024 году (Краткое изложение результатов исследования). Издание Управление

Ассамблеяи генералии СММ дар баробари таҳдидҳои глобалӣ, аз қабили силоҳи қатли ом ва натиҷаи фаъолияти техногении инсон паҳншавии маводи мухаддирро низ аз хатарҳои ҷиддӣ медонад. Вазъи имрӯзаи ҷамъиятиву сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии Афғонистон бо назардошти заиф будани ҳокимияти вақт, таъсири ифротгароиву тундгароии мазҳабӣ, инкишофи терроризми байналмиллалӣ ва нашъаҷаллобӣ рӯ ба бесуботӣ овардааст. Ин гузориш инчунин нишон медиҳад, ки истеҳсол ва парвариши мака аз вилоятҳои ҷанубу ғарбии Афғонистон ба вилоятҳои шимолу шарқӣ кӯчонида шудааст. Аз се ду ҳиссаи истеҳсоли афюн имсол ба вилоятҳои шимолу шарқӣ рост меояд. Талошҳои байналмилалӣ бояд ҳамоҳанг карда шаванд, то ин тамоюл боиси иваз шудани афюн бо истеҳсоли маводи мухаддири хатарноки синтетикӣ, ба мисли метамфетамин дар Афғонистон ё минтақа нашавад.

Ҳукумати Толибон аз соли 2022 парвариши растаниҳои нашъадорро дар қаламрави Афғонстон манъ кард. Лекин, ҳаҷми имрӯзаи истеҳсол ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар ин кишвар коҳиш наёфтааст. Ҳоло бошад, интизор меравад, ки дастрасӣ ба ҳероин кам шуда, талабот ба он зиёд мегардад. Албатта тамоюли болоравии арзиши маводи мухаддир мушоҳида мешавад. То чӣ андоза ҳадафи ин иқдом самимият дорад вақт нишон медиҳад. Имрӯз бошад нашъаҷаллобон ва истифодабарандагони маводи мухаддир бо осонӣ ба муомилоти дигар намуди маводи мцухаддир гузаштаанд. Масалан, дар бозори Афғонистон ва дар кишварҳои минтақа маводҳои мухаддири навъи сунъии (синтетикӣ) пурқувваттар пайдо шудааст.[18]

Организации Объединенных Наций по наркотикам и преступности (UNODC). CentralasianLIGHT.org
28 ноября 2024 года

[18]Ниг.: Гузориши ҷаҳонии маводи мухаддир барои соли 2024:

Аз ин рӯ, сабаби афзоиш ёфтани талабот ба маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ, истеҳсоли ғайриқонунии он исботи ин гуфтаҳост.

Раванди паҳншавии маводи мухаддир ба таҳдиди ҷиддии тамаддуни муосири инсоният мубаддал шудааст, зеро ин зуҳуроти манфӣ ба вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, суботи сиёсӣ, амнияти миллӣ ва ба соҳибихтиёрии давлатии кулли кишварҳои ҷаҳон хатари ҷуброннопазир дорад. Нуктаи мазкур ҷанбаи муҳимми таҳдидҳои муосирро равшан менамояд. Танҳо ба воситаи қувваҳои мусаллаҳ ва сохторҳои қудратӣ таъмин кардани амнияти миллӣ ғайриимкон аст, чунки он аз маҷмуи омилҳои зерин, аз қабили қудрати иқтисодии кофӣ, саноат ва хизматрасонии рақобатпазир, сифати низоми маориф ва некуаҳволии шаҳрвандон вобаста мебошад. Дар ин ҷода таҳдиди воқеиро ба амнияти шахсият, ҷамъият ва давлат гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ эҷод менамояд. Масъалаи истеъмоли маводи мухаддир инсониятро даҳсолаҳо боз нигарон намудааст. Зеро ин марги сафед дар байни мушкилоти ҷиддӣ ва ҳалталаби имрӯза ба ҳайси таҳдидовар пазируфта мешавад, чунки саломатии миллат омили муҳимми кафолати устувории давлат, тақвияти соҳибихтиёрӣ ва рушди иқтисодии он мебошад.

Гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ, инчунин, истеъмоли ғайритиббии он ба мушкилии ҷиддӣ ва стратегии таъмини амнияти давлатӣ мубаддал шудааст.

Маводи мухаддир ба ҳайси хатари иҷтимоӣ шинохта шуда, аксарияти одамон чунин воқеиятро медонанд, вале масъалаи аз байн бурдани истеҳсол, интиқол ва хариду

---

масъалаҳои таваҷҷӯҳи махсус (всемирный доклад о наркотиках за 2024 год) https://www.unodc.org/documents/data-and-analysis

фурӯши суфташудаи он масъалаи ҷиддӣ мебошад. Зеро ба раванди додугирифт ва интиқоли маводи мухаддир зуҳуроти дигари манфии ҷамъият, аз қабили фасод, ҷинояткорӣ ва сӯиистифода аз мансаб низ рабт дорад. Аз ин рӯ, барои муборизаи воқеӣ ва муассир дар қатори иқдомҳои дигар андешидани чораҳои мушаххаси ҷиноятиву қонунгузорӣ муҳим ҳисобида мешавад. Тавре таҷрибаи мавҷуда нишон медиҳад, аксарияти пешниҳодҳо ва эъломияҳои баёншуда мувофиқ ба воқеият набуда, дар амал татбиқ намешаванд.

Маҳз, нигаронии дигар дар он зоҳир мегардад, ки Афғонистон натанҳо ба ҳайси парваришкунандаи асосии кукнор, балки ҳамчун истеҳсолкунанда ва таъминкунандаи умдаи бозори навъҳои мухталифи маводи мухаддир низ эътироф шудааст. Болоравии истеҳсолот ва тиҷорати маводи нашъадор таҳдидовар буда, оқибати ин тамоюл ба он оварда мерасонад, ки инсоният боз ҳам бештар қурбониҳои зиёд медиҳад, ки аксари онҳо танҳо ба хотири сустиродагӣ ё бетаваҷҷуҳии худ ба чунин тақдир рӯ ба рӯ мешаванд.

Бинобар ин, бо сабаби паҳншавии доманадори маводи мухаддир ба кулли минтақаҳои дунё, зиёд гардидани гардиши молиявӣ ва сармояи нашъаҷаллобон, ташаккули табақаи таъсиргузори нашъаҷаллоби байналмилалӣ ба анҷом расидааст. Одатан нашъаҷаллобон барои нигоҳ доштани тиҷорати худ, гурӯҳҳои ҷиноии муташаккили фаромиллӣ ва созмонҳои террористиро маблағгузорӣ мекунанд, ба корҳои дохилии давлат, махсусан иқтисоди он, дахолат карда, ба амнияти дилхоҳ давлат таҳдиди ҷиддӣ эҷод мекунанд.

Оғози ҳазорсолаи сеюм ҳамчун давраи болоравӣ ва таъсирнок гардидани равандҳои ҷаҳонишавӣ маънидод мешавад, ки ба кулли соҳаҳои кору зиндагии инсоният дахл дорад, дар натиҷа, ба дигаргуниҳои чашмраси иҷтимоӣ

оварда мерасонад. Нуктаи мазкур дар нобаробарии моддӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии байни давлатҳо таҷассум гардида, ба тундгаро шудани теъдоди қобили мулоҳизаи одамон мусоидат менамояд. Дар натиҷаи чунин раванд заминаи афзоиши ҷинояткорӣ дар як қатор давлатҳои ҷаҳон ба назар расида, боиси барҳамзании суботу амният мегардад. Ҳамчунин, масъалаҳои нави иҷтимоию иқтисодӣ ба вуҷуд меояд, ки он, пеш аз ҳама, дар болоравии сатҳи бекорӣ, гардиши беназорати молиявӣ, шустушӯйи сармояи ғайриқонунӣ ва аз назорати давлатҳои миллӣ баромадани равандҳои иқтисоди ҷаҳонӣ падидор мегардад.

Ба ибораи дигар, ҷаҳон ба асри XXI бо воқеиятҳое ворид гардид, ки онро метавон ба ҳайси таҳдид ва хатарҳо ба тамаддуни муосир номгузорӣ кард. Аз ин рӯ, вусъат пайдо намудани фаъолияти сохторҳои тиҷорати маводи нашъадор ва болоравии ҷинояткории вобаста ба гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар қаламрави давлатҳои гуногун таъсири ҷиддиро барои танзими афзалиятҳои муосири сиёсати давлатӣ дар самти мубориза бо таҳдидҳои маводи нашъадор ва таъмини амнияти миллӣ расонид.

Дар иртибот ба ин нукта кишвари мо мубориза ро бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир самти афзалиятноки сиёсати давлати худ эълон кардааст. Бо мақсади таъмин намудани натиҷаи ҳар чӣ бештари фаъолият дар ин самт 20 марти соли 2021 бо Фармони Президенти ҶТ «Стратегияи миллии мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2030» тасдиқ гардид.

Бо дарназардошти хатарҳои зикршуда, пас аз хориҷ шудани неруҳои байналмилалии таҳти сарварии ИМА дар соли 2021 аз қаламрави Афғонистон, мо бояд дар самти мубориза бар зидди терроризм, экстремизм, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, баланд бардоштани

иқтидори мудофиавии мамлакат ва ҳифзи сарҳади давлатӣ талош намоем. Дар ин марҳилаи нозук набояд ҳушёрии сиёсиро аз даст диҳем.

Бояд тазаккур дод, ки дар давлатҳои алоҳида, нашаъҷаллобон дар пайвастагӣ бо гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ, метавонанд дар шакл додани низои иҷтимоӣ таъсири худро расонанд. Дар натиҷа механизмҳои мудирияти иҷтимоӣ заиф гардида, таъсири амиқи худро ба пастравии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ мегузоранд. Чунин ҳолат дар давлатҳои аз ҷиҳати моддӣ заиф бо сахтӣ падидор мегардад, зеро онҳо иқтидори зарурии захираҳои иқтисодию молиявиро надоранд, бинобар он, имкони берун шудани давлати заиф аз ҳалқаи падидаи номатлуби мазкур душвор мегардад. Дар ин ҷода ҷойгоҳи махсусро хусусияти ҷаҳонии тиҷорати ғайриқонунии маводи мухаддир соҳибӣ менамояд. Зеро маводи мухаддир ба марзҳои давлатӣ кор надорад ва ба манъ будани хариду фурӯши он нигоҳ накарда, метавонад ҳам дар кишвари тавоно ва ҳам дар кишвари заиф паҳн шавад. Чунин хусусияти тиҷорати ғайриқонунии маводи мухаддир иқдомҳои давлатҳоро дар баробари худ нокифоя мегардонад.

Нуктаи мазкур дар Эъломияи СММ дар соли 1998 зикр гардидааст. Давлатҳои аъзои ин созмони бонуфуз омодагии худро барои рӯйи даст гирифтани чораҳои дахлдор барои пешгирӣ ва паст намудани сатҳи талаботи ғайриқонунӣ ба маводи мухаддир ва моддаҳои прекурсорӣ изҳор намуданд. Ҳамчунин, давлатҳои аъзо ба мувофиқа расиданд, ки барои таҳия ва қабули чораҳои якҷояи байналмилалӣ барои муборизаи ҳамоҳангшуда бо низоми байналмилалии тиҷорати ғайриқонунии маводи мухаддир ва нашъамандӣ тадбирҳои мушаххас андешанд.

Тавре маълум аст, дар ҷаҳони муосир гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои прекурсорӣ

(нашъаҷаллобӣ ва тиҷорати ғайриқонунии маводи мухаддир) хусусияти глобалӣ ва фаромиллиро касб намудааст. Рӯз то рӯз масъалаи гардиши ғайриқонунии аслиҳа, пулшӯйӣ, ки тариқи ғайриқонунӣ ба даст оварда шудааст, ҳамчунин, терроризм ба як ҳалқаи сарбаста мубаддал шудааст. Аз байни ин падидаҳои номатлуб терроризм дар минтақаҳои гуногуни дунё буруз намуда, таҳдиди ҷиддии иҷтимоиро меофарад ва ба низоми таъмини амнияти миллии кулли давлатҳои ҷаҳон хатар эҷод менамояд.

Дар навбати худ, истеъмоли ғайритиббии маводи мухаддир ба маризии ҷиддии иҷтимоӣ дар арсаи байналмиллалӣ мубаддал гардида, ҳалли он ба ҳайси афзалияти умумии инсоният шинохта мешавад. Дақиқан амнияти маълум аст, ки маводи мухаддир ба реша ва асли шахсият, ҷамъият ва давлат таҳдиди ҷиддӣ дорад ва боиси осебпазир шудани генофонди инсоният мегардад. Дар ин росто, фаромӯш набояд кард, ки суботи иҷтимоӣ нақши калидиро дар таъмини фаронизомии амнияти миллӣ дорад.

Тавре маълум аст, пешгирии таҳдидҳо унсури муҳимми таъмини амнияти миллӣ ба шумор меравад. Мувофиқи чунин фаҳмиш, таҳдидҳои аз воситаҳои нашъадор сарчашмагиранда, дар маҷмуъ, ба шароит ва омилҳое рабт доранд, ки ба ҳайси офарандаи хатар ба манфиатҳои ҳаётан муҳимми иҷтимоӣ ва иқтисодии шахс, ҷамъият ва давлат муаррифӣ мегарданд.

Моҳият ва муҳтавои таҳдидҳои эҳтимолӣ ва воқеии мавҷуда, бо назардошти аз манбаи дохила ё хориҷа будани он, ба низоми сиёсӣ ва иҷтимоӣ таъсир расонида, дар маҷмуъ, бо иртибот ба хусусияти манфиатҳои шахс, ҷамъият ва давлат фаҳмида мешавад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва гузариш ба модели иқтисоди бозорӣ

таҳдиди маводи мухаддир ба тамоми намуди амният, ки дар боло зикр гардид, ба назар мерасад.

Агар аҳли ҷомеа дақиқ донанд, ки дастрасӣ ба маводи мухаддир ва моддаҳои прекурсорӣ осон аст, пас ин ҳолат ба ташаккули афкори ҷамъиятии манфӣ сабаб мегардад, ки сабаби онро нотавонӣ ё набудани иродаи сиёсии ҳокимияти давлатӣ дар пешгирии ин падидаи номатлуб ташкил медиҳад.

Аз ин рӯ, мувофиқи мақсад аст, ки баррасии таҳдидҳои мавҷуда ба соҳаҳои мушаххаси ҳаёти инсон дар алоҳидагӣ сурат гирад ва он барои фаҳмиши дурусти масъалаи мазкур мусоидат намояд. Аз ҷониби дигар, истифодаи усули мазкур барои пешгирӣ ё паст намудани сатҳи он дар доираи таъмини амнияти миллӣ зарур дониста мешавад (муфассал ниг. ба: Ҷадвали № 2).

**Таҳдидҳо дар соҳаи иҷтимоиёт.** Дар мавриди масъалаи таҳдидҳо дар соҳаи иҷтимоӣ бояд гуфт, ки тиҷорати маводи мухаддир ба болоравии фавт дар байни аҳолӣ мусоидат намуда, боиси пайдо гардидани бемориҳои мисли Вируси норасоии масунияти одам - ВНМО (ВИЧ) ва Норасоии масуният – БПНМ (СПИД), Гепатит С (HCV), Гепатит В (HBV), сил (туберкулез- ТБ), бемориҳои ҷинсӣ, пневмонияи бактериалӣ ва эндокардит), порокандагии иҷтимоии аҳолӣ ва пастравии демографӣ (дар минтақаҳои сатҳи баланди истеъмоли маводи муххадир) мегардад.

Хатаровар он аст, ки теъдоди қобили мулоҳизаи нашъамандонро ҷавонон, яъне фардҳои масъул барои идомаи насл ташкил медиҳанд. Ин ҳолат таҳдиди ҷиддиро ба генофонди миллат эҷод менамояд. Ҳар сол дар сар то сари ҷаҳон ҳазорҳо нафар аз нашъамандӣ ба марг мерасанд ва ин теъдод онҳое ҳастанд, ки аз истеъмоли зиёди маводи нашъадор ин ҷаҳонро падруд мегӯянд. Садҳо ҳазори дигар ба шахсони аз назари иҷтимоӣ ғайрифаъол (инсони

имконияташ маҳдуд) мубаддал гардида, ҳамчун унсури солими созанда ва эҷодкор аз байн мераванд. Бо назардошти ин амнияти иҷтимоӣ ҳолатеро бозгӯ мекунад, ки шахс, гурӯҳи иҷтимоӣ ва умуман аҳли ҷомеа худро амн ҳис менамоянд. Чунин шароит барои эмин нигоҳ доштани манфиатҳои ҳаётан муҳим, ҳуқуқ ва озодиҳо зарур шуморида мешавад. Бояд зикр кард, ки сиёсати иҷтимоӣ ба ҳайси абзори таъминкунандаи амнияти иҷтимоӣ ҳамчун ҳадафи стратегии давлат зуҳур менамояд. Дар сурати муваффақ будани сиёсати иҷтимоии давлат сатҳи баланди амнияти иҷтимоии ҳар фарди ҷомеа дар амал татбиқ мегардад.

**Ҷадвали №2**

**Сохтори таҳдиди маводи мухаддир**




**Таҳдидҳо дар соҳаи иқтисод.** Таъмини амнияти иқтисодӣ зербинои молиявии амнияти миллӣ ба шумор меравад. Дар сурати заиф гардидани фазои ягонаи иқтисодии давлат гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир афзоиш

меёбад ва ба амнияти иқтисодӣ хисороти фаровон мерасонад. Таҳлили вазъи имрузаи мавзӯи мазкур собит менамояд, ки гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо ба амнияти иқтисодии кулли кишварҳои ҷаҳон, аз он ҷумла ба кишвари мо низ таҳдид эҷод менамояд. Чунин ҳолат дар натиҷаи афзоиш ёфтани истеъмоли ғайритиббии маводи нашъадор ба вуҷуд омада, боиси аз даст додани қобилияти меҳнат аз ҷониби шумори зиёди аҳолӣ мегардад ва ба канораҷӯйи дар ҷомеа мусоидат менамояд. Тавре маълум аст, канароҷӯйӣ яке аз масъалаҳои муҳимми ҳалталаб дар кулли давлатҳои ҷаҳон ба шумор меравад ва барои бартараф намудани он маблағҳои ҳангуфти буҷетӣ сарф шуда, дар аксар ҳолат натиҷаи дилхоҳро ба бор намеорад. Чунин шароит барои мақсаднок истифода намудани зарфияти буҷети давлат дар самти дастгирии давлатии иҷтимоӣ муосидат накарда, дар натиҷа, ба соҳаҳои афзалиятнок, аз қабили маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва варзишу тарбияи ҷисмонӣ маблағгузорӣ кам мешавад. Дар баробари падидаи боло, миқдори муайяни маблағҳои буҷетӣ барои пешгирӣ ва бартараф намудани гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои прекурсорӣ равона мегардад. Дар ниҳоят ба манфиатҳои иқтисодии давлатӣ хисороти ҷиддӣ расонида мешавад.

Тиҷорати ғайриқонунии маводи мухаддир ба низоми молиявии давлат низ хисорот мерасонад, ки дар асоси ба мушоҳида расидани пулшӯйии маблағҳои тариқи ҷинояткорӣ ба дастомада аз як кишвар ба кишварҳои дигар падидор мегардад. Ҳамчунин, нашъаҷаллобони ҷинояткор имкон доранд, ки воситаҳои молиявии иқтисоди миллиро аз гардиши қонунӣ бароварда, барои рушди ҷинояткорӣ равона созанд.

Тавре маълум аст, манфиатҳои иқтисодии нашъаҷаллоб бар зидди аслҳои суботи сиёсӣ аст. Дар мисоли Афғонистон метавон хулоса намуд, ки гардиши ғайриқонунии маводи

мухаддир агар ба ҳайси манбаи асосии низоъҳои минтақавӣ зуҳур накунад ҳам, ҳамчун неруи такондиҳандаи он мақом дошта, барои шадид гардидани вазъи зиддиятҳои мазҳабию қавмӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Инчунин, таҷриба нишон додааст, ки истифода аз маводи мухаддир яке аз манбаҳои аслии таъмини молии гуруҳҳои мусаллаҳ дар Афғонистон буда, ин гурӯҳҳо ба ҳар роҳу восита кушиш мекунанд, ки масриҳои интиқоли онро дар даст дошта бошанд.

**Таҳдидҳо дар соҳаи сиёсат.** Таҳдидҳо дар соҳаи мудирияти давлатӣ дар он зоҳир мегардад, ки ҷинояткории муташаккилона бо фасод пайванди амиқ дорад ва аз ҳисоби даромади ғайриқонунии худ барои маблағгузорӣ ва ришваи хизматчии давлатӣ истифода гардида, барои таъсир гузоштан дар мақомоти қудратӣ ва идорӣ кӯшиш менамояд. Мақомдори сатҳи баланди фасодзада худ ба ҳайси манбаи хатари амнияти сиёсӣ амал мекунад.

Хатари дигари наркобизнес дар он аст, ки ҳамеша кӯшиш дорад ба соҳаи сиёсӣ дахолат намояд. Агар дар давраҳои пеш манфиатҳои нашъаҷаллобро хизматчии давлатии фасодзада таъмин намояд, пас имрӯз раванди ворид шудани нашъаҷаллобони сатҳи гуногун ба сохторҳои давлатӣ ба назар мерасад.

Истеъмоли ғайритиббии маводи нашъадор, яъне нашъамандӣ ба зуҳури ҷинояткории муташаккил ва умумиҷиноӣ мусоидат намуда, барои зиёд гардидани ҷинояткорӣ дар ҷомеа замина меофарад. Зеро дар ҳолати сархушӣ аз маводи нашъадор инсон метавонад тамоми намуди ҷиноятро содир намояд. Ин ҳолат аз фаъолияти густурдаи нашъаҷаллобон шаҳодат медиҳад, ки бо гурӯҳҳои дигари муташаккилонаи мавҷуда пайванд шуда, аз тиҷорати маводи мухаддир фоидаи муфт ба даст меоранд.

Бинобар ин, бо чунин роҳҳо имкони ҷиддии пеш бурдани фаъолияти ғайриқонунии худро таҳким мебахшад.

**Таҳдидҳо дар соҳаи амнияти ҳарбӣ.** Имрӯз хатари воқеии ворид шудани гурӯҳҳои ба маводи мухаддир дастдошта ба артиш ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба назар мерасад. Сохторҳои мазкур ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири ҷомеа, дар сурати рушди истеъмоли маводи мухаддир, имкони офаридани таҳдиди ҷиддиро ба иқтидори мудофиавии давлат доранд. Аз имкон берун нест, ки насли ҷавони нашъаманд барои орӣ шудан аз ин падидаи номатлуб ба артиш меоянд ва фикр мекунанд, ки дар шароити хоси он худро ислоҳ менамоянд. Мутассифона, дар ҳолати равонии онҳо (яъне, нашъамандӣ) тағйирот ба вуҷуд намеояд.

Тавре маълум аст, қувваҳои мусаллаҳи давлат дар ҳоли субот ҳамеша барои боло бурдани омодагии ҳарбӣ ва иқтидори мудофиавӣ кӯшиш доранд. Дар ҳолати густариши истеъмоли ғайритиббии маводи мухаддир аз ҷониби хизматчиёни ҳарбӣ артиш имкони иҷро намудани уҳдадориҳои бевоситаи худ, яъне ҳифзи Ватанро аз даст медиҳад ва ба амнияти давлат таҳдиди ҷиддӣ меофарад.

Аз омӯзиш ва таҳлили санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, таълифоти илмию оммавӣ, маводҳои конфронсҳо ва нишастҳои дигари илмӣ метавон хулоса намуд, ки масъалаи таъмини ҳуқуқии фаъолияти давлат дар самти мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир аз маҷмуи саволҳое мебошад, ки таваҷҷуҳи доираи васеи мутахассисони соҳаҳои гуногунро ба худ ҷалб намудааст. Ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳи хоси мутахассисони соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, мурофиаи ҷиноӣ, ҳуқуқи маъмурӣ ва назарияи фаъолияти фаврию ҷустуҷӯйӣ васеъ ба назар мерасад. Шароити ҳозира бо он асоснок мегардад, ки

омӯзиши илмии ҷанбаҳои гуногуни ин зуҳурот барои ҳалли масъалаҳои умдаи ҷомеа таъсири мусбат мерасонад.

## Ҷойгоҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми байналмилалии муқовимат бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ

Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз эъломи Истиқлолияти давлатии худ, 9-уми сентябри соли 1991, дар таҳкими давлатдорӣ қадамҳои устувор мегузорад. Аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ Ватани мо бо мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ шуд, ки дар байни онҳо мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар ва моддаҳои психотропӣ мавқеи махсус дорад.

Чунон ки маълум аст, Тоҷикистон дар оғози Истиқлоли давлатии худ ба доми ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд. Бар замми ин ҷангҳои байнигурӯҳӣ, ҳузури гурӯҳҳои байналмилалии ҷиҳодӣ ва террористӣ дар қаламрави Афғонистон барои Тоҷикистони тоза ба истиқлолрасида нигаронкунандаи буд. Дар иртибот ба масъалаи мазкур Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазъи ҳассоси ҳамонвақтаи Афғонистонро ба назар гирифта, 30-юми сентябри соли 1994 аз минбари баланди Ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид аз ҷомеаи ҷаҳонӣ чунин даъватро ба амал овард буданд: «Таваҷҷуҳи шуморо ба ташвишу изтиробе, ки вазъияти ҳамсояи мо – Давлати Исломии Афғонистон ба амал овардааст, ҷалб накарда наметавонам. Вазъияти ин мамлакат, ки ҷанги дохилӣ бар муносибатҳои ҷамъиятӣ ғолиб омадааст, ҷомеаи ҷаҳонро бепарво гузошта наметавонад. Муноқишаи Афғонистон хавфи ба миён омадани воҳидҳои ҷузъии ҷуғрофиро пеш меорад, ки дар оянда заминаи терроризми байналҳалқӣ ва худсарона паҳн гардидани аслиҳа, маводи мухаддир шуда

метавонад… Мо ҷомеаи ҷаҳонро даъват менамоем, ки проблемаи Афғонистонро ҷиддан мавриди муҳокима кокор диҳанд»[19].

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лаҳзаи ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ҳамчун ҷузъи фаъол ва комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо мубориза мебарад. Кишвари мо аҳамияти ҳамкории байналмилалиро дар мубориза бо маводи мухаддир дарк намуда, низоми ҳамоҳангсозии натанҳо дохилӣ, инчунин байналмилалиро инкишоф дод.

Қадами аввалин ва ҷиддӣ дар ин самт соли 1994 бо ҳамроҳшавӣ ба Конвенсияи ягона дар бораи маводи мухаддири соли 1961, Конвенсияи моддаҳои психотропии соли 1971 ва Конвенсияи СММ оид ба мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддири соли 1984 зоҳир мегардад, ки Тоҷикистонро ба низоми ягонаи ҷаҳонии мубориза бар зидди маводи мухаддир аз нигоҳи ҳуқуқӣ ба расмият даровcovered. Ин қадам дар пайи худ боиси ҳамкориҳои фаъолона бо Кумитаи байналмилалӣ оид ба назорати маводи мухаддир, Раёсати Созмони Милали Муттаҳид оид ба маводи мухаддир ва ҷинояткорӣ (UNODC) ва институтҳои дигари соҳавии СММ, аз қабили: Барномаи рушди СММ, Созмони Байналмилалии Тандурустӣ (СБТ), ЮНИСЕФ, ЮНЕСКО, Созмони байналмилалии меҳнат ва Раёсати СММ оид ба рушди саноат гардида, Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо ниҳодҳои мазкур пайваст намуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор кишварҳои дигар, аз ҷумла бо Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Федератсияи Русия ва ғайраҳо

[19] Раҳмонов Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷилди аввал. –Душанбе: «Ирфон», //// – С.271.

созишномаҳои дуҷонибаи мухталифро дар соҳаи муқовимат ба гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ба имзо расонидааст.

Вазорату идораҳои кишвар низ Созишномаҳои байнисохториро дар соҳаи муқовимат ба гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир бо сохторҳои масъули давлатҳои дигар имзо кардаанд.

Қадами муҳимми дигар ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Байналмилалии пулиси ҷиноятӣ аст, ки бо номи Интерпол машҳур мебошад.

Дар доираи кишварҳои узви Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ) мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон сиёсати зиддикоррупсионии худро таҳти сарпарастии Бюрои ҳамоҳангсозии мубориза бо ҷиноятҳои муташаккил ва навъҳои дигари ҷиноятҳои хавфнок (БҲМҶХ), ки бо қарори Шурои Сарони давлатҳои ИДМ 24 сентябри соли 1993 бунёд шуда буд, муттаҳид намуд.

Дар иҷлосияи Шурои амнияти дастҷамъонаи кишварҳои узви Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ (СААД) аз 23 июни соли 2005, Қарор дар бораи Шурои ҳамоҳангсозии роҳбарони мақомоти салоҳиятноки кишварҳои узви СААД оид ба муқовимат ба гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир қабул карда шуд, ки пас аз он фаъолияти густурда дар самти муқовимат бо маводи мухаддир дар доираи ин Созмон ривоҷ ёфт.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин, ба ҳайати Созмони муътабари IDEC (International Drug Enforcement Conference), ки 91 кишвари ҷаҳонро муттаҳид месозад ва ба гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир муқовимат нишон медиҳад, ворид гардид.

Дар шароити афзоиши таҳдиди маводи нашъаовар барои кишварҳои минтақаи шомили Меморандуми ҳамдигарфаҳмӣ оид ба ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи

назорати маводи мухаддир (Озарбойҷон, Қазоқистон, Русия, Қирғизистон, Туркманистон, Ӯзбекистон) дар бораи бунёди Маркази Осиёимиёнагии ҳамоҳангсозии минтақавии иттилоотӣ (МОҲМИ) қарор қабул карда шуд. Вазифаҳои асосии ин Марказ аз мусоидат намудан ба ташкил, гузаронидан ва ҳамоҳангсозии амалиёти мувофиқашудаи якҷояи байналмилалӣ оид ба мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, инчунин, таъмини ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, муҳофизат, таҳлил ва мубодилаи иттилоъ доир ба ҷиноятҳои фаромарзии бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир алоқаманд иборат аст.

Дар робита бо ин бояд зикр намуд, ки Тоҷикистон усули раҳёфти комплексӣ ва мутаносибро ба ҳалли мушкилоти бо маводи мухаддир алоқаманд ҷонибдор аст. Сиёсати амалишавандаи кишвар ба асл ва мақсадҳои аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфташудаи Оинномаи СММ, Конвенсияи ягона оид ба маводи мухаддири соли 1961 ва Протоколи соли 1971, Конвенсия оид ба моддаҳои психотропии соли 1971 ва Конвенсияи СММ дар бораи мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, соли 1988 мувофиқат мекунад.

Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи СММ Усули сиёсӣ ва Нақшаи глобалии татбиқ доир ба маводи мухаддирро амалӣ мекунад, ҳамчунин, санадҳои меъёрӣ ва талаботи Кумитаи байналмилалӣ оид ба назорати маводи мухаддирро ба роҳбарӣ мегирад[20].

Ба ин тариқ, метавон тасдиқ кард, ки давлат дар ҳамаи сатҳҳои миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ чораҳои фаъолона дида, бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, аз истеҳсолкунанда то истеъмолкунанда, мубориза мебарад.

[20] Сомонаи расмии Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: http://taj.akn.tj.

Пас аз ҳодисаҳои маълуми 11-уми сентябри соли 2001 мубoризаи ҷомеаи ҷаҳонӣ бар зидди терроризм ва экстремизму радикализм дар Афғонистон оғоз гардид. Яке аз вазифаҳои эъломшудаи ҳайати байналмилалӣ мубориза бар зидди кишти кукнор ва банг мебошад, ки дар Афғонистон доман паҳн кардааст. Хатари маводи мухаддирро пешбинӣ намуда, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи июли соли 1998 дар Сессияи махсуси Ассамблеяи Генералии СММ оид ба масъалаҳои мубориза бо маводи мухаддир дар мавриди мавқеи Тоҷикистон ва чораҳои аз ҷониби кишвари мо дар ин самт татбиқшаванда суханронӣ намуда, пешниҳод карданд, ки дар атрофи Афғонистон «камарбанди амниятӣ» ба вуҷуд оварда шавад[21].

Тибқи Консепсияи «Афғонистони бехатар», ҳамсоякишварҳо дар марҳалаи кунунӣ барои рушд ва таъмини амният бояд мусоидат намоянд. Яъне, масъалаи таъмини амнияти минтақаҳои наздисарҳадӣ бо Афғонистон ва худи таъмини амнияти пойдор дар ин кишвар ба манфиатҳои ҳаётан муҳимми кулли кишварҳои ҳамсоя ҷавобгӯй бошад.

Ҳамчунин, таъкид кардан лозим аст, ки дар суханронии Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба 10-солагии таъсисёбии Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқдомҳои байналмилалии Тоҷикистон баҳри пешгирии гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир иброз шуда буданд. Сардори давлат зикр намуданд, ки баҳри дар амал татбиқ намудани эътилофи ягонаи зидди мухаддирот аз минбари иҷлосияи 58-уми Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид бори дигар ҷомеаи ҷаҳониро ба ташкили ҳамкориҳои глобалӣ дар самти муқовимат бо хатари

[21] Муфассал ниг. ба: Раҳмонов Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷилди дуюм. – Душанбе: «Ирфон», 2002.– С. 406-410.

мухаддирот даъват кардаанд. Пешниҳоди мазкури Тоҷикистон ба феҳристи «Ташаббусҳои ниҳоят муҳимми соли 2003 дар бахши таъмини сулҳу амният» ворид карда шуд, вале, мутаассифона, то ҳол ҷиҳати татбиқи пурраи он иқдомоти муассир сурат нагирифтааст[22].

Ёдовар бояд шуд, ки ҷуғрофиёи паҳншавии маводи мухаддир торафт васеъ мегардад. Маълум аст, ки дар ҳудуди кишвари бо мо ҳамсоя - Афғонистон вазъияти ҳарбию сиёсӣ мураккаб буда, беш аз 20 гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ ҳузур ва фаъолият мекунанд. Аз ин рӯ, истеҳсол ва кочоқи бемамониати маводи мухаддир ривоҷ меёбад. Тоҷикистон аз рӯйи мавқеи ҷуғрофии худ ва сарҳади беш аз ҳазору чорсад километра, ки назораташ осон нест, сипари асосӣ дар роҳи интиқоли маводи мухаддир ба минтақаи пасошуравӣ ва гӯшаҳои дигари дунё гардидаст. Тоҷикистон солҳои зиёд пеши роҳи паҳншавии маводи мухаддир, терроризм ва экстремизмро дар минтақа гирифтааст. Сатҳи баланди истеҳсоли ғайриқонунии маводи мухаддир дар Афғонистон ва қочоқи он омили асосии муайянкунандаи вазъи марбут ба ин падидаи манфӣ дар Тоҷикистон ва тамоми минтақаҳои Осиёи Марказӣ ва кишварҳои пасошуравӣ мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон хатари паҳншавии маводи мухаддирро эҳсос намуда, бо гардиши ғайриқонунии фаромиллии маводи мухаддир фаъолона мубориза мебарад. Назорат аз болои гардиши ғайриқонунии мавдои мухаддир таҳти таваҷҷуҳи доимии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ муаррифӣ гардидааст. Бинобар ин, барои таҳлили мушаххаси ташаббус ва механизмҳои муборизаи Тоҷикистон бо ин хатар дар поён чораҳои асосиро зикр

[22] Муфассал ниг. ба: Раҳмон Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди нӯҳум – Душанбе: «Ирфон», 2010. – С. 455.

мекунем, ки аз ҷониби кишвари мо дар замони истиқлол анҷом дода шудаанд:

**Якум,** иқдоми таърихӣ ва сарнавишстсоз дар ин самт Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми декабри соли 1994, таҳти № 92 **«Дар бораи чораҳои таъхирнопазир барои рушди минбаъдаи фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ, амният ва Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон»** буд, ки дар асоси он бо Фармони Вазири корҳои дохилии кишвар, таҳти № 570, 30-юми декабри соли 1994 **«Дар бораи дигаргуниҳои ташкилӣ-штатӣ»** Раёсати мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддири ВКД ҶТ таъсис ёфта буд.

**Дувум,** Фармони таърихии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 464, аз 12-уми апрели соли 1996 **«Дар бораи чораҳои таъхирнопазир оид ба пурзӯр намудани мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар»**[23] асоси иқдомҳои доманадор ва ҳадафмандро дар мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир гузошт. Ҳамзамон, бо ин, дар сохтори вазоратҳо ва мақомоти дахлдори кишвар зерсохторҳои махсус оид ба мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир таъсис ёфтанд ва ба амал шуруъ намуданд.

Ҳамчунин, бо Қарори Ҳукумати ҶТ **Комиссияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба назорати воситаҳои нашъаовар**[24] ташкил карда шуд.

**Сеюм,** ҷанбаи байналмилалии мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир мебошад, ки бо дарки аҳамияти баланди он аз ҷониби Роҳбарияти олии кишвар қарори сиёсӣ барои ҳамроҳ шудани Тоҷикистон ба санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ қабул гардид. Дар ин росто

---

[23] Ниг. ба: Раҳмон Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди нӯҳум. –Душанбе: «Ирфон», 2010. – С. 448.

[24] Ниг. ба: Раҳмон Э. Асари мазкур, С. 448.

Тоҷикистон Конвенсияҳои зидди маводи мухаддири СММ-ро дар солҳои 1961, 1971, 1988 имзо намуда, ба низоми ҷаҳонии муқовимат ба маводи мухаддир ворид гардид.

Ҳамчунин, лозим ба ёдоварист, ки Парлумони Тоҷикистон нақши худро дар робитаҳои байналмилалӣ дорад ва санадҳои зеринро бо қарори худ тасвиб намудааст:

- Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 186, аз 4-уми ноябри соли 1995 **«Дар бораи ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсия оид ба мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ»;**
- Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 376, аз 14-уми декабри соли 1996 **«Дар бораи ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи ягона оид ба маводи мухаддир», ки соли 1961 қабул шудааст ва иловаҳои ба он воридгардида (мувофиқи Протоколи соли 1972);**
- Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 375, аз 14-уми декабри соли 1996 **«Дар бораи ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсия оид ба моддаҳои психотропии соли 1971».**

Аз ҷониби дигар, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ҳамкориҳои байналмилалии худ иштирокчии барномаҳои Созмони милали муттаҳид гардид, ки маҷмуи чораҳои умумиҷаҳониро дар самти мубориза бо маводи мухаддир муайян менамояд:

- Лоиҳаи AD/RER/96/B88 бо унвони **«Пурзӯр кардани фаъолияти сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ ва ривоҷ додани ҳамкорӣ дар ноҳияҳои наздисарҳадии минтақаи Осиёи Марказӣ»** ва **«Хатти Ош»** дар моҳи майи соли 1997;
- Лоиҳаи AD/RER/99/ C32 **«Бахаритагирии ноҳияҳои парвариши ғайриқонунии маводи мухаддир» (солҳои 1997-2000) «Бахаритагирӣ»,** дар соли 1997;

- Лоиҳаи байналмилалии СММ AD/RER/98/C37 бо унвони **«Тадқиқ ва омода кардани агенти аз ҷиҳати экологӣ бехатар барои нест кардани кукнор»** дар соли 2001[25].

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони соҳибихтиёрии давлатии худ таҷрибаи нодири мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухадирро дар арсаи ҷаҳонӣ пайдо намуд. Тавре таърихи навини кишвар гувоҳӣ медиҳад, ба имзо расидани **«Протокол дар бораи таъсиси Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон»**[26] дар Раёсати СММ оид ба назорати маводи мухаддир ва пешгирии ҷиноят миёни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муовини Дабири Кулли СММ Пино Арлекки дар пойтахти Австрия – шаҳри Вена, 27-уми апрели соли 1999 иқдоми ҷиддӣ дар ин самт ба шумор меравад.

Баҳри татбиқи протоколи мазкур бо мақсади пурқувват намудани мубориза бар зидди маводи мухаддир дар Тоҷикистон мақомоти махсуси зидди маводи мухаддир ташкил ва аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид ва ҷомеаи ҷаҳонӣ қабул карда шуд. Дар робита ба ин санад бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 1-уми июни соли 1999 Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Бояд зикр кард, ки таъсиси мақомоти махсуси зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар Тоҷикистон барномаи аввалин дар таҷрибаи Созмони Милали Муттаҳид ба шумор меравад. Барнома дар муҳлатҳои кӯтоҳтарин таҳия гардида, татбиқи ҳамаҷонибаи он оғоз

---

[25]Сомонаи расмии Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: http://taj.akn.tj/.

[26] Дар бораи Агентӣ ва вазифаҳои асосӣ // Сомонаи расмии Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Захираи электронӣ. Нишони дарёфт: http://taj.akn.tj/index.php?option=com_content&view=article&id=240&Itemid=57.

гардид. Дар робита ба ин Тоҷикистон соли 1999 ба кишварҳои узви ИДМ, созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва сохторҳои дигари минтақавӣ **«Консепсияи эътилофи ягонаи зидди мухаддирот»** ро таҳия ва пешниҳод намуд. Ҳадафи аслии ҳуҷҷати стратегии мазкур аз андешидани чораҳои амалӣ дар самти мубориза бо маводи мухаддир, ҳифзи сарҳади давлатии кишвар аз кочоқи маводи мухаддир, расонидани ёрии башардӯстона, барқарор намудан ва модернизатсияи иқтисоди Афғонистон иборат буд.

Бо мақсади дар амал татбиқ намудани мақсад ва мароми **эътилофи ягонаи зидди мухаддирот** Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз минбари сессияи 58-уми Ассамблеяи Генералии СММ суханронӣ намуда, бори дигар ҷомеаи ҷаҳониро барои ба роҳ мондани ҳамкории глобалӣ дар самти муқовимат бо таҳдиди маводи мухаддир даъват намуд [27]. Икдомҳои байналмилалии Роҳбарияти олии Тоҷикистон дар самти мубориза бо маводи мухаддир бо ҷиддият ва саривақтӣ будани худ фарқ мекунанд, зеро дурнамои муборизаи ҷаҳонӣ бо ин падидаи номатлуб ҳамаҷониба таҳлил ва баррасӣ шудааст.

Вазъи имрӯзаи Афғонистон ва тамоюли гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар арсаи ҷаҳонӣ собит намуд, ки ташаббусҳои Президенти кишвар комилан дуруст буданд ва бо ғояҳои башардӯстонаи худ дар арсаи ҷаҳонӣ то ҳол муҳиму мубрам боқӣ мемонанд.

**Чорум,** ҷанбаи дохилидавлатии мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир аст. Барои ҳадафмандона татбиқ намудани сиёсати давлатӣ дар самти мубориза бо ин падидаи номатлуб дар байни солҳои 1996 - 2007 дар Тоҷикистон се Барномаи давлатӣ таҳия ва қабул карда шуд, ки стратегияи мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи

[27] Ниг. ба: Раҳмон Э. Асари мазкур, С. 455.

мухаддир, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои он, назорати гардиши маводи мухаддир, пешгирии нашъамандӣ, табобат ва барқароргардонии саломатии нашъамандонро дар бар мегирифт. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 585, аз 30-юми ноябри соли 2007 аз нав **«Барномаи ягонаи давлатии мақсадноки пешгирии нашъамандӣ ва муқовимат ба гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012»** тасдиқ карда шуд. Ҳадафи асосии барномаи мазкур аз татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба қатъи паҳншавии маводи мухаддир, ташкили муборизаи мақсаднок бо гардиши ғайриқонунии онҳо, табобат ва барқароргардонии нашъамандон, инчунин, мустаҳкам намудани асоси фаъолияти мақомоти уҳдадори давлатӣ дар ҳамин самт иборат аст. Ҳамчунин, қонун, як қатор барномаҳо ва иқдомҳои дигар аз ҷониби Роҳбарияти олии кишвар дар самти мубориза бо маводи мухаддир қабул ва амалӣ шуданд, ки чанде аз онҳоро дар поён зикр мекунем:

- Барномаи давлатии **«Чорабиниҳои асосӣ оид ба мубориза бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ барои солҳои 1996-1998»**[28], ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳи майи соли 1999, таҳти № 202 тасдиқ шудааст.
- Барномаи давлатии **«Чораҳои комплексии мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо, назорат аз болои гардиши қонунии онҳо, пешгирӣ, табобат ва реабилитатсияи беморони нашъамандӣ барои солҳои 1999-2000»**[29], ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи 12-уми майи соли 1999, таҳти № 202 тасдиқ шудааст.

---

[28] Ниг. ба: Раҳмон Э. Асари мазкур, С. 448.

[29] Муфассал ниг. ба: Раҳмонов Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷилди сеюм. –Душанбе: «Ирфон», 2002.– С. 3-12.

- Баргузории **Конфронси байналмилалии илмӣ бахшида ба мубориза бар зидди маводи мухаддир** дар Тоҷикистон, дар таърихи 15-уми январи соли 1999, ки дар он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон суханронӣ намуд.
- Баргузории **Машварати кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии Ҷумҳурии Тоҷикистон[30],** 9-уми феврали соли 1999, ки дар он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон суханронӣ карда буд.
- Конференсияи байналмилалӣ бо унвони «XXXX» дар таърихи 21-уми октябри соли 1999 бо мақсади тавсеа бахшидан ба ҳамкории байналмилалӣ дар Душанбе баргузор гардид. Дар кори конфронс аз давлатҳои гуногуни ҷаҳон шахсиятҳои сиёсӣ ва мутахассисон иштирок ва суханронӣ намуданд. Масъалаи мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар меҳвари конфронс қарор дошт ва оид ба роҳҳои ҳалли мушкилоти бо истеҳсол, кочоқ ва паҳн карда шудани маводи мухаддир дар минтақаи Осиёи Марказӣ пешниҳодҳо шуданд.
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маводи мухаддир, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо»[31] таҳти № 873, дар таърихи 10 декабри соли 1999.
- **«Барномаи ягонаи мақсадноки пешгирии нашъамандӣ ва муқовимат ба гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012»[32]**, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи 30-юми ноябри соли 2007, таҳти № 585 қабул карда шуд.
- «Стратегияи миллӣ оид ба мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

[31] Ниг. ба: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо» дар таърихи 10-уми декабри соли 1999, таҳти № 873. Захираи электронӣ. Нишони дарёфт: http://www.parlament.tj/files/konunho/1999/vositahoi_nashador.rar.
[32] Сомонаи расмии Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: http://taj.akn.tj.

барои солҳои 2013-2020»[33], ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи 13 феврали соли 2013, таҳти № 1409 тасдиқ карда шуд.

- Стратегияи миллӣ оид ба назорати маводи нашъаовар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 ба фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 марти соли 2021, №145 тасдиқ карда шуд.

Тоҷикистон барои рушди ҳамаҷонибаи ҳамкориҳо бо тамоми кишварҳои ҷаҳон, ки воқеан бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо, инчунин, моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд муборизаи беамон бурдан мехоҳанд, махсусан ҳавасманд аст. Дар ин самт Тоҷикистон мубориза бар зидди маводи мухаддирро ҳамчун вазифаи муҳимтарини таъмини амнияти миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ мешуморад ва барои устувории минбаъдаи ҳамкориҳои байналмилалӣ кӯшиш ба харҷ медиҳад. Кишвари мо мақсад дорад, ки ҳамкориҳои манфиатовари дуҷониба, воқеъбинона ва кушодаро бо ҳамаи кишварҳо устувор намуда, онҳоро мавриди истифодаи дарозмуддат қарор диҳад. Бинобар сабаби узви СҲШ, СААД, ва ЕАГ (Гурӯҳи Авруосиёии мубориза бо расмӣ гардонии маблағҳои ҷиноӣ ва сармоягузории терроризм) будан Тоҷикистон созишномаҳои зиёди дуҷонибаро татбиқ намуда, дар доираҳои онҳо мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддирро ба роҳ мондааст.

Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмҳои ҳамасолаи худ ба Маҷлиси Олии кишвар дар назди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои дигари дахлдор вазифа мегузорад, ки тамоми имконият ва захираҳоро барои ошкор кардани гурӯҳҳои фаромиллии муташаккил равона созанд. Инчунин, ба дастгир кардан ва ба ҷавобгарии

[33] Ҳамин ҷо.

ҷиноӣ кашидани шахсони гунаҳкор, пурзӯр намудани чораҳои пешгирии паҳншавии маводи мухаддир ва нашъаи сунъӣ дар байни аҳолӣ, махсусан ҷавонон, таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад.

Маҷмуи чораҳои аз ҷониби давлати мо дар самти мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ андешидашударо таҳлил ва баррасӣ намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки вазифаҳои дар назди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бахусус, Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошташуда, мавҷудияти таҷрибаи ҷиддиро собит менамоянд. Аз ин рӯ, истифодаи ҳамаҷонибаи собиқаи мавҷуда барои ҷонибҳои манфиатдор дар самти мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир метавонад васеъ истифода шавад.

Мавҷудияти чунин усули мубориза ва иродаи сиёсии Роҳбарияти олии Тоҷикистон дар мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир собит менамояд, ки мавқеъ ва усули муборизаи давлатии Тоҷикистони комилан мустақилона ба роҳ монда шуда, яке аз таҷрибаҳои муваффақи ҷаҳонӣ ба шумор меравад.

Аз ин рӯ, роҳбарони идораҳои ҳифзи ҳуқуқи кишварҳои минтақа ташаббуси ташкили коалитсияи якҷояи зидди маводи мухаддирро барои муқовимат ба ҷиноятҳои нашъаҷаллобии фаромиллӣ, ки аз Афғонистон сарчашма мегиранд, таъсис додаанд. Дар ин ҷода таҷрибаи нодири Тоҷикистон метавонад васеъ истифода шавад, зеро маводи мухаддир офати умумиҷаҳонӣ аст ва мубориза бо он вазифаи ҷонии ҷомеаи ҷаҳонӣ ба шумор меравад.

Бо назардошти вазъияти ба миён омада дар кишвар ба гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир боз ҳам муқовимати самаранок бояд нишон дода шавад. Ҷазо барои фурӯши маводи мухаддир, интиқол ва тарғиби он бояд сахттар шавад.

Таҷриба ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки саркардагон ва аъзои гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятии нашъаҷаллоб бо ҳар роҳу восита талош мекунанд аз ҷазо халос шаванд, лекин ба ин набояд роҳ дод.

Таҳлили ҷойгоҳи Тоҷикистон дар муқовимати ҷаҳонӣ бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир собит менамояд, ки самти мазкур дар сиёсатгузориҳои умумиҷаҳонӣ афзалияти худро дар дурнамои дарозмуддат ҳифз хоҳад кард. Аз ин рӯ, густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ ва муаррифӣ намудани таҷрибаи миллӣ боиси пазируфтани он дар арсаи ҷаҳонӣ мегардад.

Имрӯз зарур аст, ки талошу муборизаи воқеии Тоҷикистон дар самти мубориза бо маводи мухаддир ба ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ карда шавад. Маҳз мақомоти қудратии Тоҷикистон дар пешгирӣ намудани воридшавии гурӯҳҳои муташаккилу мусаллаҳи ҷиноӣ, силоҳ, маводи мухаддир, адабиёти экстремистӣ, сина сипар мекунанд, зиндагии орому осоиштаи сокинони мамлакат ва минтақаро ҳифз мекунанд. Ҳифзи сарҳади тӯлонӣ байни Тоҷикистон ва Афғонистон кори осон нест. Ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд дарк кунад, ки ***Тоҷикистон на истеҳсолкунанда ва интиқолдиҳанда, балки қурбонии ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ аст*** ва дар ин самт бояд мусоидати молиявӣ, технологию фаннӣ ва ҳарбию истихборотиро ба кишвари мо барои таҳкими марзҳои давлатӣ бо Афғонистон дареғ надоранд.

## Гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва таъсири он ба низоми таъмини амнияти миллии кишварҳои Осиёи Марказӣ

Тавре маълум аст, дар минтақаи Осиёи Марказӣ (Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон,

Ӯзбекистон) маводи мухаддир ва истеъмоли ғайритиббии он решаҳои таърихӣ доранд, вале хоси мардуми ин минтақа нест. Дар охири асри XIX – ибтидои асри XX маркази асосии паҳншавии маводи мухаддир Аморати Бухоро, хонигариҳои Қӯқанду Хива буданд[34].

Бодиянишинони Осиёи Марказӣ бо фурӯш ва кашонидани кукнору банг машғул буданд. Чунон ки маълум аст, уйғурҳо ва дунганҳо, якҷоя бо Артиши Рус, ки бо хоҳиши ҳукумати Чин аз соли 1871 то соли 1881 дар водии Илий (ба ном «Ҳудуди нав» -и империяи Тсин - Синсзян) мавҷи кашонида шудани нашъаро бозмедоштанд, аз шимоли Чин ба кишвари Туркистон ҳиҷрат карданд. Баргардонидани қисмҳои ҳарбӣ ба минтақаи Туркистон аз паси худ халқҳои ғайричинӣ - уйғурҳо (таранчи), дунганҳо ва қазоқҳои ҷонибдорони Русияро аз паси худ овард. Маҳз дунганҳо, ки дар фурӯши нашъа моҳир буданд, тиҷорати нашъаро аз минтақаҳои ҳамсарҳади Иссиққӯл ба Чин ва баръакс ривоҷ доданд. Қазоқҳо ва қирғизҳоро нашъамандии маишӣ дар даҳсолаҳои охири асри XX фаро гирифт.

Дар замони Шуравӣ кукнор асосан дар ноҳияҳои ҷудогонаи Қазоқистон ва Қирғизистон, ки бештар иқлими гарму хушк доранд, парвариш карда мешуд. Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Қирғизистон дар самти парвариши саноатии кукнори доруии босифат ҷойи намоёнро ишғол мекард. Дар давраи солҳои 1916-1974 дар ҳудуди Қирғизистон дар 98 колхозу совхоз кукнор расман кишт мешуд ва барои ба даст овардани ашёи хоми соҳаи дорусозии тиббӣ пешбинӣ мегардид. Ашёи хомро ба давлат месупориданд ва он дар корхонаҳои Қазоқистон барои эҳтиёҷоти саноати дорусозӣ коркард мешуд. Майдони умумии кукнор 64 ҳазор гектарро ташкил медод, ҳаҷми он, мувофиқи баъзе маълумот, то 80%-и дар ИҶШС

[34]Анциферов Л.В. Гашишизм в Средней Азии. -Ташкент, 1934. – 45 с.

истеҳсолшаванда ва 16%-и истеҳсолоти ҷаҳонии кукнорро ташкил мекард. Қисми зиёди кукнори истеҳсолшаванда тариқи дуздӣ ба гардиши ғайриқонунӣ ворид мегашт. Дар робита ба ин, азбаски Ҳукумати ИҶШС ба хулоса расид, ки бо мавҷи афзояндаи нашъамандӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир мубориза бурда наметавонад, аз соли 1974 қарор баровард, ки кишти қонунии кукнор қатъ шавад. Вале ҳаҷми гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир (бахусус, банг, инчунин, дар шакли доруворӣ) дар Иттиҳоди Шуравӣ бемайлон афзоиш меёфт. Дар Ҷумҳурии Қирғизистон банг ва кукнорҳои худрӯй паҳн шудан гирифтанд. Ин вазъият бар он мусоидат менамуд, ки аз замони Шуравӣ гашиш ва марихуана аз рустании кукнор тайёр карда шуда, технологияҳои одитарини коркарди меткатинон (эфедрон) аз кукнори худрӯй барои истеъмоли инъексионӣ ба роҳ монда шуда буданд. Ба ғайр аз ин, дар бораи мавҷудияти заминаи хусусии ашёи хоми маводи мухаддир дар минтақаи Осиёи Марказӣ бояд гуфт, ки миқдори зиёди ин гуна майдонҳо ба ҳудуди Қазоқистон рост меомаданд ва танҳо дар водии Чуй 140 ҳазор га замини кукнори худрӯй мавҷуд буд. Бо назардошти вазъи мураккаби маводи мухаддир дар соли 1987, бо қарори Шурои Вазирони ИҶШС парвариши кукнор дар тамоми ҳудуди давлати Шуравӣ манъ гардид[35].

Соли 1958 Вазорати корҳои дохилии ИҶШС дар гузориши худ ба Кумитаи Марказии ҲКИШ вазъи маводи мухаддирро дар кишвар чунин арзёбӣ карда буд: «Мувофиқи маълумоти ВКД ИҶШС, дар баъзе навоҳии кишвар, бахусус, дар Осиёи Миёна ва Кавказ, ҷиноятҳои вазнин, ба мисли дуздӣ ва фурӯши ғайриқонунии кукнор,

[35] Калачев Б.Ф. Суверенизация государств Средней Азии и Казахстана как фактор, способствующий незаконному обороту наркотиков // Ислам и народная культура. - Москва: Институт этнологии и антропологии им. Н.Н. Миклухо-Маклая РАН, 1988. – С. 33-42.

нашъа ва маводи дигари мухаддир ниҳоят васеъ доман паҳн кардаанд»[36].

Ба сабаби ин ки қисме аз аҳолии ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ бо кашидани нашъа машғул буданд, шахсони нашъаҷалоб ва ҷинояткор ашёи хоми маводи мухаддирро аз муасссисаҳои расмӣ медуздиданд ва ба нашъакашҳо мефурӯхтанд.

Соли 1954 барои ин гуна ҷиноят мақомоти милисаи ҷумҳуриҳои Қирғизистон, Қазоқистон, Туркманистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон 244 нафар дуздон ва ҷаллобонро ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида, 352 кг кукнорро мусодира намуданд.

Соли 1955 аз ҷониби ҳамин мақомот 290 дуздон ва ҷаллобони нашъа ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуда, 680 кг маводи мухаддири хом аз онҳо мусодира карда шуд. Вазъияти мавҷуда далели он аст, ки ба мардуми ин минтақаҳо нашъаҷаллобӣ ва нашъакашӣ шинос аст, онҳо аз ин ду чиз аллакай хабар доранд[37].

Хусусияти демографӣ ва тақсимоти сунъию ноодилонаи сарҳад миёни кишварҳои Осиёи Миёна, ки мардумонаш байни худ умумиятҳои қавмӣ, равобити мунтазами хешутаборӣ дар минтақаҳои наздисарҳадиро нигоҳ доштаанд, боиси он гардид, ки маскангирӣ дар ҷойҳои нав барои авҷ гирифтани гардиши маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ мусоидат намояд.

Дар шароити имрӯза барои гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар кишварҳои Осиёи Марказӣ омилҳои зерин таъсир мерасонанд:

---

[36] «Коммерсантъ ВЛАСТЬ» (Аналитический еженедельник), №22 [676], 05.06.2006 г.

[37] Жирнов Е. Дело о советских наркокартелях // Журнал «Коммерсантъ Деньги».– № 39 от 07.10.2013. Захираи электронӣ. Нишони дарёфт: http://www.kommersant.ru/doc/2303999.

- кишт, тавлид, хариду фурӯш ва интиқоли маводи мухаддир аз қаламрави Афғонистон;
- мавҷудияти базаи хусусии ашёи хоми маводи мухаддир;
- равандҳои манфии иҷтимоӣ дар ҷомеа;
- номукаммалии механизми муқовимат ба гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир;
- мавҷудияти талабот ба маводи мухаддир дар минтақа (нашъамандон).

Тағйир ёфтани вазъи имрӯзаи дунё ба афзоиши таҳдид ва хатарҳои глобалӣ мусоидат намуд. Дар шароити имрӯза ҷомеаи ҷаҳонӣ бо онҳо рӯ ба рӯ мешавад ва ин раванд ба вазъияти давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ низ таъсири манфӣ мерасонад. Бояд гӯфт, ки муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо нисбат ба терроризм ва экстремизм барои кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳдиди бештар доранд.

Аз охири солҳои 1990 минтақаи Осиёи Марказӣ масири асосии интиқоли маводи мухаддир аз бозорҳои Шарқ ба Ғарб мубаддал гардид. Вазъи Афғонистон, алалхусус, минтақаҳои шимолии он, ки бо кишвари мо ҳамсарҳад мебошанд, бениҳоят мушкилу номуайян боқӣ монда, авзои онҳо рӯз ба рӯз мураккаб гардида истодааст. Пӯшида нест, ки гурӯҳҳои алоҳида дар Афғонистони солҳои сол ин ҷониб аз ҳисоби кишт, истеҳсол ва интиқолӣ маводи мухаддири зиндагӣ мекунанд. Ба истеҳсолкунандаи маводи мухаддир табдил ёфтани Афғонистон сарчашмаи асосии афзоиши хатар, ноороми ва беморalии аҳолии кишварҳои Осиёи Марказӣ гардид. Афғонистон бо Тоҷикистон беш аз 1400 км, бо Ҷумҳурии Туркманистон 700 км ва бо Ӯзбекистон 137 км сарҳад дорад.

Кишварҳои Осиёи Марказӣ вобаста ба ҷойгиршавии ҷуғрофии худ барои гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятии

фаромиллӣ ҷозиб ва мувофиқ гардиданд. Тибқи маълумоти Раёсати СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷинояткорӣ – UNODC (The United Nations Office for Drug Controland Crime Prevention), дар ҳудуди Афғонистон ҳамасола майдони кишти кукнор зиёд шуда, ҳазорҳо тонна маводи мухаддир ҷамъ оварда мешавад, ки беш аз нисфаш ба ҳероин табдил дода мешаванд. Аз онҳо 40% ҳероини коркардшуда ба тариқи транзит аз ҳудуди Эрон, 30% аз ҳудуди Покистон ва қариб то 30% бо «масири шимолӣ» аз тариқи кишварҳои Осиёи Марказӣ ба бозорҳои Русия ва кишварҳои Аврупои Ғарбӣ интиқол меёбанд[38].

Аз рӯйи масири маълум, маводи мухаддир ба кишварҳои Осиёи Марказӣ – Тоҷикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон ва баъдан ба Қирғизистону Қазоқистон ворид мешавад. Барои интиқоли маводи мухаддир аз нақлиёти автомобилӣ, роҳи оҳан ва ҳавопаймо истифода мебаранд. Инчунин, қочоқи маводи мухаддир аз тариқи роҳҳои душворгузар ва назораташ душвори кӯҳӣ тавассути дарёҳои Панҷ ва Амударё бо воситаҳои нақлиёти обии худсохт анҷом дода мешавад. Усулҳои анъанавии пинҳон кардани маводи мухаддир дар пинҳонгоҳҳои нақлиётӣ, дар байни хӯрокворӣ, бағоҷи дастӣ, ҷиҳози шахсӣ ва дар ҷисми инсон бо роҳи фурӯбарӣ низ маъмуланд. Мувофиқи маълумоти оморӣ, кишварҳои Осиёи Марказӣ дар шумори кишварҳои транзитии маводи мухаддир ва анбори хусусии нигоҳдории маводи мухаддир қарор гирифта, дар навбати баъдӣ, худашон ба истеъмолкунандагон мубаддал мешаванд.

[38] Муфассал ниг. ба: «Обзор производства опия в Афганистане в 2013 году (Краткое изложение результатов исследования)» / Ноябрь 2013 года / Издание Управление Организации Объединенных Наций по наркотикам и преступности (UNODC) и Министерства по борьбе с наркотиками Исламской Республики Афганистан. – 27 с.

Дар **Ҷумҳурии Тоҷикистон,** мувофиқи маълумоти Вазорати тандурустӣ, шахсони гирифтори нашъамандӣ дар соли 2024 беш аз 4014 нафарро ташкил додаанд[39].

Дар **Ҷумҳурии Ӯзбекистон** шумораи умумии шахсони дар қайди диспансерҳо ва рӯйхати дар профилактика (пешгирӣ) карордошта, дар робита бо истеъмоли ғайритиббии моводи психоактив, 5698 нафарро ташкил медиҳанд[40].

Дар **Ҷумҳурии Қирғизистон,** мувофиқи маълумоти расмӣ, шумораи шахсони дар қайди муассисаҳои тиббии наркологӣ қарордошта дар соли 2024 ба 6768 нафар расидааст[41].

Дар **Ҷумҳурии Қазоқистон** расман 18200 нафар нашъаманд ба қайд гирифта шудаанд[42].

Дар **Туркманистон** дар хусуси нашъамандон маълумоти расмӣ вуҷуд надорад. Ба гуфтаи Хемра Гутлиев, духтур-наркологи диспансери наркологии Тошҳавз, ба ҳар 100 ҳазор нафари аҳолӣ 400 нафар нашъаманд рост меояд, аммо шояд аз ин даҳ баробар зиёд бошад[43].

Мувофиқи арзёбии СММ (UNODC), шумораи нашъамандон дар кишварҳои Осиёи Марказӣ торафт меафзояд.

Ҳамчун оқибати истеъмоли нашъа хавфи бемории ВНМО/БПНБ (ВИЧ/СПИД) дар ҳамаи кишварҳои Осиёи

---

[39] Сомонаи расмии Агентии назорати моводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: http://taj.akn.tj.

[40] Официалиный сайт Национального информационно-аналитического Центра по контролю за наркотиками при Кабинете Министров Республики Узбекистан: http://www.ncdc.uz/ru/about.

[41] Официалиный сайт Государственной службы по контролю наркотиков при Правительстве Кыргызской Республики: http://www.gskn.kg.

[42] Официалиный сайт Комитета по борьбе с наркобизнесом и контролю за незаконным оборотом наркотиков МВД РК: http://newskaz.ru.

[43] Аннаев Дж. В Туркменистане борются с причинами наркомании // 25 сентября 2013г. Захираи электронӣ. Нишони дарёфт: http://inozpress.kg/news/.

Марказӣ зиёд гардида, шумораи гирифторони ин бемори меафзояд. Домони гардиши ғайриқонунӣ ва истеъмоли ғайритиббии маводи мухаддир дар ҳудуди кишварҳои Осиёи Марказӣ ба сиҳатии омма, низоми иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ, ҳамчунин, ба амнияти миллии кишварҳои минтақа таҳдиди ҷиддӣ мекунад. Маводи мухаддир аллакай ба яке аз масъалаҳои ҳалталаби минтақа табдил ёфта, бо тамоми ҷиҳатҳои манфиаш зоҳир мешавад.

Гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо, экстремизм, терроризм, хариду фурӯши аслиҳа ва қочоқи одам, яъне таҳдид ва хатарҳои раванди ҷаҳонишавӣ ба Осиёи Марказӣ низ таъсири манфӣ мерасонад. Дар минтақаи мазкур раванди таҳкими давлатдории соҳибихтиёр, ислоҳоти иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҷараён дорад. Имрӯз васеъ гаштани гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ба яке аз мушкилоти асосии умумиҷаҳонӣ мубаддал гардида, ба зербинои иҷтимоию иқтисодии давлатҳо ва сиҳатии омма таъсир мерасонад. Новобаста ба миллат ва сарҳад, дар муҳити мушкилоти бо маводи мухаддир иртиботдошта, тамоми кишварҳо бояд ҷалб карда шаванд. Зеро чунин хатар ба тамоми кишварҳо, новобаста ба мавқеи ҷуғрофӣ, сохти сиёсӣ ё сатҳи рушди иқтисодӣ, таҳдид мекунад.

Дар миқёси байналмилалӣ миллионҳо одамон аз истеъмоли маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ азият мекашанд, садҳо ҳазор оилаҳо вайрон мешаванд, ҳазорҳо одамон, бахусус ҷавонон, мемиранд. Ба ғайр аз ин, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир барои содир гардидани ҷиноятҳои сершумор, бахусус хусусияти фаромиллидошта, терроризм ва экстремизм мусоидат мекунад. Бинобар ин, масъалаи мазкур боиси нигаронии ҷомеаи ҷаҳонӣ гардидааст.

Лозим ба таъкид аст, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқи давлатҳои Осиёи Марказӣ тамоми кӯшиши худро сарф мекунанд, ки бо таҳдиди паҳншавии маводи мухаддир мубориза баранд, аммо нашъаҷаллобии ҷаҳонӣ давра ба давра тағйир ва таҳавул меёбад ва кӯшиш мекунад, ки аз чашмҳо пинҳон бошад. Бо кӯшиши мақомоти дахлдор дар соли 2023 аз шумори умумии маводи мухаддири дастгиршуда дар самти «масири шимолӣ», дар Тоҷикистон ва Ӯзбекистон аз чор як қисми маводи мухаддири интиқолшаванда, дар миёнаи роҳ – Қазоқистон ва Қирғизистон қариб сеяк ва дар ҳудуди Русия қисми боқимондаи он дастгир карда шудааст[44].

Бояд гуфт, ки дар панҷ соли охир шумораи ҷиноятҳои марбут ба гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар минтақа ду баробар афзудааст.

Дар маҷмуъ, дар солҳои 2019-2024 дар ҳудуди кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Федератсияи Русия аз муомилоти ғайриқонунӣ 16,1 тонна афюн мусодира шудааст, ки аз ин миқдор ба Тоҷикистон - 32%, Ӯзбекистон – 29%, Туркманистон - 17%, Қазоқистон – 14% ва Қирғизистон - 8% рост меояд.

Сарфи назар аз андешидани чораҳои пешгирикунанда аз ҷониби кишварҳои минтақа гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, афзоиши шумораи беморони нашъамандӣ ё муътодон назаррасанд. Агар маълумоти омори расмиро аз назар гузаронем, хоҳем дид, ки маводи мухаддир кишварҳои Осиёи Марказиро фаро гирифтааст (муфассал ниг. ба: **Ҷадвали №3 ва Ҷадвали №4**).

[44] Шарҳи вазъи вобаста ба маводи нашъадор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2013 (Нашрияи Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон). – 112 с.

**Ҷадвали №3**

**Раванди мусодираи маводи мухаддир дар кишварҳои ИДМ**




Аз Соли 2019 то 2024 дар кишварҳои минтақа шумораи ҷиноятҳои ба қайд гирифташудаи алоқаманд бо маводи мухаддир ду баробар афзудааст.

Тибқи таҳлил, дар панҷ соли охир мусодираи маводи мухаддир 8,5 маротиба ва мусодираи маводи мухаддири сунъӣ (синтетикӣ) 400 маротиба афзоиш ёфтааст. Бинобар ин, равиши чунин тамоюлҳои манфӣ андешидани чораҳои ҳамаҷониба ва ташкили ҳамкории самараноки судманди байнисоҳавӣ ва байналмилалиро талаб мекунанд. Ташвишовар он аст, ки паҳншавии маводи мухаддири синтетикӣ дар байни ҷавонон ба мушоҳида мерасад, ки мушкилоти ҷиддӣ мебошад. Фаъолияти нашъаҷалобон дар шакли муташаккил бештар хусусияти фаромиллӣ дорад.

Тибқи гузориши СММ оид ба маводи мухаддир дар соли 2024, майдони ҷаҳонии кишти кукнор нисбат ба соли 2023 70 фоиз кам шудааст. Зеро дар моҳи апрели соли 2022 аз ҷониби Ҳаракати “Толибон” дар Афғонистон кишт ва истеҳсоли маводи мухаддир манъ карда шуд. Аз ин сабаб

истеҳсоли афюн дар соли 2023, тибқи гузоришҳои расмӣ, 74 фоиз кам шуд[45]. Аммо бояд таъкид намуд, ки дар шароити феълӣ аз ҷониби манбаҳои мустақил тасдиқ намудани даъвои маҳдуд кардани кишти кукнор ғайри қобили имкон аст. Зеро муассисаҳои мустақили байналмилалӣ, ниҳодҳои расмӣ в аваколатдори мубориза бо маводи мухаддири кишварҳои ҳамсоя, ки дар гузашта дар Афғонистон намояндагиҳои расмӣ доштанд, имкони фаъолият ва тасдиқи ин оморро надоранд. Гузашта аз ин, мизони қочоқи маводи мухаддир ба кишварҳои ҳамося ва оморҳое, ки аз боздошти қочоқ ироа мешавад, нишон медиҳад, ки захираи маводи мухадир дар Афғонистон ҳамчунон бузург аст ва он ба коҳиши майдони кишт далолат намекунад.

Ба ин тариқ, тибқи маълумоти оморӣ, дар кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳдидҳои воқеии нашъамандии ҷомеа, ки мушкилоти иҷтимоӣ ва иқтисодиро ба бор меоранд, зуҳур намудаанд.

Вазъияти дигари муайянкунандаи вазъи нашъаҷаллобӣ сатҳи ҷиноятҳои бо маводи мухаддир алоқаманд ба шумор меравcovered. Тамоюли афзоиши ҷиноятҳои бо маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ алоқаманд, инчунин, сӯиистифода аз онҳо боиси ҷаҳонӣ шудани ин «вабои иҷтимоӣ» мегардад. Яке аз омилҳое, ки ба мавҷудияти ин навъи ҷиноятҳо мусоидат мекунад, интиқоли маводи мухаддир аз Осиёи Марказӣ ба Аврупо мебошад. Осиёи Марказӣ натанҳо минтақаи интиқоли маводи мухаддир, инчунин, ба минтақаи истеъмоли он мубаддал гардида истодааст. Нашъаҷаллобони Афғонистон ба генофонди халқҳои Осиёи Марказӣ зарбаи ҷиддӣ мезананд. Паҳншавии ғайриқонунии нашъа, ки боиси харобшавии неруи инсонӣ мегардад, ба афзоиши зуҳуроти террористӣ ва экстремистӣ мусоидат намуда, омили иловагии

[45] Всемирный доклад о наркотиках, 2024 год https://www.unodc.org/documents/data-and- analysis/WDR

ташкилёбии гурӯҳҳои ғайриқонунии мусаллаҳ мегардад. Ҳамчунин, дар низоми байналмилалӣ вазъияти низоъбарангезро афзоиш медиҳад, ки дар ин маврид ҳамовозии таъҷилии ҷомеаи ҷаҳонӣ зарур аст. Таҳдидҳо ба амнияти давлатҳои Осиёи Марказӣ гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, паҳн гардидани радикализм, терроризм, экстремизми динӣ, хариду фурӯши аслиҳа, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, низоъҳои қавмӣ ва сепаратизм ба шумор меравaнд.

Масъалаи гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ба мушкилоте бадал шудааст, ки ба тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ иртибот дорад. Кишварҳои минтақа наметавонанд дар танҳоӣ бо ин зуҳурот мубориза баранд.

Бо назардошти фарох будани фазои суйистифода аз маводи мухаддир вазъ талаб мекунад, ки чораҳои ҷавобии қатъӣ андешида шавад. Шубҳае нест, ки дар ин самт ҳамкориҳои байналмилалиро ривоҷ бояд дод. Давлат дар танҳоӣ аз уҳдаи мубориза бо ин офат намебарояд.

Бояд ёдовар шуд, ки дар самти мубориза бо маводи мухаддир ҳамкориҳои байналмилалӣ муваффақиятҳои назаррас доранд. Мутаассифона, нисбат ба сохторҳои масъули давлатҳо нашъаҷаллобӣ ниҳоят серҳаракат ва фаъол мебошанд. Аз ин рӯ, қувваи асосиро на барои ҷустуҷӯйи аксуламал ба усули густариши афзояндаи нашъаҷаллобӣ, балки ба решакан намудани сарчашмаи гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир бояд равона кард. Таҷриба нишон медиҳад, ки давлат бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ, инчунин, таҳдидҳои дигар танҳо бо усули махсус мубориза бурда наметавонад. Барои муборизаи пурсамар раҳёфти маҷмуӣ, сиёсати пурқуввати иҷтимоӣ, ҳамкориҳои васеъ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ, сохторҳои тиҷоратӣ ва созмонҳои байналмилалӣ заруранд. Озодшавии иқтисод, рушди муносибатҳои бозорӣ, демократикунонӣ, тавсеа бахшидани

иштироки шаҳрвандон дар мудирияти давлатӣ ва ҳамкории судманд бо шахсиятҳо новобаста аз миллат, маҳал, ақидаи сиёсӣ ва дар маҷмуъ, ҳавасманд намудани шаҳрвандон боиси коста гардидани хавф мешавад. Ҳар чӣ бештар тавсеа додани ҳамкориҳои байналмилалӣ ва байнисохторӣ дар мубориза бо гардиш ва истеъмоли ғайритиббии маводи мухаддир, инчунин, дар татбиқи барномаҳои байналмилалии зидди маводи мухаддир фаъолона ширкат варзидан зарур аст.

Гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар яке аз монеаҳои ҷиддӣ дар роҳи рушд мебошад. Мубориза бо ин қувва ва ҷинояти муташаккили фаромиллӣ аз рӯзҳои аввали пайдоиши он вазифаи ҷонии ҷомеаи ҷаҳонӣ аст. Аммо, ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, таҳдид барои суботу амният, ки гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷиноятҳои трансмиллӣ ба вуҷуд меоранд, кам нагардидааст. Хоҳишмандоне, ки аз ҳисоби нашъамандон сарват ҷамъ намуданӣ ҳастанд, то ҳол кам нагардидаанд.

Дар баробари хавфи нашъамандии ҷомеа стратегияи ягонаи мубориза бо кочоқ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ бояд тарҳрезӣ шавад. Дар самти мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир истилоҳи «масири шимолӣ» бисёр такрор мешавад, ки интиқоли маводи мухаддирро аз Афғонистон тавассути ҳудуди кишварҳои Осиёи Марказӣ дар назар дорад. Ин масир аз ҷониби нашъаҷаллобон пас аз барҳам хӯрдани ИҶШС истифода мегардад.

Дар маҷмуъ, ба ҳайси кишварҳои истеҳсолкунандаи маводи мухаддир Бирма, Лаос, Тайланд бо унвони «сегонаи тиллоӣ» дар солҳои 1970-ум маъруф буданд, ки беш аз 67%-и маводи мухаддирро дар дунё истеҳсол мекарданд. То саршавии ҷанги Афғонистон истеҳсоли маводи мухаддир дар кишварҳои «Ҳилоли тиллоӣ» (Эрон, Афғонистон,

Покистон) комилан ба бозорҳои дохилӣ нигаронида шуда будаанд ва истеҳсоли ҳероин тамоман вуҷуд надошт[46].

Аз миёнаҳои солҳои 90-ум нашъаҷаллобӣ дар ин кишварҳо ба яке аз навъҳои сердаромади тиҷорати ҷиноятӣ табдил ёфта, гурӯҳҳои зиёди муташаккили ҷиноиро фаро гирифт. Ҷаззобии нашъаҷаллобӣ дар он аст, ки талабот ба нашъа меафзояд ва бо харҷи кам даромади зиёде ба даст меояд.

Ҳероини афғонӣ чунин масир дорад: ба Шарқ – Чин, ба Ғарб – тавассути Эрон ба Аврупо. Ин ду масир ба он сабаб мушкил аст, ки роҳбарияти Чин ва Эрон бар зидди нашъамандӣ муборизаи беамон мебаранд.

Ба мақсади интиқоли маводи мухаддир аз Афғонистон даҳҳо самти гуногун ба вуҷуд оварда шудааст ва яке аз онҳо аз шимол мегузарад, ки бо номи «Масири шимолӣ» машҳур аст. Мувофиқи маълумоти СММ аз 2/3 ҳиссаи маводи мухаддири афғонӣ аз роҳи Осиёи Марказӣ интиқол меёбад[47].

Чунон ки маълум аст, афюни афғонӣ дар бозори ҷаҳонӣ хусусияти монополӣ касб кардааст. Майдонҳои кишти он дар Афғонистон ба масоҳати рекордӣ расида буд, ки 209 ҳазор ҳектарро ташкил мекард. Гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ба манбаи асосии даромади гурӯҳҳои ҷинояткор, инчунин, террористону исёнгарон табдил ёфтааст. Ба таври дигар гӯем, фаъолияти ғайриқонунии бо маводи мухаддир алоқаманд ба хатари халқҳои минтақаҳои гуногуни олам мубаддал гардидааст. Мувофиқи маълумоти Раёсати СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷинояткорӣ -

[46] Казанцев А. Опиум для народов (Экспансия афганской наркомафии угрожает всему цивилизованному миру). Захираи электронӣ. Нишони дарёфт: http://www.globoscope.ru/content/articles/1132/?sphrase_id=7367.

[47] Резюме доклада «Наркомания, преступность и мятежники (Транснациональная угроза афганского опия) / Октябрь 2009 года / Издание Управление Организации Объединенных Наций по наркотикам и преступности (UNODC).- 23 с.

UNODC, Афғонистон калонтарин сарчашмаи афюн (беш аз 90%) ба шумор меравад[48].

Дар гузориши нави хадамоти зидди маводи мухаддири СММ ба ҷараёни интиқоли маводи мухаддир аз Афғонистон бо ҳудуди Осиёи Марказӣ, бо назардошти вазъияти геополитикии ин кишварҳо, равшанӣ андохта мешавад. Дар ин ҳисобот усули интиқоли қочоқбарони ҳероин ва афюн аз Афғонистон (манбаи асосии истеҳсоли ин кишту кор) ба Россия (истеъмолкунандаи асосӣ) зикр гардидааст. Ҳамасола бо ин масир 90 тонна ҳероин – қариб чоряки тамоми миқдори ин маҳсулот, ки аз Афғонистон мебарояд, интиқол дода мешавад. Дар мавриде, ки ҳукумати кишварҳои минтақа камтар аз 3%-и онро дастгир мекунанд[49].

Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи ягонаи интиқоли маводи мухаддир дар масири шимолӣ нест. Маводи мухаддир (ҳероин ва афюн) тавассути тамоми кишварҳои ҳамсояи Афғонистон кашонида мешавад, аммо як силсила омилҳо бар он мусоидат намудаанд, ки самти Тоҷикистон барои наркомафияи байналмилалӣ дар транзити маводи мухаддир ҷолиб бошад.

Аз гуфтаҳои боло чунин хулоса мешавад, ки нашъаҷаллобӣ, ҷинояти муташаккили фаромиллӣ, терроризми байналмилалӣ дар дурнамои кӯтоҳмуддат боз ҳам бешатр фаъол гардида, барои кишварҳои ҳамсоя бо Афғонистон дар масири шимолӣ масъалаҳои нав ба навро ба вуҷуд меоранд.

Кишварҳое, ки дар роҳи масири шимолӣ қарор доранд, аз ғасби маводи мухаддир (наркоэкспансия) зарари ниҳоят калон мебинанд. Ҷомеаи ҷаҳонӣ хуб мефаҳмад, ки ҳеҷ як давлат дар танҳоӣ бо хатари маводи мухаддир муқовимат

---

[48]Ниг. ба: Всемирный доклад о наркотиках 2012 год. / Издание Управление Организации Объединенных Наций по наркотикам и преступности (UNODC).Вена, 2012.- 153 с.

[49] Ниг. ба: Всемирный доклад о наркотиках 2012 год.

нишон дода наметавонад. Ба ҳар як кишвар лозим аст, ки дар сатҳи миллӣ сохтор ва шаклгирии гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва хусусиятҳои онро муайян намояд. Нашъаҷаллобон (наркомафия) бо ҷиноятҳои муташаккил, экстремизм ва терроризм робитаи устувори сохтории ҷиноӣ доранд, ки фаъолият, самаранокӣ ва устувории ин соҳаро таъмин менамоянд.

Рушди нашъаҷаллобӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ аз бисёр ҷиҳат ба омилҳои қавмӣ ва ҳудудӣ алоқамандӣ доранд, ки ба пайдоиши силсилаи таъсири гурӯҳҳои ҷудогонаи ҷиноятӣ асос гардидааст. Савдои ғайриқонунии маводи мухаддир заминаи асосии таъмини молиявии гурӯҳҳои ҷиноятии муташаккил, ташкилотҳои террористию экстремистӣ, ҷонибҳои манфиатдорон дар бесуботии вазъ дар Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Дар пайи буҳрони иҷтимоию иқтисодӣ ва афзоиши сатҳи камбизоатӣ дар ҳама гуна ҷомеа вазъият шиддатнок боқӣ мемонад.

Дар сурати паст шудани сатҳи зиндагӣ, бекорӣ ва фаноёбии арзишҳои ахлоқӣ қисме аз аъзои ҷомеа ба нашъамандӣ ва ҷиноятҳои вобаста ба маводи мухаддир даст мезананд.

Дар натиҷаи таҳлили таҷрибаи бисёрсолаи муборизаи кишварҳои гуногун бо нашъамандӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ҷомеаи ҷаҳонӣ ба хулосае омад ва дар санадҳои СММ зикр шуд, ки мубориза бо ин зуҳурот дар ду самт бояд ба роҳ монда шавад:

1) коҳиши талаботи ғайриқонунӣ ба маводи мухаддир;

2) коҳиши пешниҳоди ғайриқонунии маводи мухаддир[50].

---

[50] Ниг. ба: Всемирный доклад о наркотиках 2011 год (резюме) / Издание Управление Организации Объединенных Наций по наркотикам и преступности (UNODC).– 14 с.

Аз ин бармеояд, ки нашъамандӣ, сӯйистифода аз он ва гардиши ғайрирасмии маводи мухаддир зуҳуроти ба ҳам алоқаманд ва ба ҳам вобаста мебошанд. Дар ин маврид лозим аст, ки натанҳо ба таносуби истеҳсол ва гардиши ғайриқонунӣ, муқаррар кардан ва ҷазо додани нафарони дар ин ҷиноят шарик, ошкор намудан ва табобати нашъамандон, инчунин, дар баробари ҳамаи инҳо ҷалби гурӯҳҳои нав ба истеъмоли маводи мухаддир пешгирӣ кардани содиршавии ҷиноят дар самти гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад. Дар ниҳоят, пешгирии қонунвайронкунӣ хубтар ва беҳтар ошкор намудани ҷиноятҳои содиршуда ва аз нав тарбия намудани ҷинояткорон мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки солҳои охир шумораи шаҳрвандони Афғонистон, ки мунтазам нашъа истеъмол мекунанд, 53% - аз 150 ҳазор то 230 ҳазор ва истеъмолкунандаи ҳероин ба 140% - аз 50 ҳазор то 140 ҳазор афзудааст, ки дар ин бора гузориши Раёсати СММ оид ба нашъамандӣ ва ҷинояткорӣ - UNODC гувоҳӣ медиҳад. Мувофиқи маълумоти UNODC, қариб як миллион шаҳрвандони Афғонистон, аз сини 15 то 64 сола, аз нашъамандӣ азият мекашанд[51]. Бисёре аз онҳо ҳангоми дар урдугоҳҳои Эрону Покистон гуреза будан ба истеъмоли маводи мухаддир даст задаанд.

Тавре дар сомонаи расмии Раёсати СММ оид ба мубориза бо нашъамандӣ ва ҷинояткорӣ оварда шудааст, шумораи нашъамандон дар Афғонистон аз шумораи умумиҷаҳонӣ ду баробар зиёд аст. Директори иҷроияи ин идора Антонио Марио Коста зикр намудааст, ки масъалаи нашъамандӣ дар Афғонистон ба мисли аксари кишварҳои аврупоӣ тезутунд аст. Бисёре аз шаҳрвандони Афғонистон аз афюн, ҳероин ва банг барин маводи мухаддир, инчунин, баъзе доруҳои

[51] Ниг.: Ҳамон асар, ҳамон саҳифа.

бедардкунанда ва оромкунандаҳои (транквилизаторҳо) ба одат мубаддалшаванда вобастагӣ доранд[52].

Тиҷорати ғайриқонунии маводи мухаддир бемории иҷтимоии замони муосир аст ва барои табобати он дарк кардан ва фаҳмидани тамоми ҷузъиёт ва мушкилоти мубориза бо ин зуҳурот зарур мебошад. Дар ин ҷода қабули қарор наметавонад якхела бошад, зеро дарёфти роҳи дуруст усули гуногунҷанбаро талаб мекунад. Дар ин маврид ба вуҷуд овардани тадқиқоти васеи вобаста ба масъалаҳои зерин мувофиқи мақсад дониста мешавад:

- талабот ба маводи мухаддир, сифат ва нархи он;
- робитаи маводи мухаддир бо ҷинояткорӣ ва терроризм;
- ҳаҷми воридоти маблағҳои байналмилалӣ, ки бо хариду фурӯши афюни афғонӣ алоқаманд аст;
- ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ дар масири шимолӣ.

Барои паст кардани хавфи нашъамандшавии ҷомеаҳои Осиёи Марказӣ таҳияи чораҳои асоснокшуда барои ҳифзи саломатии шаҳрвандон ва таъмини бехатарии кишварҳои минтақа зарур шуморида мешавад.

Дар ин ҷода бояд таваҷҷуҳи махсус ба нашъаҷаллобони бо гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ робитадошта, нафарони бо ҷиноятҳои фаромиллӣ алоқаманд ва ба нашъаҷалобони бо шахсони алоҳида, инчунин, ба гурӯҳҳои хурди ҷиноӣ робитадошта зоҳир карда шавад.

Дар мубориза бо ин вабо, пеш аз ҳама, омӯзиш ва ошкор кардани сабабҳои асосии бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир машғул будани нафарон ё гурӯҳи одамон зарур аст. Доманаи икониятҳо ва гурӯҳҳои ин одамон, инчунин, маҳаки асосии фаъолияти онҳо низ бояд муқаррар

[52] Ниг. ба: Официальный сайт Управления Организации Объединенных Наций по наркотикам и преступности (UNODC): http://www.unodc.org.

карда шавад. Танзими мафҳумҳо, моҳият, тамоюли рушди муосири ҷиноятҳои вобаста ба маводи мухаддир ва таҳлили хусусиятҳои ҷиноятии он низ ба мақсад мувофиқи аст. Дар ҳама гуна ҷамъият нашъаҷаллобӣ аввал дар байни гурӯҳҳои хурди ҷиноятӣ пайдо шуда, баъдан, пас аз фаъолияти густурда ба гурӯҳҳои калони ҷиноӣ табдил меёбад.

Муайян кардани масир ва ҳудуди ба сифати долони интиқоли маводи мухаддир истифодашаванда, дар мисоли афюни афғонӣ, низ ба уҳдадориҳои сохторҳои нашъаҷаллоб дохил мешаванд. Барои интиқол роҳҳои инкишофёфтаи фаросарҳадӣ ва фароминтақавии заминӣ, ҳавоӣ, обӣ, корвони суннатӣ ва роҳи пиёдагард истифода мешаванд. Қисме аз маводи мухаддир, чунон ки таҷриба нишон медиҳад, дар масир боқӣ мемонад, ки ин боиси ҷалб шудани мардуми маҳаллӣ ба фаъолияти ҷиноятии бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир алоқаманд мегардад.

Раванди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир (нашъаҷаллобии муосир) аз истеҳсол, интиқол ва фурӯши маводи мухаддир ва психотропӣ иборат аст. Дар омӯзиши хусусияти иқтисоди ҷиноӣ дақиқ муайян кардани доманаи он ғайриимкон аст.

Мувофиқи баҳогузории Раёсати СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷинояткорӣ, ҳаҷми гардиши пули нашъаҷаллобии ҷаҳонӣ 300-600 миллиард доллари ИМА-ро ташкил медиҳад, ки ин иқтисоди сеюми ҷаҳонӣ буда, бо тиҷорати газу нафти ҷаҳонӣ баробар мебошад. Амалиёти ҷиноӣ бо маводи мухаддир аз 300 то 2000% фоида меорад, ки онро барои созмонҳои ҷинояткори фаромиллӣ хеле мувофиқ мегардонад [53]. Дар сатҳи миллӣ дар байни гурӯҳҳои ҷиноятпешаи маҳаллӣ паҳн мешавад, ки

[53]Ниг. ба: Всемирный доклад о наркотиках 2012 год. / Издание Управление Организации Объединенных Наций по наркотикам и преступности (UNODC). – Вена, 2012.– 153 с.

мақсадашон гирифтани фоида дар муддати кӯтоҳ аст. Тахмин мешавад, ки 70% воситаҳои молиявӣ, ки дар дасти гурӯҳҳои ҷинояткоранд, маҳз ба туфайли гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ба даст меояд.

Агар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ роҳҳои асосии дарёфти воситаҳои молиявиро мебаст, нашъаҷаллобӣ то андозаи муайян ҷаззобияти худро аз даст медод. Вале даромади калони нашъаҷаллобиро, ки миллиардҳо долларро ташкил медиҳад, «дар хона пинҳон карда» намешавад. Бастани каналҳо мушкил аст, зеро усули ба кисаи чап задании пулҳо хеле зиёд мавҷуд аст ва неруҳои ниҳоят зиёде аз паси ин даромад зиндагӣ мекунанд.

Аз рӯйи гуфтаҳои боло метавон хулоса намуд, ки ба сохтори нашъаҷаллобӣ лашкари азими ёварон ва коршиносон хизмат мекунанд, ки вазифаашон ба дом афтонидани адвокатҳо, мушовирони молиявӣ, маклерҳои биржавӣ, мутахассисон оид ба маблағгузорӣ, агентҳо оид ба фурӯши амволи ғайриманқул, бахусус, хизматчиёни бонкӣ ва соҳибони муассисаҳои начандон калони молиявӣ мебошад, ки бо мақсади пурратар намудани сафҳои худ истифода менамоянд. Волиёни гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир амният, молия ва хизматрасонии бонкиро таъмин менамоянд, фоидаҳои бадастомадаро ҷамъ мекунанд ва онҳоро ба соҳаҳои қонунии иқтисод аз нав маблағгузорӣ менамоянд.

Зикр намудан лозим аст, ки мусоидат ба гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир (нашъаҷаллобӣ) ё ихтиёрӣ ё ба зӯрӣ амалӣ карда мешавад. Барои расидан ба ҳадафҳои нопоки худ нашъаҷаллобон воситаҳои ниҳоят зиёд доранд. Бештар зархаридӣ, фишор, таҳдид, шантаж, буҳтон, ва ниҳоят террор истифода карда мешавад. Ин усулҳо қариб ҳамеша ба онҳо имкон медиҳад, ки ба сохтори худ

мансабдорон ё ходимони бахши хусусиро гоҳ аз рӯйи хоҳиш, гоҳо бо роҳи зӯрӣ ҷалб намоянд.

Тиҷорати ғайриқонунии маводи мухаддир, бо гардиши қариб баробари 8%-и савдои ҷаҳонӣ, фоидаҳои ниҳоят азим медиҳад, ки, бешубҳа, наркосиндикати фаромиллӣ дар фаъолияти ҷиноии худ аз силоҳҳои аз ҳама замонавӣ, низомҳои таҷҳизотии электронӣ ва усули навтарини таъмини амният истифода мебаранд.

Ҳамасола нашъаҷаллобон аз тамоми минтақаҳои дунё қарби 100 ҳазор аслиҳа мехаранд; қариб 500 майдони парвозу нишасти махфӣ, қариб ҳамин миқдор дастгоҳҳои парвози аз ҷониби наркосиндикатҳо истифодашаванда ошкор карда, ҳангоми парвоз боздошт ва мусодира карда мешаванд[54].

Сохтори гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ ниҳоят гуногунҷанба мебошад. Тавсифи он аз рӯйи чандин паҳлу бояд сурат бигирад, яъне намуди маводи мухаддир, истеҳсолу пахш, фурӯш, масири асосӣ ва усули дастрасии он мебошад. Бояд ба назар гирифт, ки нашъаҷаллобон хислати махсус доранд. Ба ҳамаи чораҳои аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ татбиқшаванда нигоҳ накарда, пайваста бозорҳо ва самтҳои нав меёбанд. Имрӯз нашъаҷаллобӣ худро ҳамчун сохтори ба худ бовардошта нишон дода, беамон амал мекунад. Доманаи фаромиллии фаъолияти ҷиноӣ ба гурӯҳҳои муташаккили ҷиноӣ имкон медиҳад, ки аз воситаҳои техникии навтарин, аз қабили робитаҳои босуръат ва амни таҷҳизоти аудиоӣ ва видеоӣ, истифодаи шабакаи умумиҷаҳонии Интернет барои бастани

[54] Материалы научно-практической конференции «Федеральный закон «О наркотических средствахи психотропных веществах» и актуальные проблемы противодействия незаконному обороту наркотиков». – Москва: «Юрайт», 1998. – С. 18.

шартномаҳои беробита ё ташвиқи маҳсулоти мухаддирдошта истифода намоянд.

Ба ғайр аз ин, истифодаи МЭҲ-и ба шабакаҳои электронии байналмилалии бонкӣ пайваст, ки барои дар миқёси байналмилалӣ паҳн намудани ҷараёни расмигардонии даромадҳои ҷиноӣ ба онҳо хос аст. (Ба масъалаи мазкур тавачҷуҳи вижа дар гузориши Кумитаи махсуси ҳайати пурраи сессияи махсуси Ассамблеяи умумӣ, ки ба мавзуи кӯшишҳои якҷоя дар мубориза бо масъалаи маводи мухаддир бо унвони «Нақшаи амалӣ барои мубориза бо тайёр намудан ва гардиши стимулияторҳои қатори амфетаминҳо ва прекурсорҳои онҳо, инчунин бо сӯйистифода аз ин мавод» бахшида шудааст»[55]).

Чунонки дар боло ҳам таъкид шуда буд, аз рӯйи арзёбии СММ, ҳамасола дар ҷаҳон даромади расмишуда аз натиҷаи харидуфурӯши маводи мухаддир (ба кисаи чап рафта) 300-600 млрд доллари ИМА-ро ташкил медиҳад[56].

Доманаи байналмилалии гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷалби ҳар чӣ бештари кишварҳо ба шабакаи ҷаҳонии масирҳои интиқоли ғайриқонунии онҳо дигар имкон намедиҳад, ки дар шароити имрӯза байни кишварҳои истеҳсолкунанда ва истеъмолкунандаи маводи мухаддир сарҳад гузошта шавад.

Албатта, робитаи дутарафаи парвариши кукнор ва мустаҳкамшавии иқтидори ҳарбии ҷангиён мавҷуд аст, зеро парвариш ва маблағгузории кӯкнорро онҳо дастгирӣ мекунанд. Иқтидори коркарди ашёи хом ва интиқоли маҳсулоти тайёрро низ таъмин менамоянд. Қисми асосии даромад аз маводи мухаддир аз ҷониби онҳо аз худ карда мешавад, зеро ба онҳо маблағ барои пардохти нафақаи

[55] Генеральная Ассамблея, официальные отчеты, XX специальная сессия, дополнение № 2 (A/S- 20/11). ООН. Нью-Йорк, 1998. п. 10 d.

[56] Проблема организованной преступности в Канаде // Сигнальная информация ГИЦ МВД России, 1999. – № 5. – С. 4.

зархаридон, харидани аслиҳа, нақлиёт ва боркашҳои сабук зарур аст.

Ба ин тариқ, афюн барои афзоиши иқтидори ҳарбии ҷангиён мусоидат намуда, дар навбати худ, онҳо ба деҳқонону мардуми одӣ иҷозат медиҳанд, ки бархилофи қонун онҳо ба парвариши афюн машғул шаванд, ки дар Афғонистон манъ аст.

Ба назари Антонио Мария Коста[57], директори иҷроияи Раёсати СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷинояткорӣ сабаби паҳншавии ғайриинтизори ҳероини афғонӣ дар даҳсолаи охир дар тамоми ҷаҳон сарҳадҳои идоранашаванда ё душворназорат байни давлатҳои ҳамсарҳад мебошад.

Бинобар ин, мувофиқи баъзе арзёбиҳо, нашъаҷаллобӣ дар миқёси ҷаҳонӣ ба чандин миллиард доллари амрикоӣ мерасад. Ба ин маблағҳо аслиҳаи беадад ва ҳатто сараварони ҳизбҳо ва гурӯҳҳои гуногунро харидан мумкин аст. Мутассифона, чунин ҳолат дар Афғнистон ба назар мерасад, ки боиси ташвиш мебошад.

Дар арзёбии вазъи имрӯзаи гардиши ғайриқонунуии маводи мухаддир дар Осиёи Марказӣ ва таъсири он ба низоми таъмини амнияти минтақавӣ масъалаҳо ва мушкилиҳои зиёде ба назар мерасад. Дар ин ҷода муҳим аст, ки мавқеи ягона ва ҳамоҳангшудаи кулли кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳия шавад, зеро танҳо дар ин ҳолат имкони муборизаи муваффақ бо ин падидаи номатлуб пайдо мегардад.

Бинобар ин, мулоҳизаҳои зерин барои беҳтар гаштани сатҳи муқовимат бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ пешниҳод мешавад:

[57] Коста А.М. «С наркоторговлей должен бороться Афганистан, а не НАТО». Захираи электронӣ. Нишони дарёфт: http://www.narkotiki.ru/

**Якум,** таҳдидҳо ба амнияти миллии кишварҳои минтақа хусусияти умумӣ дорад, зеро дар сурати густариш ёфтан дар як давлат имкони таъсири манфиро дар кишвари дигар ба вуҷуд меорад. Аз ин рӯ, бо дарки ин масъала мувофиқи мақсад аст, ки аз ҷониби сохторҳои ваколатдор номгӯйи таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолӣ таҳия шуда, барои мубориза̄и ҷиддӣ барномаи ҳамоҳангшуда рӯйи даст гирифта шавад.

**Дуюм,** яке аз унсурҳои муқовимати ҷиддӣ бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ба вуҷуд овардани фазои боварӣ ва эътимод дар сатҳи минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад. Чунин ҳолат имкон медиҳад, ки дар якҷоягӣ кулли масоили вобаста ба таъмини суботу амният ҳалли худро ёбанд.

**Сеюм,** бо назардошти вусъат пайдо намудани кишти кукнор дар Афғонистон ва интиқоли он тариқи масири шимол омили бесуботӣ ва низоъбарангез дар Осиёи Марказӣ ба таври ҷиддӣ зуҳур менамояд. Зеро барои наркомафия манфиатҳои молии он аз ҳама авлотар аст ва тиҷорати маводи мухаддир дар минтақае рушд менамояд, ки дар он ҷо суботи сиёсӣ ва амнияти сартосарӣ набошад. Аз ин рӯ, яке аз рақибони ҷиддии давлатҳои минтақа гурӯҳҳои муташаккили ҷиноии ба гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дастдошта шинохта мешаванд. Дар сурати пешгирӣ накардан ва таҳияи стратегияи ягонаи давлатҳои Осиёи Марказӣ дар мубориза бо ин падидаи номатлуб ин минтақа зарфияти рушдёбандаи худро аз даст дода, ба маҷмуи масъалаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсию амниятӣ рӯ ба рӯ мегардад, ки дар раванди таҳкими давлатдории соҳибихтиёр зарбаи шадид ворид хоҳад сохт.

Дар дурнамои миёнмуддат ва дарозмуддат давлатҳои Осиёи Марказӣ ба ҳам вобастагии ҷиддӣ пайдо менамоянд, аз ин рӯ, рушди соҳаҳои мухталифи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, аз он ҷумла ташаккули инфрасохтори муосири иртиботӣ, метавонад барои кулли давлатҳои минтақа судовар бошад.

Бинобар ин, рушди омили инсонӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи захираҳои инсонӣ барои эмин мондани минтақа аз падидаҳои муосири номатлуби раванди ҷаҳонишавӣ зарур дониста мешавад. Дар ин ҷода андешидани чораҳои зарурӣ барои пешгирии гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир метавонад барои минтақа ба нуктаи ваҳдат мубаддал гардад.

## Гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ҳамчун яке аз манбаҳои асосии маблағгузории терроризми байналмилалӣ

Тавре аз суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иҷлосияи байналмилалии мубориза бо терроризм 25 июни соли 2011 дар Ҷумҳурии Исломии Эрон бармеояд, маводи мухаддир ва терроризми байналмилалӣ ба ҳам иртиботи амиқ доранд. Сарвари давлат дар суханронии худ таъкид намуданд, ки «вақтҳои охир раванди устувори ба ҳам пайвастани терроризм бо шаклҳои мухталифи ҷиноятҳои фаромиллӣ – гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва қочоқи аслиҳа, хариду фурӯши одамон, зархаридӣ ва муҳоҷирати ғайриқонунӣ ба назар мерасад. Дар ин радиф хатарноктарин навъи дигари ҷиноят қочоқи маводи мухаддир шудааст, ки тибқи маълумоти сершумор, яке аз манбаъҳои асосии бо маблағ таъмин намудани амалиёти террористӣ гаштааст. Муборизаи қотеъ бар зидди ин падида, мисли терроризм, иқдомоти дастаҷамъонаи ҷомеаи ҷаҳониро тақозо мекунад ва ба таҳияву татбиқи консепсияи ягонаи мубориза алайҳи он ниёз дорад»[58].

Имрӯз дар ҷомеаи ҷаҳонӣ гумони ғолиб он аст, ки гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, моддаҳои

[58] Ниг. ба: Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи байналмилали мубориза бо терроризм / 25 июни соли 2011 / Ҷумҳурии исломии Эрон / Захираи электронӣ. Нишони дарёфт: http://www.president.tj/node/516.

психотропӣ, ҷиноятҳои мутташаккил, экстремизм ва терроризм хатари ҷиддӣ барои суботи сиёсӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии ҳамаи кишварҳо ба шумор меравнд. Бо назардошти ин, дар дунё созмонҳои зиёди байналмилалӣ, минтақавӣ ва миллӣ таъсис ёфтаанд, ки вазифаашон назорату мамониат ба гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷиноят аст. Созмонҳои мазкур вазъияти баамаломадаро дар ҳамаи сатҳҳо омӯзиш, таҳлил ва баҳогузорӣ намуда, дар асоси он рушди вазъиятро пешбинӣ мекунанд. Дар доираи стратегияҳо, барномаҳо ва лоиҳаҳо созмонҳои мазкур нақшаю ҳадафҳои худро оид ба ошкор, пешгирӣ ва мамониат ба гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ба роҳ мемонанд.

Гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир масъалаи аз нигоҳи миқёс, оқибат ва сӯйистифода ниҳоят мураккаб мебошад. Суръати таҳдид ва паҳншавии он водор менамояд, ки дастрасӣ ба маводи мухаддир маҳдуд карда шавад. Аммо равишу усулҳои мавҷудаи пешгирӣ то ҳол камтаъсир баҳогузорӣ мешаванд.

Аз таҳлили таълифоти илмӣ бармеояд, ки аз соли 1912 то имрӯз масъалаи гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар сатҳи байналмилалӣ ба тарви васеъ баррасӣ мегардад. Қарорҳои доир ба ин масъала қабулшуда дар санадҳои сершумори байналмилалӣ инъикос ёфтаанд. Дар онҳо таваҷҷуҳи асосӣ ба зарурати ташкили шабакаи маъмурии назорат аз болои паҳншавии маводи мухаддир равона шудаанд. Вазифаи аввалиндараҷа дар доираи ин назорат аз танзими пешниҳод ва ҳаракати маводи мухаддир бо мақсади маҳдуд сохтани истеҳсол, воридот ва содироти ҳаҷми он барои истифода дар соҳаи қонунии тандурустӣ ва илмӣ иборат мебошад.

Тавре нишондиҳандаҳои омории паҳншавии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ гувоҳӣ медиҳанд,

суръати имрӯза ва ҳаҷми онҳо дар оянда барои солимии аҳолӣ таҳдиди ҷиддӣ меофарад. Ҳамчунин, зарфияти иқтисодиро фалаҷ месозад, ба вазъи демографӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ дар кишвар таъсири манфӣ мерасонад. Истеъмоли маводи мухаддир ба наслҳои оянда таъсири бад дошта, солимии қобилияти ҷисмонӣ, равонӣ ва ахлоқии аҳли ҷомеаро вайрон намуда, зарфияти афзоиши насли онро паст мекунад. Ҳамчунин, истеъмолкунандагони маводи мухаддир худро аз ҷомеа дур мекашанд ва дар натиҷа, бархе аз онҳо аз доираи фаъолиятҳои ҷамъиятӣ берун монда, ба маргиналҳо (дар аърофмондагон) мубаддал мешаванд. Чунин гурӯҳи одамон бо назар ва мавқеи сиёсӣ, иқтисодӣ ва ақидатии худ аз аксарияти аҳолии кишвар фарқ намуда, бештар хусусияти ақалиятро пайдо мекунанд. Нафарони мазкур меъёрҳои қабулшудаи иштирок дар ҳаёти ҷамъиятиро инкор менамоянд, ки он ба субот ва рушди устувори он таъсири манфӣ мерасонад. Ҳамаи ин бевосита ба иқтисоди кишвар, тарзи зиндагӣ, генофонди миллат, қобилияти мудофиавии давлат низ таъсир мерасонад.

Пушида нест, ки гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир яке аз сарчашмаҳои асосии маблағгузории фаъолияти ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, сепаратизм, экстремизм ва терроризм мебошад. Хавфи асосӣ дар он аст, ки нашъаҷаллобӣ яке аз даромадҳои асосии ҷиноятҳои муташаккилро ташкил дода, бо терроризми байналмилалӣ иртиботи қавӣ дорад. Имрӯз гардиши маводи мухаддир бо фоидаи мушаххас маҳдуд намешавад. Корчаллонҳои ин гуна тиҷорати ғайриқонунии сердаромад барои соҳиб шудан ба ҳокимият низ мубориза мебаранд. Нашъаҷаллобон бо овардани бадбахтӣ ба сари миллионҳо оилаҳо ва бо дастгирию суйистифода аз ин кулфатҳо зиндагӣ мекунанд. Ин пулҳои оғуштаи хун

сарчашмаи мусибатҳои бешумор, мунокишаҳои миллӣ, амалҳои террористӣ ва боиси ҳазорҳо марги шаҳрвандони кишварҳои гуногуни дунё мегарданд.

Мувофиқи маълумоти дар гузориши Умумиҷаҳонии вазъи маводи мухаддири Раёсати СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷиноятқорӣ нашр шуда, ҳамасола аз Афғонистон қариб 900 тонна афюн ва 375 тонна ҳероин интиқол дода мешавад ва ҳар як даҳумин нафар афғонистонӣ бо истеҳсоли маводи мухаддир машғул аст. Афғонистон маркази азимтарини истеҳсоли афюн ва ҳероин гаштааст ва ҳоло 90% маводи мухаддири дунё ба Афғонистон рост меояд[59].

Таҳдидҳое, ки аз истеҳсоли маводи мухаддир сар мезананд, кишварҳои зиёди дунёро водор намуд, ки дар бораи ҷиноятҳои бо маводи мухаддир алоқаманд чораҳои шадид андешанд. Бахусус, кишварҳое, ки дар роҳи интиқоли маводи мухаддир қарор доранд ва бо кишварҳои истеҳсолкунандаи он сарҳади тӯлонӣ доранд, рӯз то рӯз муқовиматро бо нашъамандии аҳолӣ сатхттар мегардонанд. Маҳз кишварҳои ҳамсарҳад, дар навбати аввал, бозори фурӯши маводи мухаддир мебошанд. Қонунгузории ҷиноии як қатор кишварҳо бо дараҷаи муқаррар кардани ҷазо барои истеъмоли маводи мухаддир аз ҳам фарқ мекунанд. Дар баъзеи онҳо муҳлат ва тарзи ҷазо ниҳоят вазнин, яъне аз тӯлонитарин соли ҳабс то ҷазои олӣ – ҳабси якумра ё қатл пешбинӣ шудааст.

Тавре маълум аст, қитъаи Осиё чун анъана субъекти нашъаҷаллобӣ ва манбаи арзони ашёи хоми маводи мухаддир арзёбӣ мешавад. Кишварҳое, аз қабили **«Сегӯшаи**

[59] Муфассал ниг. ба: Всемирный доклад о наркотиках 2012 год / Издание Управление Организации Объединенных Наций по наркотикам и преступности (UNODC). – Вена, 2012. – 153 с.

**тиллоӣ» (Бирма, Лаос, Тайланд) ва «Ҳилоли тиллоӣ» (Эрон, Афғонистон, Покистон)[60]** дар ин ҷода пешсаф ҳастанд**.**

Кӯшишҳои кишварҳои осиёӣ барои баромадан аз таъсири нашъаҷаллобон, ки фаъолияташон бо ҷиноӣ кардани тамоми паҳлуҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷомеа дар кишаврҳои ҷудогона алоқамандӣ дорад, истифодаи чораҳои ҳуқуқию ҷиноиро ҷамъ мекунанд. Ҳукумати чунин кишварҳо ба гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир аз сахттарин воситаҳо истифода мебаранд. Қонунгузории мамлакатҳои мазкур нисбат ба паҳнкунандагони маводи мухаддир ҷазои шадидро пешбинӣ менамоянд. Аз ҷумла, дар Арабистони Саудӣ, Аморати Араб, Ироқ (буридани сар), ИМА (вобаста ба штатҳо курсии электрикӣ ё инъексияи марговар), Миср, Эрон, Ҷопон, Иордания, Покистон, Сингапур (ба дор кашидан), Чин, Гватемала, Филиппин, Тайланд, Малайзия, Сингапур, Бангладеш, Нигерия, Сомалӣ, Тайван, Ветнам, Лаос, Кореяи Шимолӣ, Зимбабве, Шри-Ланка, Миср (ҳукми паррон) таҷриба мешавад[61].

Роҳи маводи мухаддири афғонӣ ба Шарқ – ба Чин ва ба Ғарб – ба воситаи Эрон бо он мураккаб аст, ки роҳбарияти Чин ва Эрон ба муқобили гардиши ғайриқонуни маводи мухаддир дар қаламрави худ муқовимати ниҳоят шадид нишон медиҳанд.

Эрон бо Афғонистон бештар аз 936 км сарҳади умумӣ дорад. Барои муқовимат ба ҷараёни маводи мухаддири афғонӣ ҳукумати Эрон дар сарҳади миёни ду кишвар солҳои охир беш аз ҳазор кормандни мақомоти амният ва дигар мақомоти кишварро сафарбар намуда, иншооти

[60] Проблема организованной преступности в Канаде // Сигнальная информация ГИЦ МВД России. – №5. – 1999. – С. 4.

[61] Муфассал ниг. ба: Журнал «Мир и Политика. – №11 (74), 2012; Иванов С. Иран на переднем крае борьбы с наркотрафиком. Захираи электронӣ. Нишони дарёфт:

муҳташами сарҳадӣ бино намудааст. Беш аз 700 км хандак канда шуда, дар тули сарҳад иншооти мудофиавии дурудароз, аз қабили иншооти муҳосиракунандаи симхор, деворҳои бетонӣ ва дидбонгоҳҳо бунёд ёфтааст[62].

Чораҳои андешидашуда имкон доданд, ки интиқоли афюни афғонӣ ба воситаи ҳудуди Эрон ба маротиб кам шавад. Қонунгузории ҷиноии Ҷумҳурии Исломии Эрон (Қонуни ҶИЭ дар бораи ҷазоҳои исломии ҷиноят, моддаи 4), Қонун «Дар бораи мубориза бо истеъмоли маводи мухаддир» (Қонуни зидди маводи мухаддир, соли 1989) барои ҷиноят дар соҳаи гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ҷазои ҷиноӣ дар шакли маҳрумсозӣ аз озодӣ ба муҳлати тулонӣ ва ҷарима пешбинӣ менамояд. Ҳукми қатл барои нигоҳдории 30 грамм ҳероин ё 5 кг афюн пешбинӣ шудааст[63].

Дар Ҷумҳурии Мардумии Чин ҷавобгарии ниҳоят сахти ҷиноӣ барои гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар асоси моддаи 347 Кодекси ҷиноии ҶМЧ, ки дар сессияи Умумичинии намояндагони мардумӣ дар таърихи 14 марти соли 1997 қабул шудааст, пешбинӣ мегардад. Дар қонуни мазкур оварда шудааст, ки барои қочоқ, фурӯш ва тайёр кардани 1 кг афюн ё 50 грамм ҳероин ҳукми қатл баровварда мешавад[64].

Кодекси ҷиноии Туркия барои гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ҷавобгарии ҷиноӣ пешбинӣ менамояд (моддаи 403). Масалан, дар қ.1. ин модда оид ба 20 соли ҳабс ва барои ҳар як грамм ҳероини мусодиракардашуда 500 ҳазор лир ҷарима сухан меравад.

---

[62] Ниг.:Иванов С. Асари мазкур.

[63] Асари мазкур.

[64] Ниг. ба: Ахметшин Х.М., Ахметшин Н.Х., Петухов А.А. Современное уголовное законодательство КНР. Уголовный кодекс КНР.– Москва, 2000; Диченко А.А., Колесников К.А. Антинаркотический закон Китайской Народной Республики.– 2011. – С. 55-58.

Аз 1 январи соли 2013 бо мақсади вазнинтар кардани ҷавобгарии ҷиноӣ барои гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар моддаи 228.1 Кодекси ҷиноии Федератсияи Русия тағйирот ворид карда шуд. Мувофиқи ин тағйирот, судҳо имкон пайдо мекунанд, ки барои истеҳсол, фурӯш ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ дар ҳаҷми махсусан зиёд, инчунин, қочоқи онҳо, ҳамчунин, прекурсорҳои онҳо (маводе, ки барои истеҳсол, тайёр ё коркарди маводи мухаддир истифода мешаванд) ҷазо муқаррар намоянд.

Аммо дар гузаштаи на он қадар дур вазъият комилан дигаргуна буд. Самти шимолӣ (масири шимолӣ содироти афюни афғонӣ ба воситаи ҳудуди кишаврҳои Осиёи Миёна ба Русия ва Аврупо пас аз инқирози Иттиҳоди Шуравӣ, вақте ки ҳифзи сарҳади ҷанубии давлатҳои нави мустақил бо сабабҳои айнӣ суст шуд, барои нашъаҷаллобон афзалиятнок гардид. Ба ғайр аз ин чораҳои самарабахши гирифтани пеши роҳи интиқоли маводи мухаддир бо масирҳои шимолию шарқӣ андешида мешаванд. Қариб даҳҳо самтҳои асосии интиқоли маводи мухаддири истеҳсоли Афғонистон ҳоло баста шудааст. Аз се ду ҳиссаи ҳаҷми умумии «содирот» -и афюни афғонӣ барои самти Осиёи Марказӣ аст.

Андешае, ки хатари афюн ва ҳероини афғонӣ танҳо ба он кишварҳое дахл дорад, ки бозори асосии хариду фурӯш онҳо мебошанд, комилан ғалат аст, зеро таҷрибаи ҷаҳонӣ акси онро нишон медиҳад. Зарари азим ба он кишварҳое низ мерасад, ки маводи мухаддир дар он ҷо истеҳсолу коркард мешавад ва роҳи нашъаҷаллобон аз ҳудуди онҳо мегузарад. Аҳолӣ дар ин кишварҳо ба ҷараёни истеъмоли маводи мухаддир кашида мешавад, гузашта аз ин, нашъамандшавии аҳолӣ дар ин кишварҳо нисбат ба кишварҳои мақсуд бештар мегардад. Ин падида бо худи

махсусиятҳои фановарии нашъаҷаллобии ҷиноятӣ алоқаманд аст. Гурӯҳҳои ҷиноии муташаккили фаромиллӣ барои ташкили бозорҳои махсуси хизматрасонӣ – пешниҳоди барзиёд аз ҷониби ихтиёриёни потенсиалӣ – омодаанд, то озодӣ ва ҳаёти худро ба хотири гузаронидани миқдори зиёди маводи мухаддир қурбон созанд. Таҷрибаи як қатор кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки тағйир додани қонунгузорӣ ва вазнинтар гардонидани ҷазо (ҳабси якумрӣ, истифодаи ҷаримаҳои калон ва мусодираи амвол) боиси якбора кам шудани миқдори ҳабсшудагон бо ҷурми нашъаҷаллобӣ гардидааст. Инчунин, низоми ҷазоро нисбат ба соҳибони иншооте, ки маводи мухаддир дар он ҷо хариду фурӯш мешавад, бояд тағйир дод.

Гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ки бо ҷиноятҳои фаромиллии муташаккил, экстремизм, терроризм, фурӯши аслиҳа ва одамон алоқаманд аст, идома дорад. Чораҳои андешидашаванда барои муқовимат ё кам кардани хатари нашъаҷаллобӣ нокифояанд. Тадқиқоти илмии зиёд доир ба ин масъала гузаронида шудаанд ва имрӯз низ гузаронида мешаванд, усулҳои нави мубориза бар зидди истеҳсоли маводи нашъаовар ва ҷиноятҳои ба он алоқаманд таҳия гардида истодааст.

Таҳлили рушди вазъияти гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир гувоҳи он аст, ки дар ин соҳа ҳанӯз бисёр масъалаҳо омӯзиш ва ошкор нагардидаанд. Ба ғайр аз ин, сохтор, маҳаки асосӣ ва категорияҳои асосии нашъаҷаллобии ғайриқонунӣ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ муайян нашудаанд.

Имрӯз омезиши терроризми байналмилалӣ ва ҷиноятҳои умумию муташаккил ба мушоҳида мерасанд. Аз солҳои 60-80-уми асри XX дар терроризм ҳар чӣ бештар ҷиноятҳое роҳ меёбанд, ки ҳамчун ҷинояти умумӣ (дуздии бонкҳо, мағозаҳо, гаравгонгириҳо бо мақсади гирифтани

пул, иштирок дар тиҷорати маводи мухаддир, харидуфурӯши аслиҳа) ташреҳ меёбанд. Робитаи созмонҳои ҷиноятӣ бо гурӯҳҳои террористӣ, ки зуроварии оммавиро бо мақсадҳои сиёсӣ истифода мекунанд, бештар ривоҷ меёбанд. Ин ҳолат ба боз ҳам васеътар гардидани имкониятҳои молиявӣ, моддӣ ва ғайраи гурӯҳҳои террористӣ сабаб мегардад ва бо ин роҳ зерсохторҳои гурӯҳҳои террористиро пурқувват месозад[65].

Омезиши терроризм бо навъҳои махсуси ҷиноятҳои муташаккил, ба мисли харидуфурӯши аслиҳа ва нашъаҷаллобии фаромиллӣ ба хавфноктарин зуҳуроти имрӯз табдил меёбад. Даромад аз нашъаҷаллобӣ барои дастрас кардани аслиҳа ва таҷҳизоти ҷангӣ барои ташкили муноқишаҳои маҳалӣ ва минтақавӣ, ҳамчунин, паҳншавии фаъолияти имконпазири гурӯҳҳои террористӣ дар тамоми дунё истифода мегардад. Асоси ҳамкории терроризми байналмилалӣ ва ҷиноятҳои умумӣ ва муташаккил даромадҳои калон аз фаъолияти нашъаҷаллобӣ аст. Дар мавридҳои ҷудогона ин пулҳо ҳамчун сарчашмаи асосии тақвияти молиявии гурӯҳҳои террористӣ истифода мешаванд. Масалан, исёнкорони шакли гуногун, ки усули террористиро истифода мебаранд, истеҳсол ва савдои маводи мухаддирро ҳамчун манбаи асосии даромад истифода мебаранд[66].

Мафҳуми «Ҷиноятҳои муташаккили байналмилалӣ» (ба англисӣ ***«international organized crime», IOC***) (бо шинос буданаш) мафҳуми хеле мураккаб мебошад. Шарҳи гуногуни он (мувофиқи хусусиятҳои гуногун), аз ҷумла: мавҷудияти сохтори табақабандишуда, тақсими нақшҳо ва

---

[65] Егоров К.Ю. Политическое обеспечение борьбы с международным терроризмом как глобальной угрозой безопасности российского государства и общества Автореф. дисс. канд. полит. наук.– Москва, 2009. – 24с.

[66]Ниг. ба: Мелихов В.Г. Наркобизнес и терроризм: точки соприкосновения // Политический журнал. – 2004.– №22.– С.1 4-19.

ҷалби доимӣ ба тиҷорати ғайрирасмӣ ё нимарасмӣ мавҷуд аст. Дар баъзе мавридҳо ҷиноятҳои муташаккилро ба сифати дар як маврид доштани фаъолияти қонунӣ ва айни замон ғайриқонунӣ шарҳ додан мумкин аст.

Терроризм ва наркобизнес бо ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, гардиши ғайриқонунии аслиҳа, экстремизми сиёсию динӣ ва муҳоҷирати ғайрирасмӣ робитаи устувор доранд. Ҳамаи онҳо қисмҳои як низоми ҷиноии васеъ буда, аз рӯйи таъсиррасонӣ ба ҷомеа, яъне ҳам терроризм ва ҳам хатари маводи мухаддир қариб баробарвазнанд. Аз ин рӯ, созмонҳои байналмилалӣ дар мубориза бо ин падидаҳои номатлуб таваҷҷуҳи махсус равона месозанд.

Хавфи асосӣ боз дар он аст, ки дар ҳар ҷо, ки мунокишаҳои мусаллаҳона бо гурӯҳҳои исёнгар мегузаранд, давлат наметавонад ба тиҷорати маводи мухаддир муқовимат кунад.

Терроризм аз лаҳзаи оғози худ бо маводи мухаддир ҳамроҳӣ мекунад. Ба сифати мисол метавон ҳашишиҳо *(дар гардиши васеъи байналмилалии илмӣ бо номи* ***«ассасинҳо»*** *маъруф аст. Дар равияи мазкур ҳашиш барои тайёр кардани қотилон истифода мешуд)* ва фаъолони инқилоби Фаронса, яъне фаъолони террори якобиниҳо ва гарилеросҳои чапро дар Амрикои Лотинӣ, ки дар деҳот барои бурдан ба ИМА коку парвариш мекарданд, ба хотир овардан мумкин аст.

Давраи рушди терроризми муосир ба фаъолияти Хуан Карлос Маригелли (1911-1969), ходими ҷамъиятию сиёсӣ, сарвари ҳизби коммунистии Бразилия то соли 1967 ва нависанда алоқамандӣ дорад. Маҳз ӯ, ки аз ҳаракати расмии чапи Амрикои Лотинӣ ба ғазаб омада, 8 сол дар ҳабс буд, аслҳои имрӯзаи ҳаракатҳои террористии муосирро таҳия кардааст.

Дар тезиси машҳури ӯ – «одамон – пул – нақлиёт – аслиҳа» ба даст овардани фоида бо ташкили бахшҳо бо

роҳи дуздии пул аз сарватмандон ва ғорат кардани бонкҳо пешбинӣ мешуд. Аммо дар даврони зиндагиаш идеологи терроризм бо муҳофизати ниҳоят устувори бонкҳо рӯ ба рӯ шуд. Хуан Карлос Маригелли паст рафтани ахлоқро ба назар гирифта, аз ҷисман нобуд намудани ходимони сиёсӣ ва шаҳрвандони одӣ ва аз ғорат кардани бонкҳо ба истеҳсолу фурӯши маводи мухаддир гузашт[67].

Дар самти мазкур бо гузашти ним аср тағйироти ҷиддие ба вуҷуд наомадааст. Ҳама гуна муқобила, ҳатто террори васеъ, ҳамчун ҳаракати «амалиёт барои озодии миллӣ», ки аз ҷониби Маригелла ташкил шуда буд, кӯшиш менамояд, ки тамоми воситаҳои имконпазирро истифода барад. Аз шиддати вазъият истифода намуда, ифротгароён кӯшиш менамоянд то воситаҳои маблағгузориро бо фаъолияти зиддиқонунӣ, ки даромади ҳадди аксар меорад, ба роҳ монанд. Зеро ин иқдом баробари ба даст омадан хусусияти гурӯҳҳоро низ дигар мекунад. Ба ҷойи зарбаҳои мақсаднок ба мансабдорони давлатӣ ифротгароён ба худ амалиётҳои даҳшатафкони азимро низ бо истифодаи моддаҳои тарканда ё ҳатто ҳуҷуми мусаллаҳона ба урдугоҳҳои ҳарбӣ ва макони алоқа раво мебинанд.

Ҷанги муосири умумиҷаҳонӣ оғоз шуда, хусусияти фарқкунандааш дар он зоҳир мегардад, ки ин ҷанги нашъафурӯшон бар зидди тамоми инсоният аст.

Имрӯз самтҳои нави фаъолияти ҷиноятии муташаккил пайдо шудаанд: монополизатсияи навъҳои сердаромади он, истилои ҳудудӣ ва ғайра. Чунин навъҳои фаъолияти ҷиноӣ, ба монанди тиҷорати маводи мухаддир, харидуфурӯши ғайриқонунии аслиҳа, қочоқи ашёи хом ва захираҳои уздӣ,

[67] Маригелла К. Бразильская герилья (Краткий учебник городского партизана). Захираи электронӣ. Нишони дарёфт: http://aleksandr-kommari.narod.ru/Karlos_Marigella_Brazilskaya_gerilya_Kratkiy_uchebnik_gorodskogo_ partizana_.htm.

фиреби молиявӣ ва пулӣ, терроризм ва роҳзанӣ ба миён омадаанд, ки хусусияти байналмилалиро касб кардаанд. Маҳз ба ҳамин самтҳо ҷиноятҳои муташаккил дар сатҳи байналмилалӣ муттаҳид мешаванд. Ин тамоюлро маълумоти омории ҷиноию ҳуқуқӣ низ тасдиқ менамояд.

Мисли масъалаҳои дигари актуалии ҷаҳони муосир коршиносон, мутахассисон ва муҳаққиқон омили нашъаҷаллобиро бо донишҳои амиқ меомӯзанду таҳлил менамоянд. Дар ин ҷода то ҷое, ба истилоҳ, «норасоии зеҳнӣ» мушоҳида мешавад. Яъне, падидаи гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир аз таҳқиқи илмию таҳлилии худ фарсахҳо пешсаф аст. Аз ин рӯ, зарурати боз ҳам ҷамъ намудани неруи зеҳниву таҳлилиро талаб менамояд. Ба ҳайси иқдоми мақсаднок ва ҳадафманд ҳамкории густурдаи байни давлатҳо зарур дониста мешавад.

Мо ҷонибдори он андеша ҳастем, ки худи дунё дар назди ин хатар оҷиз аст. Бозорҳои фасодзадаи бисёрмиллиардаи ҷаҳонӣ иқтидори даҳшатовар доранд ва бозори сиёҳи маводи мухаддир яке аз нишондиҳандаҳои рушди он мебошад. Ба ин бозор миллионҳо одамоне, ки маводи мухаддирро истеҳсол, коркард, интиқол, фурӯш ва истеъмол менамоянд, ҷалб карда мешаванд. Ҳалли масъалаи дар боло зикршуда ба манфиатҳои молиявии натанҳо садҳо ҳазор деҳқонони афғон, балки ба гурӯҳи калони аврупоиён халал ворид месозад. Бозорҳои мазкур ва ин манфиатҳои гурӯҳӣ аз тамоми кишварҳо ва хадамоти махсус пурзӯртар метобанд.

Бинобар ин, бо дарки таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолии гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир зарур аст, ки дар арсаи ҷаҳонӣ роҳҳои ҳадафмандонаи ҳалли он таҳия ва пешниҳод шавад. Имрӯз сохторҳои масъули Созмони Милали Муттаҳид барои мубориза бо ин «вабо» корҳои

назаррасро ба анҷом мерасонанд, вале аксари иқдомҳои рӯйи даст гирифташуда хусусияти фаҳмондадиҳӣ ва пешгирии оқибатҳои нашъамандиро доро мебошанд, ки ба ҳалли усулии масъала мусоидат наменамоянд.

Тавре дар боло зикр намудем, бояд решаҳо ва зербинои асосии гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар арсаи ҷаҳонӣ ҳаллу фасл шавад. Зеро танҳо дар ин ҳолат имкони ҳалли мусбати мушкилӣ имконпазир аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ барои мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир иқдомҳои амалиро рӯйи даст гирифта, бо ташаббусҳои инсондӯстонаи худ дар ин самт маъруф мебошад. Аз ин рӯ, муаллиф бар он андеша аст, ки дар сурати татбиқи ҳадафмандонаи иқдомҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷомеаи ҷаҳонӣ имкон дорад ин масъаларо дар дурнамои кӯтоҳмуддат ҳаллу фасл намояд.

# БОБИ ДУЮМ

## НАШЪАҶАЛЛОБӢ ДАР ҶОМЕАИ МУОСИР: СОХТОР ВА КАТЕГОРИЯҲОИ ОН

### Решаҳои таърихӣ ва заминаҳои иҷтимоии истеъмоли маводи мухаддир

Масъалаи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо, ҳаммонанди (аналоги) воситаҳои нашъадор амалан дар назди тамоми давлатҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ меистад, зеро зуҳуроти мазкур сарҳад, ҳудуд, миллат, дин ва синф надорад. Ба ҳамагон маълум аст, ки истеҳсол ва фурӯши маводи мухаддир яке аз сердаромадтарин соҳаи тиҷорати ҷаҳонӣ буда, дар шароити тағйиру таҳаввулоти босуръати ҷаҳон аз технологияҳои муосир, роҳу усулҳои нав истифода карда, сохтори худро тағир медиҳад. Лозим ба таъкид аст, ки истеҳсолоти ин хатари марговар дар замони имрӯза ба иттиҳоди муташаккили ҷиноятии ҷиноӣ табдил ёфта, вобаста бо хусусияти худ манфиатҳои созмонҳои ҷиноии фаромиллии байналмилалӣ, гурӯҳҳои террористӣ ва ифротиро муттаҳид месозад.

Бинобар ин, ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷиҳати пешгирии паҳн намудани намудҳои нави воситаҳои нашъадор, такмили усулҳои мубориза дар ин самт, тарзи офиятбахшии шахсони гирифтори бемории нашъамандӣ, таҳкими ташаккули афкори ҷомеа бар зидди воситаҳои нашъадор ва умуман пурзӯр намудани мубориза бар зидди маводи мухаддирро ҷустуҷӯ менамоянд.

Маҳз гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва нашъамандӣ дар ҷомеа зуҳуроти ниҳоят мураккаб ва хавфнок аст. Чунки зарари нашъа ниҳоят гарон буда, ҳисоби он кори сода ва осон нест. Масалан, таваҷҷӯҳ ва ҷалби ҷавонон ба нашъамандӣ, содиршавии ҷиноятҳои

гуногун, пастшавии имконоти моддию фаннӣ ва зеҳнии неруи ҷомеа, касодии генофонди миллат ва даҳҳо мушкилоти дигарро дар бар мегирад. Худи нашъаҷаллобон имкон доранд, ки раванди молиявии худро қонунӣ гардонида, тақсимоти қонунии моликияти худро амалӣ намоянд. Ҳамеша дар фикр буда, талош мекунанд, ки наздикон ё шахсони бовариноки худро ба сафҳои сохторҳои давлатӣ, бахусус, қудратӣ ворид намоянд. Мақсад таъмини бехатарии тиҷорати худ ва таъсир доштан ба сиёсати давлатӣ мебошад.

Мутаассифона, маводи мухаддир рӯз то рӯз дар ҷомеа бо осонӣ мавқеъ пайдо карда, реша медавонад. Дар баробари ин, роҳу усулҳои муқовимат ва дастовардҳои илмӣ аз кашфиёти навтарини нашъаҷаллобон қафо мемонанд. Аз ин лиҳоз, нашъаҷалобон ба истеҳсолот ва фурӯши маводи мухаддир идома дода фоидаҳои азим ба даст меорад.

Зимнан, бояд таъкид намуд, ки вақтҳои охир навъи барои саломатии инсон хатари бениҳоят ҷиддӣ дошта ин маводи мухаддири сунъӣ (синтетики) ба гардиши ғайриқонунӣ ворида шудааст. Дар дилхоҳ ҷомеа гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ вуҷуд доранд, ки ба талаботи сахти замона рақобат карда наметавонанд. Дар натиҷа, ба масъалаҳои душвори иҷтимоӣ ба истеъмоли маводи мухаддир руй меоранд, гӯё бо ин роҳ мушкилотро ҳал мекунанд. Нашъамандӣ рушд меёбад, ҳамзамон, майлу рағбати ҷавонон ба маводи мухаддир қоҳиш наёфта, баръакс афзоиш меёбад. Рушди ин раванди хатарнок метавонад ба офати умумимиллӣ мубаддал гардад.

Дар таърифи маъмулӣ **«нашъа»** ё **«наркотик»** аз калимаи юнонии **«narkytikys»** гирифта шуда, маънои «гунгӣ ё безабонӣ» -ро дорад. Он моддаи ба рӯҳияи инсон таъсиркунанда буда, дардро гум ва лаззат меорад. Истеъмоли он боиси вобастагии ҷисмонӣ ё руҳӣ (нашъамандӣ) мегардад. Дар натиҷаи истифодаи мунтазами

маводе, ки ҳангоми истеъмол накардан азоби ҷисмонӣ (ломка) эҳсос мешавад ё ҳолати рӯҳии бад (депрессия, ташвиш ва бехобӣ) -ро ба вуҷуд меорад, дар фаҳмиши васеъаш маводи психоактив аст, ки қобилияти ҷисмонӣ ва ақлонии инсонро паст мекунад[68].

Маводи мухаддирро аз рӯйи сарчашмаи он ба гурӯҳи **табиӣ** ва **сунъӣ** ҷудо менамоянд.

Дар замонҳои қадим ба инсоният рустаниҳое маълум шуданд, ки моддаҳои нашъаовар доштанд. Дар байни маводи нашъаовари рустанӣ бештар кукнор, (канабис, марихуана, ҳашиш), инчунин, кокаин ва крэк (ҳарду аз кок истеҳсол мешаванд) маъруф мебошанд. Сарчашмаи маводи мухаддири афюнӣ афшураи қаҳваранги кукнор буда, аз кураки он ба тариқи чок кардан гирифта мешавад. Дар замони нав аз афюни табиӣ моддаи сахттаъсир – ҳероин, инчунин, морфин, кодеин ва нашъа ҷудо мекунанд. Ҳероин дар шакли хока аст, ки вобаста ба дараҷаи тозагӣ ва омезиш аз сафед то ранги сиёҳ дошта метавонад.

Маводи мухаддири **сунъиро** дорувориҳои гуногуни кимиёвии таъсири наркотикидошта, ба мисли амфетамин, метадон, фентанил, «экстази», барбитуратҳо, ЛСД ва ғайра ташкил медиҳанд.

Дар бораи он ки сабаби пайдоиши рағбат ба наркотикҳо аз куҷо сар мезанад, чӣ гуна он инсонро ба худ ҷалб мекунад, чӣ гуна оқибати вазнин дошта метавонад мувофиқи баъзе далелҳои таърихӣ, хулоса намудан мумкин аст. Бо моддаҳое, ки имрӯз маводи мухаддир ном доранд, инсоният хеле барвақт шинос шуда буд. Онҳо афюнро танҳо ба хотири хобоварӣ ё рафъ кардани дард истифода мебурданд. Дар Мисри Қадим аз афюн доруи хобовар тайёр мекарданд, то ки дардро рафъ кунанд ё ба хоби хуш

[68] Энциклопедия Кругосвет. Универсальная научно-популярная онлайн-энциклопедия http: // www.krugosvet.ru.

мусоидат кунад. Бадавиҳо пеш аз сафари дур банг – моддаи хамирамонанди бо номи марихуана ё ҳашиш машҳурро барои худ захира мекарданд. Хамираро мекашиданд, то ки сарбории руҳониро, ки аз дидани биёбони якранг ба амал меомад, паст кунанд. Ангиштканони Боливия як қисми маоши худро на дар шакли пул, балки дар шакли барги рустание, ки кокаин дошт, гирифта онро мехоиданд ё мекашиданд. Ин имкон медод, ки хастагиро каме рафъ карда, қувваи худро барқарор кунанд. Умуман, дар курраи замин халқе нест, ки аз ин ё он навъи маводи мухаддир истифода накарда бошад. Таърихи истифода ва тайёр кардани моддаҳои психоактивӣ таърихи беш аз ҳафтҳазорсола дорад[69].

Дар сарчашмаҳои гуногуни фарҳангии бисёр халқҳои дунё ёдоварӣ аз маводи мухаддир ба назар мерасад. Масалан, оид ба афюн дар рисолаҳои Мисри Қадим ва перомуни хусусияти нашъаовари кукнор дар «Илиада» -и Ҳомер метавон маълумот пайдо кард. Ҳамчунин, замони қадим кокро дар маросимҳо васеъ истифода мекарданд[70]. Дар он вақтҳо маводи мухаддир ҳамчун даво, дору ва унсури анҷом додани маросимҳои динӣ (масалан, фаъолияти шаманҳо) истифода мешуд ва барои қисми дигари аҳолӣ буд.

Аз ҳама нашъаи қадимтарини барои инсон маълум кукнор мебошад. Ёдовариҳои аввалин дар бораи он ба қадимтарин халқҳои мутамаддин - шумерҳо, ки 5 ҳазор сол пеш аз милод мезистанд, тааллуқ дорад, ки аз таъсири хобовари он ёдрас намудаанд. Шумерҳо онро «гилхул» -

---

[69] Успенский А.Е. О наркотиках и наркоманиях / «Химия и жизнь». Февраль, 1988. Захираи электронӣ. Нишони дарёфт: http://www.magalif.ru/?an=oNarkotikah.

[70] Муфассал ниг. ба: Стрельченко Э. Г., Майоров А. А., Рогатых Л. Ф., Топоров С.Б. Борьба с контрабандой наркотических средств, психотропных и сильнодействующих веществ. – Санкт-Петербург: «Питер-Трейд», 2004. – С. 82-83.

рустании хурсандӣ мегуфтанд ва кишт мекардаанд[71]. Анъанаи мазкурро бобулиҳо идома доданд ва ин таҷриба ба Шарқи Миёна ва Наздик паҳн гардид.

Истеҳсоли афюн дар асри XV пеш аз милод аз Байнаннаҳрайн ба Миср омад, дар асри IX пеш аз милод ба мулки Порс расид ва тахминан дар асрҳои V пеш аз милод ба Осиёи Хурд роҳ ёфт.

Авҷи бештари истифодаи афюн ба асри XIX-и милодӣ рост меояд. Дар ҷараёни харидуфурӯши афюн байни Ҳиндустону Чин дар кишвари Чин вабои нашъамандӣ авҷ гирифта, аз соли 1810 то охири ин садсола беш аз нисфи маҳсулоти воридотии Чинро афюн ташкил медод. Кӯшишҳои Чин барои манъ кардани воридот бо ду ҷанги зидди афюн анҷом ёфт.

Каннабис дар Осиёи Марказӣ ва шимолу ғарбии Чин аллакай аз ҳазорсолаи чоруми то милод истифода мешуд. Минбаъд ба Ҳиндустон (асри XV пеш аз милод), Шарқи Наздик ва Миёна (асри IX пеш аз милод), Аврупо (асри I пеш аз милод), Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (асри II), Африқо (асри XI) ва Амрико (асри XIX) роҳ ёфт. Дар оғози ҳазорсолаи якум дар Форс тариқати (ордени) ҳарбии динии ҳашишкашҳо вуҷуд дошт, ки ҷавононро бо ёрии канабис – «тимсоли лаҳзаинаи биҳиштро дидагон» ҷалб мекард. Дар миёнаҳои ҳазорсолаи дувум канабис дар олами араб низ машҳур шуд[72].

Дар Аврупо дар асрҳои миёна калисои католикӣ истеъмоли канабисро бо ҷодугарӣ тавъам донист.

Чунон ки Б.Ф. Калачев дар мақолаи худ менависад, соли 1870 этнолог Н.Н. Миклухо-Маклай ба Океания (Гвинеяи Нав) шино карда, муддати тулонӣ дар байни

[71]Ҳамон ҷо.
[72] Bulletin on Narcotics: A Century of International Drug Control United Nations Publications, 2010. Том LIX. – p. 10.

папуасҳо зиндагӣ кард. Қавми папуасҳо нашъаи кеуро бо мақсади анҷоми маросимҳо истифода мекарданд. Миклухо-Маклай ба хотири илм онро озмуда, баъдан эҳсосоти худро дар рӯзномааш менависад. Пас аз бозгашт ба ватан мушоҳидаҳои худро ба мардум ҳикоя мекунад[73].

Дар оғози асри XX дар ИМА вабои кокаинии нашъамандӣ авҷ гирифта буд, ки ниҳоят бо манъи он анҷом ёфт. Соли 1903 дар Кока-Кола ба ҷойи кокаин кофеин ҳамроҳ мекардагӣ шуданд.

Имрӯз дар ин хусус, ки кӣ бори нахуст фурӯши мунтазами маводи мухаддирро ба роҳ монд, андешаҳо гуногунанд. Танҳо тахмин кардан мумкин аст, ки ин офат хеле барвақт пайдо шудааст, аммо то ҷое маълум аст, аз соли 1729 то оғози асри 20 шоҳи Англия барои маҳсулоти овардашуда, яъне афюн андоз мегирифт. Ба Чин ба тариқи оммавӣ афюнро фурӯхта, англисҳо дар асри XVIII дар ду ҷанг ғолиб омаданд, ки бо унвони «ҷанги афюнӣ» маъруф аст. Ҳокимияти онвақтаи Чин дастур дода буд, ки чандин киштиҳои пур аз афюн, бо мақсади пешгирии дастрасӣ ба он, оташ зада шаванд. Дар натиҷа халқи Чин аз истилои маводи мухаддир наҷот ёфт. Дар замони имрӯза барои гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар Чин ҷазои ҳукми қатл пешбинӣ шудааст. Вале ба ин нигоҳ накарда, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар ин сарзамин ҳоло ҳам ҷой дорад.

Тавре дар боло ишора карда будем, нашъаҷаллобон ҳамеша дар ҷустуҷӯйи бозори мувофиқ ҳастанд, ки дар он ҷо ба маводи мухаддир талабот мавҷуд бошад. Мутахассисон андешаеро имрӯз мавриди баррасӣ қарор додаанд, ки нашъаҷаллобон имкон доранд тавассути дору моро ба нашъа одат кунонанд. Ҳеҷ кадом як сохторе ба

[73] Ниг. ба: Калачев Б.Ф. Российская империя против наркотиков // Журнал «Век глобализации», 2012.– №1 (9). – С. 161-175.

истеҳсолкунандаи доруи сулфа манъ намекунад, ки ба он маводи мухаддир ҳамроҳ накунад.

Бояд дарк намуд, ки бе мадади аҳли ҷомеа на давлат, на мақомоти махсус, на СММ ва на артиш пеши роҳи ин офатро гирифта наметавонанд. Бояд гуфт, ки нашъаҷалобон имрӯза аз технологияҳои нави муосир ва усули навтарин истифода мебаранд, то ки фаъолияти ҷиноятии худро ҳифз намоянд.

Рустаниҳои дар таркибашон маводи мухаддирдошта дар минтақаҳое мерӯянд, ки иқлими мувофиқи гарм дошта бошанд. Ба кишварҳое, ки маъмулан мухаддироти баландсифат парвариш меёбанд, инҳо дохил мешаванд[74]:

- **Ҳилоли тилоӣ** (Эрон, Афғонистон ва Покистон) – дар ин ҷо миқдори зиёди афюн истеҳсол карда мешавад.
- **Сегонаи тилоӣ** (Бирма, Лаос ва Таиланд) – истеҳсолкунандагони афюн ҳастанд.
- **Амрикои Ҷанубӣ** (Колумбия, Перу, Боливия) – ба парвариши кок машғуланд, ки аз он кокаин ҳосил карда мешавад.
- **Нидерландия** – истеҳсолкунандаи марихуана ва маводи мухаддири сунъӣ.
- **Марокко** – дар ин кишвар истеҳсоли ҳашиш ба роҳ монда шудааст.

Тавре дар боло зикр карда будем, Афғонистон истеҳсолкунандаи бузурги афюн дар ҷаҳон аст ва аз чор се ҳиссаи истеҳсолоти ҷаҳонии афюн ҳамчун ашёи хом ба ин кишвар рост меояд. Таҳаввули ҷиддӣ дар истеҳсоли афюн ва дар маҷмуъ маводи мухаддир аз он иборат аст, ки маркази истеҳсоли он аз як макон ба макони дигар интиқол ёфт. Бо назардошти ба бӯҳрони зиёда аз нимасра мубтало гардидани Афғонистон инкишофи кишти бесобиқаи кукнор дар ин кишвар ба назар расид.

---

74. Хрусталев М. Россия подсаживается на доморощенные наркотики. Захираи электронӣ. Нишони дарёфт: http://www.nevelev.ru/articles.

Дар умум, метавон хулоса намуд, ки решаҳои таърихии нашъамандӣ дар саросари дунё асосҳои анъанавии худро дорад. Инсоният вобаста ба ҳолати равонӣ ҳамеша ба моддаҳои мадҳушкунанда эҳтиёҷ доштааст ва дар ин самт ба дастовардҳо низ соҳиб мебошад. Гумони ғолиб дар бобати масъалаи мазкур аз он иборат аст, ки бо дарки амиқи решаҳои таърихиву суннатӣ муборизаро бо парвариш ва истеҳсоли мухаддирот ба роҳ мондан мумкин аст. Дар ин ҷода гузаронидани тадқиқоти васеъи илмӣ ба мақсад мувофиқ мебошад. Танҳо бо ин роҳ метавон барои ташаккули инсони солим ва орӣ аз падидаҳои номатлуб, ба мисли нашъамандӣ, иқдомҳои амалиро рӯйи даст гирифт.

Бобати заминаҳои иҷтимоии нашъамандӣ бояд хулоса намуд, ки мушкилиҳои зиндагӣ барои бархе аз инсонҳо санҷиши ҷиддиро ба вуҷуд меорад ва на ҳама метавонанд бо сарбаландӣ аз он гузаранд. Дар иртибот ба ин омил ҳам инсони сарватманд ва ҳам инсони нодор метавонад нашъаманд шавад. Аз ин рӯ, новобаста аз имкони моливӣ нашъамандӣ ба ҳар як фарди ҷомеа таҳдид менамояд. Бинобар ин, зарур аст, ки дар инсон аз хурдсолӣ солимии ҳаёт ва рушди ҷудо аз падидаҳои номатлуб ба роҳ монда шавад. Зеро тақвият бахшидани раванди тарбия ва ташаккули инсони солим асле аст, ки барои пешгирии нашъамандӣ дар ҷомеа мусоидат менамояд.

Дар робита бо ин мувофиқи мақсад дониста мешавад, ки тадқиқоти ҷиддии илмӣ дар самти пешгирии нашъамандӣ дар ҷомеа ба таври доимӣ гузаронда шавад, чунки омӯзиш ва арзёбии доимӣ ва пай дар пай имкон медиҳад, ки заминаҳои иҷтимоии нашъамандӣ пурра муайян гарданд ва сохторҳои масъули давлатӣ бо назардошти он фаъолияти худро таҳким бахшанд.

Тоҷикистон ҳамчун давлати ҷавонон[75] барои тарбияи солими онҳо манфиатдор аст. Чунин нукта дар ҳама мулоқотҳои Президенти муҳтарами кишвар Эмомалӣ Раҳмон садо медиҳанд. Аз ин рӯ, тамоми аҳли ҷомеаи кишварро зарур аст, ки иқдомҳои роҳбарияти олии мамлакатро дастгирӣ намуда, тамоми неруи худро баҳри татбиқи он равона созанд. Умед аст, ки дар ин ҳолат Тоҷикистон бо тарбияи солими ҷавонону наврасони огоҳ аз навгониҳои илму фановарии муосир дар арсаи ҷаҳонӣ мақоми сазовори худро соҳиб шуда, баҳри таҳкими соҳибихтиёрии давлатӣ қадами ҷиддӣ мегузорад.

## Сохтор ва категорияҳои нашъаҷаллобӣ

Унсурҳои асосии сиёсати давлатиро дар мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ таҳлил намуда, мафҳумҳои асосиро, ки барои таҳияи чораҳои самарабахш, решакан кардан ё паст намудани сатҳи нашъамандии аҳолӣ мусоидат менамоянд, бояд зикр намоем. Аз ин рӯ, мафҳумҳои калидиро дар ин самт истилоҳоти зерин ташкил медиҳанд:

1. **Сохтор ё структура**[76], (аз забони лотинӣ - ***«Structura»*** гирифта шуда, мазмуни сохтор ё ҷойгиршавиро дорад) ҳамчун баҳамалоқамандии муайян, ҷойгиршавии ба ҳам алоқаманди қисмҳои таркибӣ: сохт, таркиби чизе фаҳмида мешавад;

2. **Нашъаҷаллобӣ**[77], яъне фурӯши ғайриқонунии маводи нашъадор аст. Он тиҷорати бисёрмиллиарда буда, аз ҷониби гурӯҳҳои ҷиноятии муташаккил идора карда мешавад.

---

[75] Муфассал ниг. ба: Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот бо ҷавонону наврасони лаёқатманди вилояти Суғд /04.04.2014/. Захираи электронӣ. Нишони дарёфт: http://www.president.tj/node/6485.

[76] Муфассал ниг. ба: Словари и энциклопедии на Академике. Захираи электронӣ. Нишони дарёфт: http://dic.academic.ru.

[77] Ҳамон манбаъ.

3. **Нашъакашонҳо ё наркокурерҳо**[78], яъне кашонанда ё интиқолдиҳандагони маводи мухаддир.

4. **Нашъафурӯшон ё наркодилерҳо**[79], яъне **фурӯшанда** ва ё паҳнкунандагони нашъа.

5. **Наркотраффик** [80] (масири нашъакашонӣ) барои ташкили он аз ҳама гуна воситаҳои нақлиёт истифода мешавад.

6. **Майдони нашъакорӣ ё наркоплантасия** [81] , (аз забони лотинӣ - «plantation» гирифта шуда, ба маънии шинонидани рустанӣ фаҳмида мешавад). Ҷойи кишт барои рустанӣ, ки маҳсулоти махсус, маъмулан тропикӣ, кишт мешавад.

7. **Нашъамандӣ ё наркомания**[82] (аз калимаи лотинии narke — занҷирбандшавӣ ва мания, парастиш) вобастагии нашъамандии инсон аз истеъмоли нашъа ё беморие, ки дар ҳаёти инсон бо истеъмоли мунтазами нашъа ба заифии амиқи фаъолиятҳои ҷисмонӣ ва руҳӣ оварда мерасонад. Даст кашидан аз истеъмоли маводи мухаддир боиси вайроншавии бисёр вазифаҳои ҷисм мегардад.

**8.** **«Озмоишгар»** (дар гардиши маъмулии ҷиноӣ ба ҳайси **«пробщик»** истифода мешавад) [83] . Муаллиф дар баробари мафҳумҳои зикршуда тафсири шахсии ниҳоди озмоишгаронро ҳамчун шахсони таъминкунандаи сифати маводи мухаддир, хусусияти он барои муайян намудани нархи минбаъдаи он пешниҳод менамояд.

Гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир сохтори махсуси ҷиноиро соҳиб буда, мувофиқи он фаъолияти зиддиқонунии худро самаранок ва муташаккилона ба анҷом мерасонад.

---

78 Ҳамон манбаъ.

79 Ҳамон манбаъ.

80 Муфассал ниг. ба: Словари и энциклопедии на Академике. Захираи электронӣ. Нишони дарёфт: http://dic.academic.ru.

81 Ҳамон манбаъ.

82 Ҳамон манбаъ.

83 Муфассал ниг. ба: Ҳамин китоб, қисми «Аз муаллиф».- С. 16.

Чунон ки маълум аст, аксарияти нашъаҷаллобон нашъаманд нестанд ва барои муайян намудани сифат (доза, фоиз) -и маҳсулоти маводи мухаддир одамони махсусро ба номи **«озмоишгарон»** истифода менамоянд. Чунин афродро барои истеъмоли мунтазами маводи мухаддир интихоб ва омода месозанд. Вақте ки аз нашъаҷаллобон мепурсанд, ки чаро онҳо ба одамон ин қадар мусибат меоранд, дар ҷавоб мегӯянд, ки одами солим ҳеҷ гоҳ нашъа истеъмол намекунад. Бо ин гуна суханҳо нашъаҷаллобон фаъолияти ҷиноии худро сафед менамоянд.

Бояд тазаккур дод, ки дар ҷомеа гурӯҳҳои муайяни одамон фаъолияти ҷиноии нашъаҷаллобонро дастгирӣ мекунанд ва онҳоро одамони саховатманд медонанд. Худи нашъаҷаллобон ҷиноёти худро пешакӣ сафед намудаанд, зеро дар таркиби нашъаҷаллобӣ ҷиноятҳои зиёд мавҷуд аст. Афроде, ки ба чунин тиҷорат ворид мешаванд, имкони ба вазъияти аз ҳама бад дучор шуданро доранд. Дар аксар маврид ба ҳабс ва ё беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ меафтанд ё аз пайи нашъаҷаллобӣ ба марг дучор мешаванд.

Дар бораи роҳҳои интиқоли маводи мухаддир бисёр гуфтан мумкин аст, аммо ин масъалаи асосӣ нест. Зеро ба ҳайси мушкилоти асосӣ қонунӣ гардонидани даромадҳои ҳангуфте қарор дорад, ки аз фурӯши маводи мухаддир ба даст меояд. Нашъаҷаллобон барои ҳалли мусбати масъалаи мазкур ба таҳдид, зӯроварӣ, зархаридӣ, куштор ва амалҳои дигари зиддиахлоқиву нангин даст мезананд. Имрӯз пӯшида нест, ки нашъаҷаллобон ҳатто мансабдорони давлатиро ба худ ҷалб мекунанд. Ҳатто қодиранд хизматчиёни давлатиро ба сохтори ҷиноӣ ворид намуда, муомилоти маводи мухаддирро ба роҳ монанд.

Сохтори ҷиноятии нашъаҷаллобон ниҳоят муташаккил созмондиҳӣ шуда, махфӣ ва пинҳонӣ амал мекунад.

Дар сохтори нашъаҷаллобон дараҷаҳое (категорияҳо) вуҷуд доранд, ки аз рӯйи навъи имконияту қобилиятҳои худ

дар ҷомеа барои фаъолияти ҷиноӣ шароити мусоид дар макон фароҳам меоранд.

Тавре дар **Ҷадвали №5** нишон дода шудааст, нашъаҷаллобон ба дараҷаҳои (категория) зерин ҷудо мешаванд:

- **поёнӣ.**
- **миёна.**
- **болоӣ.**

**Ҷадвали №5. Категорияҳои нашъаҷаллобон**




Чунин арзишдиҳӣ бо мақсади хабардории саривақтӣ ва таҳкими чораҳои андешидашаванда дар муқовимат бо ҷиноятҳои ба нашъаҷаллобӣ алоқаманд таҳия гардидааст. Моҳияти ин гурӯҳбандии мазкур дар он аст, ки дар ҳама гуна ҷомеа тиҷорати ҷиноӣ фаъолияти худро то муҳлати муайян аз категорияи поёнӣ оғоз карда, сипас, бе мушкилӣ ба дараҷаи дигар гузарад.

Ба **категория поёнӣ** нашъафурӯшоне дохил мешаванд, ки бо гардонидани ғайриқонунии маводи мухаддир дар танҳоӣ ё гурӯҳҳои хурди ҷиноӣ машғуланд. Онҳо ҳамчун навкор дар фаъолияти ҷиноии худ ҳамаи паҳлуҳои бозори дохилии кишварро истифода мебаранд.

Унсурҳои мустақили хурд (баригаҳо) маҷбуранд, ки як қисми даромади худро ҳатто ба шахсоне, ки вазифаашон мубориза бурдан аст, тақсим кунанд, то ки ин гурӯҳ ба фаъолияти ҷиноии онҳо кордор нашаванд. Дар ин доира ҳабсхонаҳоро низ «бенасиб» намемонанд. Афроди гурӯҳҳои хурди ҷиноӣ уҳдадоранд, ки муассисаҳои ислоҳотиро низ бо маводи мухаддир таъмин кунанд.

Дар акси ҳол олами ҷиноӣ метавонад аз онҳо «биранҷад», зеро дер ё зуд ҳама нашъаҷаллобон ба маҳбас меафтанд ва муштариёни нашъа ё касе, ки «пушту паноҳӣ» мекунад, ҷинояткорро дар онҷо низ пуштибонӣ мекунад. Ҳолатҳое ҷой доранд, ки бинобар ранҷиши олами ҷиноии дар маҳбасбуда унсури ҷиноятӣ баъди ба ҳабс маҳкум шудан озори зиёде мебинад.

Инчунин, зикр кардан лозим аст, ки нашъаҷаллобони ба **категория поёнӣ** мансуббударо ***(муфассал ниг. ба: Ҷадвали №6)*** ошкор ва дастгир кардан мушкил нест. Аммо онҳо, чун қоида, иттилои камро медонанд ё ба додани маълумот аз чизе метарсанд. Фурӯшандаҳои одии маводи мухаддир онҳоеро, ки ба категорияҳои миёна ва болоӣ мансубанд, дар аксар ҳолат намешиносанд. Нашъаҷаллобон, аз рӯйи хислати худ, ниҳоят тарсу буда, ба мисли ҷинояткорони одӣ аз ҳар гуна овоза дур мегарданд, то ки таваҷҷуҳро ба худашон ҷалб накунанд. Ба мисли дузди одӣ, ки сайди худро мехоҳад бе шоҳидони зиёдатӣ ғорат кунад, фурӯшандаҳои нашъа бо ҳар роҳ кӯшиш мекунанд, ки фаъолияти онҳо ба назар ноайён бошад.

Воситаи зарурии нашъаҷалобон **«озмоишгар»** мебошад**,** ки ҳар яки онҳо дар ихтиёри худ доранд. Онҳо аз миёни ҷавонон бо усулҳои гуногун **«озмоишгар»** омода мекунанд. Масалан, аввал маводи мухаддири бепул барои истифода (доза) медиҳанд, сипас онҳоро ба худ мутеъ мекунанд. Баъдан қоида ва тартиби махфӣ нигоҳ доштани чунин “кӯмак”-ро дар байни нашъамандон ва дигарон огоҳ месозанд.

Онҳоро ба хомӯш будан маҷбур месозанд, то ки касе чизе нафаҳмад, ва ӯро касе аз роҳи нашъамандӣ бознагардонад. Нашъаҷалобон дидаю дониста ва қасдан наврасон ва ҷавононро ба дом афтонда, нашъаманд мекунанд. Мақсади онҳо омода кардани гурӯҳи «озмоишгарон» ва истифодаи онҳо дар санҷиши маводи мухаддир аст.

**Ҷадвали №6 Категория поёнии нашъаҷаллобон ва ҷойҳои паҳнкунии маводи мухаддир**



Шахс худро гӯё дар ҷамъияти махфӣ эҳсос мекунад ва аз рӯйи камандешӣ мушоҳида намекунад, ки чӣ гуна ба оҳистагӣ ғуломи нашъаҷаллобон мегардад.

Ҳар як дараҷа (категория) бозори махсуси фурӯши маводи мухаддири худро дорад, ки аз рӯйи хусусият, даромад ва масоҳат аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Масалан, бозори дараҷаи (**категория) поёнӣ**, ки бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ дида мешаванд, аз инҳо иборат аст:

- **Муассисаҳои ислоҳотӣ (ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ);**
- **Муассисаҳои дилхушӣ (ресторан, бар, клуб, марказҳои дилхушӣ);**
- **Бозори сиёҳ, чорроҳа, ноҳияҳои серҷиноят;**
- **Ҷойҳои ҷамъшавии ҷавонон (ҳама гуна муассисаҳои таълимӣ);**
- **Қувваҳои мусаллаҳ.**

Маконҳои зикршуда дар ҷамъият барои гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир аз ҳама ҷойҳои осебпазиранд. Нашъаҷаллобон ба ин диққати махсус медиҳанд. Унсурҳои танҳои ҷиноӣ ва гурӯҳҳои хурди ҷиноӣ (нашъафурӯшон) шабака ташкил мекунанд ва усули махсуси паҳнсозиро дар ин муҳит татбиқ менамоянд. Дар ин категорияи нашъафурӯшон, бо таваҷҷуҳ ба махсусияти худи сохтор, нашъафурӯшони ҷудогона, нашъакашон, бангдонафурӯшон («барига»-ҳо), инчунин, зерсохтори худӣ мавҷуд аст.

Дараҷаҳо (категорияҳои) дар боло зикршуда ба ҳам алоқаманд буда, метавонанд аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигаре гузаранд. Бинобар ин, ҳангоми танзими ҳама гуна барнома, лоиҳа ё стратегияи миллӣ оид ба назорати маводи нашъаовар ба категорияҳои асосии нашъаҷаллобон таваҷҷуҳ намуда, нисбат ба ҳар як категория маҷмуи чораҳои махсусро бояд андешид.

Дар чорчуби муқовимат дида мешавад, ки шахсони нашъаҷаллоб усулҳои бехатариро ҷиддӣ риоя мекунанд. Вақте ки инсон дар бонк соҳиби воситаҳои молиявии зиёд мегардад ё дар зиндагиаш дигаргунӣ ба амал меояд (хонаи калон, мошинҳои гарон, сармоя), таваҷҷуҳи мақомоти дахлдор бояд ба онҳо ҷалб гардад. Аз ин ҷо саволи мантиқӣ ба миён меояд, ки ин ҳама даромад аз куҷо аст? Дуруст, ки посух ба ин савол барои нашъаҷаллобон осон нест. Одатан, барои пешгирии мавриди таваҷҷуҳ ё таъқиб қарор нагирифтан онҳо омодаанд, ки маблағи зиёдеро харҷ намоянд. Ба мақсади расмӣ намудани маблағҳои ғайриқонунӣ нашъаҷаллобон омодаанд, ки фоизи зиёдро пешкаш намоянд. Чунин усул тавассути ташкилотҳои тиҷоратии (фирма) қалбакӣ, ки гӯё бо истеҳсоли мол машғуланд, ба амал бароварда мешавад. Молҳои бо нархи 100% харидоришударо ба кишварҳои дигар интиқол медиҳанд ва онҳоро бо нархи арзон фурӯхта, маблағро ба гардиши расмӣ ворид месозанд. Таҷриба нишон медиҳад, ки ин гуна усули пулшӯйӣ аз ҷониби нашъаҷаллобон васеъ истифода мешавад.

Бояд гуфт, ки категорияҳои мазкур дар дилхоҳ ҷомеа хатарнок мебошад, зеро онҳо бевосита бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ машғул буда, талош мекунанд бозори нави фурӯши маводи мухаддирро ташкил диҳанд. Аз ин лиҳоз, муқовимат бо ин дараҷаҳои (категория) ҷинояткорон имкон медиҳад, ки таҳдиди нашъамандӣ дар ҷомеа ба таври самаранок кам шавад.

### Шарҳи мушаххаси дараҷаҳо (категория)

Ба ***категорияи миёна*** нашъаҷаллобоне дохил мешаванд, ки дар фаъолияти ҷиноӣ таҷрибаи муайян доранд. Ин категория робитаи мунтазами ҷиноиро дар дохил ва беруни

кишвар ба вуҷуд овардааст. Нашъафурӯшоне, ки ба категорияи поёнӣ дохиланд, аз иҷрокунандагони асосии фаъолияти ҷиноии категорияи миёна ба шумор меравaнд. Ин категорияи нашъаҷаллобон дорои сохтори махсуси фаъолияти ҷиноӣ буда, асоси онро **иерархия, муташаккилӣ ва фаромиллӣ** будан ташкил медиҳад.

Категорияи миёна ба **гурӯҳи муташаккили ҷиноӣ (ГМҶ)** ва ба гурӯҳи ҷиноии фаромиллӣ дохил мешавад, зеро онҳо ба миқдори махсусан калони гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар бозорҳои дохилӣ ва берунӣ даст доранд. Дар категорияи зикршуда яке аз нишонаҳои асосӣ **фаромиллӣ** будани он аст.

Нашъаҷалобони фаромиллӣ (ташкилотҳои ҷиноии нашъаҷаллобӣ), ҷамъиятҳои нашъаҷаллобон ба манфиатҳои ду ё зиёда кишварҳо хатар эҷод мекунанд. Чунки муомилоти робитаҳои ҷиноии байналмилалӣ барқарор мешаванд. Ҳамчунин, ҳудуди давлатҳои гуногун барои қонунӣ кардани воситаҳои пулӣ ё моликияти дигари бо роҳи ҷиноӣ ба дастомада тавассути ташкилотҳои тиҷоратӣ истифода карда мешаванд. Маҳз аз ҳисоби категорияи мазкур зиёдшавии миқдори ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнини нашъаҷаллобӣ содир мегардад.

Категорияи миёнаи нашъаҷаллобон *(муфассал ниг. ба: Ҷадвали №7)* дар фаъолияти ҷиноии худ бозори дохилии кишвар, инчунин, берун аз онро истифода мебаранд. Хусусияти муҳимми гурӯҳи мазкур дар он зоҳир мешавад, ки он характери фаромиллӣ ва муташаккилӣ мегирад. Нашъаҷаллобони категорияи миёна бо мақсади васеъ кардани бозори фурӯши нашъа робитаҳои ҷиноии худро бо ҷамъиятҳои ҷиноии хориҷӣ ба роҳ мемонанд.

Дар замони имрӯза ҷомеаи ҷаҳонӣ расман эътироф кардааст, ки гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир мушкилоти ниҳоят вазнини инсоният мебошад. Масоҳати

фарогирии он дар бозори васеи ҷаҳонӣ равнақ меёбад, инчунин, қочоқ ва интиқоли он меафзояд. Дар ин ҷо гурӯҳҳои муташаккили ҷиноии фаромиллӣ нақши калон мебозанд. Гурӯҳҳои мазкур як хусусияти фарққунанда доранд, ки унсури хориҷианд. Чунин ҷиноятҳоро ё хориҷиён содир мекунанд ё ба худи онҳо равона шудааст, ё ин ки бо гардиши мол, ашё, инсон тавассути сарҳади давлатҳо алоқаманд аст. Гурӯҳҳои муташаккили ҷиноии фаромиллӣ имрӯз нисбат ба давраи пешин бештар ба назар намоён, пурқувват ва сершоха гардидаанд. Онҳо имрӯз аз махфият берун баромада, хусусиятҳои нав ба нав касб мекунанд. Амалиёти гурӯҳҳои мазкур бо усули махсус, ошкоро, дағалона ва агрессивӣ ба назар расида, дар ниҳоят таҳдиди ошкороро ба амнияти кишвар ба вуҷуд меоранд.

**Ҷадвали №7**
**Дараҷаи миёнаи нашъаҷаллобон ва ҷойи паҳнкунии маводи мухаддир**




Ба ***категорияи болоӣ*** нашъаҷаллобоне дохиланд, ки бо ташкилотҳои ҷиноии фаромиллӣ, террористӣ ва

экстремистӣ робитаи мустаҳкам доранд ва амалиёти ҷиноии худро дар миқёси ҷаҳон амалӣ мекунанд. Ин гурӯҳ сохтори **иерархии муташаккил** дорад. Категорияи болоӣ имкониятҳо ва шабакаи ҷиноии категорияҳои миёна ва поёниро барои нақшаҳои ҷиноии худ истифода мебарад.

Ин категория, ки бо нашъаҷаллобӣ машғул аст, бозорҳои фурӯши муайянро натанҳо дар нисбати ҳудудӣ, инчунин, вобаста ба навъи маводи мухаддир дар ихтиёр дорад. Ба ғайр аз ин онҳо аз ҷиҳати давраи истеҳсоли ғайриқонунӣ ва паҳнкунии маводи мухаддир ниҳоят гуногун буда метавонанд. Ҷараёни истеҳсол, парвариш ва истеҳсоли маводи мухаддири сунъӣ ва табиӣ то фурӯши онҳо ва қонунӣ кардани фоидаашон таҳти назорати қатъии ташкилотҳои ҷиноии фаромиллӣ, террористӣ ва экстремистӣ қарор дорад. Чунин низоми муташаккил ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои ғайриқонунӣ гузаронидани маводи мухаддир аз сарҳад таъсир мерасонанд.

Дараҷаи (категорияи) болоӣ *(муфассал ниг. ба: Ҷадвали №8)* бо гурӯҳҳои террористӣ, экстремистӣ ва гурӯҳҳои муташаккили фаромиллӣ робита доранд. Инчунин, миқдори зиёди маводи мухаддирро дар ҷойҳои мувофиқ паҳн мекунанд. Онҳо аз васила, ё худ равишҳои зерин васеъ истифода мекунанд:

- Бозори фурӯши нашъаҷаллобони дараҷаи поёнӣ ва миёна.
- Дар мактабҳои махсус барои тайёр кардани ҷангиён ва маргталабон.
- Дар муноқишаҳои ҳарбӣ баҳри амалӣ намудани ҳадафҳои худ.
- Ҳамчун аслиҳа (ё васила) бар зидди кишварҳои дигар.

Дараҷаҳои миёна ва болоӣ унсурҳои таркибдиҳандаи ҷиноятҳои ба гурӯҳҳои ҷиноии байналмилалӣ мансуббуда

ба ҳисоб мераванд. Онҳо ҳамчун ҷомеаи ҷиноӣ на танҳо дар сатҳи миллӣ, инчунин, байналмилалӣ эътироф шудаанд ва барои тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ хавфнок ба шумор мераванд.

**Ҷадвали №8**
**Дараҷаи болоии нашъаҷаллобон ва ҷойҳои паҳнкунии маводи мухаддир**



**Категорияҳои миёна ва болоии** нашъаҷаллобӣ, ки аз ҷониби ҷомеаҳои ҷиноии фаромиллӣ ташкил шудаанд, бо сатҳи баланди омодагӣ ва таҷҳизоти фаннӣ фарқ мекунанд. Сохтори дақиқан ҷо ба ҷо шуда ва муташаккил хоси онҳо аст. Дар занҷираи иерархӣ, пеш аз ҳама, саркарда ҷудо шуда меистад. Бо иштироки бевоситаи ӯ ҷиноятҳои пешбинишуда тайёр ва содир мегарданд, ҳамчунин, хулосаҳои лозимӣ бароварда мешаванд. Маъмулан, саркарда худаш аз канор назорат мекунад. Вазифаи ӯ идоракунии берунӣ аст. Вазифаҳои танзимии дохилӣ дар чунин гурӯҳҳо ба ухдаи фурӯшандаҳо, тақсимкунандаҳо ва кашонандаҳо вогузор шуда, аз рӯйи қонунҳои нонавишта идора мешаванд. Дар сохтор вазифаҳои аъзо бо таъминоти захиравии гуногун тақсим шудаанд. Риоя накардани қоидаҳои мазкур ба вайроншавии гурӯҳ оварда мерасонад. Бинобар ин, вайронкунандаҳо таъқиб ва аз ҷониби аъзои гурӯҳ ҷазо дода мешаванд. Аммо ҳайати миқдорӣ ва сифатии гурӯҳи ҷинояткорон хусусияти умумӣ дошта, чунин доимият натиҷаи таҷрибаи ҷиноӣ ва махсусиятҳои синнусолӣ буда, ба навъҳои фаъолияти ҷиноӣ вобаста аст.

Бо боварии том метавон гуфт, ки ягон нафар аз ҳайати ин гурӯҳҳо дар бораи шахсони аз ин ҳисоб ҷабрбинанда ва ё аз нашъамандӣ миранда фикр намекунад. Ҳар як аъзои гурӯҳ дар ғами фоидаи худ аст. Барои шахсони дорои ақли солим маводи мухаддир воқеан хатар аст, аммо барои истеҳсолкунандагони нашъа ва нашъаҷаллобон, ки ҳамарӯза бо ин кор машғуланд, ин амал одӣ буда, натиҷаи он бо ба даст овардани фоидаи калон хулоса мешавад. Фаъолияти онҳо дар сохторҳои ҷиноии муташаккил шакли торафт васеътар мегирад.

Омӯзиши марказҳои тавлид ва тиҷорати ҷаҳонии маводи мухаддир нишон медиҳад, ки нашъаҷалобон сохтор ва дараҷаи (категория) ташкили фаъолияти ҷиноии худро

доранд. Танҳо дар мавриди ташкили чунин сохтор имконият пайдо мекунанд, ки муташаккилона фаъолияти ҷиноӣ баранд.

Масалан, дар сохтори ташкилӣ дастгирии молиявӣ дар мади аввал қарор дорад. Пайдо шудани **имконияти молиявӣ** дигар бахшҳои сохторро равнақ медиҳад. Дар сохтор дар бахши дуюм **дастгирии ҷисмониву ҳуқуқӣ** *(муфассал ниг. ба: **Ҷадвали №9**)* мебошад. Баъдан бахши "озмоишгарон" ва ё лабораторяҳои зинда. *("Озмоишгар" ё "озмоишгарон" – шахсоне, ки бо супориши нашъаҷалоб маводи мухаддирро бо мақсади муайян намудани сифат вай истеъмол мекунанд).*

Бояд гуфт, ки кишварҳои зерин марказҳои ҷаҳонии кишту тиҷорати маводи мухаддир ба ҳисоб мераванд. Аз ҷумла, "Аҳмари тиллоӣ" — Афғонистон, Эрон, Покистон. Дар ҳудуди ин кишварҳо миқдори зиёди кукнор, афюни хом, героин ва каннабис истеҳсол карда мешавад.

"Секунҷаи тиллоӣ" - Мянма, Лаос, Таиланд. Дар ин минтақа миқдори зиёди кукнор, афюни хом ва ҳероин истеҳсол мешавад.

"Амрикои Ҷанубӣ" - Колумбия, Перу, Венесуэла, Боливия. Бештар зироатҳои бартаридошта кока кишт мешавад. Аз он кокаин, крек истеҳсол мешавад. Ҳоло маводи мухаддири синтетикӣ низ истеҳсол мекунанд.

"Нидерландия" - истеҳсоли марихуана ва маводи мухаддир синтетикӣ.

"Марокаш" - истеҳсоли ҳашиш.[84]

Қобили зикр аст, ки дар ин марказҳои ҷаҳонии тиҷорати маводи мухаддир, нашъаҷалабон муташаккилона ва бо сохтори ташкилӣ фаъолият мебаранд. Табиати ин гурӯҳ ҷинояткорон нишон медиҳад, ки ҳамеша ба кӯмакҳои молявӣ, ҳуқуқӣ, таъмини бехатарӣ ва озмоишгарон ниёз

---

[84] Истеҳсолкунандагон ва таъминкунандагони ҷаҳонии маводи мухаддир Мировые производители и поставщики наркотиков. // vestnik-mgou.ru (27 марта 2009 года)

доранд. Дар ҳеҷ маврид нашъаҷалоб бе дастгирӣ ва пуштибонӣ фаъолият бурда наметавонад.

**Ҷадвали №9**
**Сохтори фаъолияти нашъаҷаллобони ҷаҳонӣ**




Бинобар ин, дар сохтори ташкилӣ дастгирии молявӣ яке аз бахшҳои муҳим ва зарурӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин бахш киҳо метавонанд бо нашъаҷаллобон дастгирии молиявӣ пешниҳод намоянд ва дар амали ҷиноӣ шарики онҳо бошанд? Масалан, ба ин бахш бештар метавонанд як зумра бонкҳо, олигархҳо, тоҷирон, гурӯҳҳои муташаккили ҷиноӣ бо мақсади аз муомилоти маводи мухаддир фоизи муайяни

маблаҒи пулии муфтро ба даст овардан, ҳамкорӣ кунанд. Худи ин намуди ҷиноят аз сабаби он ки хусусияти хеле хавфнок дорад ва ҳамеша дар ҳолати нокомӣ ва ё боздоштшавӣ қарор доранд. Аз ин хотир хароҷоти молявии онҳо бештар мебошад. Ҳамзамон, дар ҳолати комёбӣ даромади калон ба даст меоранд. Албатта, шарикони кӯмакрасон худро ҳеҷ гоҳ ва ба ҳеҷ ваҷҳ гунаҳгор намеҳисобанд, кӯшиш мекунанд, ки ҳамеша дар пинҳонӣ бошанд.

Муайян кардани манбаи асосии маблағгузории истеҳсолоти маводи мухаддир ва фурӯши он бо назардошти кушод будани фаъолияти он чандон кори мушкил нест. Дар ҳама гуна шароит пулҳои бо роҳи ҷиноӣ бадастомада аз ҷониби кишткунандагон (дар шароити Афғонистон), гурӯҳҳои ҷиноии муташаккил, бонкҳои ҷудогона (низоми махсуси «Ҳавола»), ходимони ҷудогонаи давлатии фасодзада рӯйи об мебароянд, зеро ин афрод худ ба фаъолияти сердаромади ҷиноӣ майли зиёд доранд.

Маълум аст, ки нашъаҷаллобон аз муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир даромади калон ба даст меоранд. Дар навбати аввал, молу мулк ва сарвати зиёди ба даст омада ниёз ба таъмини бехатарӣ ва ҳимояи ҳуқуқӣ дорад. Аз ин лиҳоз, нашъаҷаллобон кӯшиш мекунанд, ки дастгирии ҳуқуқӣ ва физикии тиҷорати ҷиноии худро таъмин карда, бе хавф созанд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки нашъаҷаллобон ба ҳайси абзори **муҳофизати ҳуқуқии худ аз** хизматрасониҳои адвокатҳо, пуштибонии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, додситону додрасҳо ва мансабдоронӣ давлатӣ моҳирона истифода мебаранд. Пӯшида нест, ки дунёи ҷиноӣ, бахусус, нашъаҷаллобон ба хотири ҳифзи амнияти худ алоқаҳои худро дар мақомоти давлатӣ ворид мекунанд. Мансабдоронро ба ивази маблағҳои калон ба пуштбони худ мубадал мегардонанд.

Ҷанбаи ҳуқуқӣ дар сохтори нашъаҷаллобон низ нақши ниҳоят муҳим мебозад, зеро дарозумр гардидани ин ҳалқаи ҷиноӣ, аз ин бахш вобаста мебошад. Дар дилхоҳ ҷомеа нашъаҷаллобон ба чунин намуди хизматрасонӣ эҳтиёҷ доранд ва кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки ҳамеша доираи мазкур қавӣ бошад. Ба ғайр аз расонидани ёрии ҳуқуқӣ ҳуқуқшиносони бо нашъаҷаллобӣ робитадошта мизоҷони худро аз қонунгузориҳо ва оқибати фаъолияти ҷиноӣ ва роҳҳои муҳофизат аз тадқиқоти судӣ хабардор карда, роҳу усулҳои ҳимояро мефаҳмонанд.

Бо сабаби даромаднoктарин тиҷорати гурӯҳҳои муташаккили ҷиноии фаромиллӣ будан, муомилоти маводи мухаддир дар саросари ҷаҳон дар сатҳи баландтарин қарор дошта, таваҷҷуҳи доираи муайяни ҳуқуқшиносон, намояндагони ҷудогонаи мақомоти салоҳиятдори давлатиро ба худ ҷалб мекунад. Одатан нашъаҷаллобон талош мекунанд, ки пулу моли аз гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ба дастомадаро қонунӣ гардонанд. Масалан, бо воситаи сармоягузорӣ корхонаҳои гуногун, аз он ҷумла тарабхонаҳо, мағозаҳо, қаҳвахона ва дигар муассисаҳо бунёд мекунанд, ки худ қонунӣ гардонидани даромади ҷиноии бадастомада мебошад. Бояд гуфт, ки нашъаҷаллобон аз муомилоти маводи мухаддир аз 300 то 2000% фоида ба даст меоранд, ки онҳоро ҳам барои ташкилотҳои ҷинояткорони фаромиллӣ ва ҳам гурӯҳҳои ҷинояткорони маҳаллӣ, ки ҳадафи онҳо ба даст овардани фоидаи ҳадди аксар дар муддати кӯтоҳ аст, ҷолиб мегардонад.

Ғайр аз ҳимояи ҳуқуқӣ барои нашъаҷаллобон ҳифзи физикӣ низ лозим мебошад. Бо мақсади таъмини амнияти фаъолияти ҷиноӣ низоми муҳофизатӣ – **таъмини физикӣ ва фаннӣ** таъсис медиҳанд. Ба ин низомҳо шахсони аз ҷиҳати ҷисмонӣ боқувват, мусаллаҳ ва истифодабарандагони хуби

воситаҳои техникиву нақлиётӣ дохил мешаванд. Категорияҳои миёна ва болоии нашъаҷаллобӣ, ки бо гурӯҳҳои ҷиноии муташаккил, созмонҳои террористӣ ва экстремистӣ робита доранд, барои таъмини бехатарии шахсии худ дастаҳои мусаллаҳ нигоҳ медоранд. Ҳар як киштзор, анбор ва лабораторияи маводи мухаддир бевосита аз ҷониби дастаҳои махсуси мусаллаҳ посбонӣ мешаванд. Ин гурӯҳи мусаллаҳ бо таҷҳизоти техникӣ ва алоқа таъмин мебошанд. Фаъолияти ҷиноии ин категорияҳо ба ғайр аз маводи мухаддир, инчунин, хариду фурӯши аслиҳаро низ дар бар мегирад.

Яке аз вазифаҳои асосии сохтори ташкилии нашъаҷаллобӣ тарғиби воситаҳои нашъаовар дар ҳама гуна шакл мебошад. Аз ҷумла, аз ҷониби онҳо наворбардории филмҳое, ки шавқи бевоситаи тамошобинонро ба мавоид мухаддир бедор мекунанд, маблағгузорӣ мешаванд. Тасаввур мекунем, ки филми бадеӣ як триллери пурҷӯшу хурӯш бо намоишномаи хуб, бо қаҳрамони асосии ба ҳама писанд ба навор гирифта шудааст. Ҳама чиз дар филм хуб аст, қувваи некӣ бар бадӣ ғолиб меояд, аммо қаҳрамони асосӣ дар байни сужет банг мекашад ё кокаин бӯй мекунад. Ба назар чунин мерасад, он як ҳодисаи муқаррарӣ аст. Ба ин тариқ, истеъмоли нашъа рӯирост тарғиб карда мешавад. Агар ҳангоми тамошои филм чунин ҳодисаро мушоҳида кардед, гумон накунед, ки ин озодандешии коргардони филм аст. Ин тарғиби маводи мухаддир мебошад, ки барои он маблағи гарон пардохт гардидааст. Инчунин, навъҳои хеле зиёди тарғиб мавҷуд аст. Дар онҳо маводи мухаддир аз нигоҳи дигар нишон дода мешаванд.

Масъалаи дигари ҷаҳони муосир, ки ба ҳаёти солими инсонҳо таҳдид мекунад, маводи мухаддири сунъие мебошад, ки солҳои охир бо номи «экстази» (анфитаминҳо) таҳия мегардад. Онро парвариш кардан ва худро дар хатар

гузошта аз як ҷо ба ҷойи дигар интиқол додан шарт нест, зеро имкони дар ҳама ҷое, ки талабот ҳаст, дар ҳар гуна лабораторияи кимиёвӣ ҳосил кардани он ҷой дорад. Нашъаҷаллобони имрӯза якбора чанд мушкилоти худро бо ин роҳ ҳал кардаанд. Акнун онҳо метавонанд он қадар моводи мухаддир дошта бошанд, ки бозори талабот ба он ниёз дорад. Агар кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ миқдори зиёди моводи мухаддирро дар шакли экстази ё анфитамин дастгир намоянд, имкони қонеъ намудани талабот паст намешавад.

Мувофиқи андешаи муҳаққиқони соҳа[85], вобастагӣ ба моводи мухаддир дарҳол пас аз истеъмоли нахустини экстази ба амал меояд. Сухан дар бобати он аст, ки моддаҳои кимиёвӣ, ки ба таркиби наркотикҳои сунъӣ дохил мешаванд, аз ҷисми инсон ниҳоят дер хориҷ шуда, хеле вақт дар он боқӣ мемонанд ва ҷисм ба онҳо одат пайдо мекунад. Бинобар ин, ҷойи тааҷҷуб нест, ки организм баъди истеъмоли нахустин ба ин навъи моводи мухаддир ба зудӣ вобаста мегардад.

Дар бисёр кишварҳои дунё фурӯши доруҳои нашъаовар дар дорухонаҳо бидуни дорухатти табибон манъ аст. Оқибати истеъмоли бисёре аз доруҳои дар таркибашон моводи сунъии нашъадор буда вазнин аст. Аз ҷумла, истеъмоли наркотики ба ном «крокодил» инсонро зинда ба зинда мепӯсонад. Аммо нашъамандон ба ин ҳам розиянд, то ки «ломка» -и худро бартараф кунанд ё лаззат баранд.

Низоми нашъаҷаллобӣ ба мисли ҳама гуна навъи фаъолияти ғайриқонунӣ хусусияти сиклӣ дорад, яъне аз зинаҳои муайяни такроршаванда, аз қабили мутамарказонидани даромади ҷиноӣ, қонунӣ кардан ва истифодаи он ба сифати маблағгузории ҷиноӣ ё қонунӣ, ё

[85] Муфассал ниг.ба: Лазин Ю. Наркобизнес и наркомания. Захираи электронӣ. Нишони дарёфт: http://www.proza.ru.

ин ки барои истифодаи шахсии аъзои гурӯҳи нашъаҷаллобон иборат аст.

Истеҳсолоти маводи мухаддири ҷаҳонӣ дар сохтори муташаккили худ як қатор шохаҳои иловагӣ дорад. Бе ин шохаҳо сохтори истеҳсоли маводи мухаддир ва фурӯши он самара надорад, зеро онҳо барои нигоҳдории пояи истеҳсолот ва муомилот нақши муҳим мебозанд. Ҳар як шоха зерсохтори худро дорад, ки барои мавҷудият ва рушди он мусоидат мекунад. Бинобар ин дар муқовимат бо ин зуҳуроти хатарнок омӯзиши ҳар як шоха дар алоҳидагӣ зарур ва муҳим мебошад. Масалан, ба нашъаҷаллоб ҳудуди муайян, яъне майдонҳо лозим барои кишти маводи мухаддир *(муфассал ниг. ба: Ҷадвали №10)*. Пас аз он ки истеҳсолкунандаи маводи мухаддир майдони кишт пайдо кард, ба дастгирии молиявӣ, физикӣ ва ҳуқуқӣ ниёз пайдо мекунад.

Бо чунин сохтор фаъолият кардани тавлидгарони маводи мухаддир дар ҳамсоякишвар баръало мушоҳида мешавад. Майдонҳои кишти маводи мухаддир аз ҷониби гурӯҳҳои силоҳдор муҳофизат мешаванд. Ҳазорҳо гектар замин кишт мешаванд, ки мақомотҳои ваколатдори давлатӣ мебинанд, лекин ҷораҷӯйӣ карда наметавонанд. Ин далел аз он шаҳодат медиҳад, ки нашъаҷалобон бо сохтори ташкилии муташаккил фаъолият мекунанд.

Масалан, дар Афғонистон тамоюли камшавии хаҷми маводи нашъаоваре, ки ба таври транзитӣ бо хатти "сайри шимолӣ" аз тариқи кишварҳои Осиёи Марказӣ ба бозорҳои Россия ва давлатҳои Аврупои Ғарбӣ мушоҳида мешавад, ба сабабҳои зерин вобаста мебошад:

- камшавии нархи афюн дар минтақаҳои Шимол ва Шимолу Шарқӣ бо сабаби афзоиши ҳаҷми истеҳсоли он ва афзудани қиммати он дар қисматҳои Шарқӣ ва Марказии Афғонистон;

## Ҷадвали №10
## Сохтори истеҳсоли нашъа



- мавҷудияти имконоти воридоти ғайриқонунии прекурсорҳои ҷиҳати истеҳсоли морфин/героин истифодашаванда аз тариқи Покистон;

Дар ин кишвар ходимони давлатӣ, кормандони бонкҳо, аъзои гурӯҳҳои ҷиноии муташаккил (ГҶМ), дар маҷмуъ, ба гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир манфиатдор ё ба онҳо шариканд.

Таҳти мафҳуми “дастгирии физикӣ” таъмини бехатарии майдонҳои кишти кукнор, бангдона, анборҳо ва лабораторияҳои (корхонаҳои) истеҳсоли маводи мухҳаддир фаҳмида мешавад. Барои амалӣ намудани ин уҳдадорӣ (муҳофизати физикӣ) истеҳсолкунандаи маводи мухаддирро лозим аст, гурӯҳи одамон, аслиҳа, воситаҳои нақлиёт ва алоқа ба даст оварад.

Шохаи дигари истеҳсоли маводи мухаддир лабораторияҳои хурди саҳроӣ мебошад, ки тавассути онҳо ашёи хоми маводи мухаддир то ба маводи сахттаъсири нашъадори тайёр омода карда мешавад. Барои ба роҳ мондани фаъолияти лабораторияҳо одамон, воситаҳои техникии махсус ва моддаҳои кимиёвӣ (прекурсорҳо) лозиманд.

Яке аз унсурҳои муҳим ва зарурии сохтори ҷиноии нашъаҷаллобон ин гурӯҳи одамоне мебошанд, ки сифат ва вояи (дозаи) маҳсулоти тайёрро месанҷанд, яъне **«озмоишгарон».** Ин гуна афродро нашъаҷаллобон аз ҳисоби оилаҳои камбизоат бо роҳи фиреб пайдо намуда, бо намоиш додани қадршиносии ночиз онҳоро ба нашъаманд табдил медиҳанд.

**Нақш ва вазифаи “озмоишгарон” дар ин сохтор чист?** Барои истеҳсолкунанда ва фрушандаи маводи мухаддир як гурӯҳ (аз 5 то 8 нафар) нашъаманд, ки ба ӯ мутеъ мебошанд, лозим аст тосифати маҳсулоти тайёрро санҷанд. Ҳар як нашъаҷаллоб вабаста ба миқдори муомилот дар ихтиёри худ аз се то панҷ «**озмоишгар»** дорад, ки онҳоро ба таври мунтазам барои ҳадафҳои ҷиноии худ истифода мебарад.

Бояд гуфт, ки онҳо ҳамеша дар зери назорати нашъаҷаллоб қарор доранд, дар натиҷаи истифодаи зииёд онҳо умри дароз намебинанд.

Бахши дигар, ки барои нашъҷаллоб муҳим мебошад, бозори истеъмолӣ ва масири асосии интиқоли маводи мухаддир аст. Давраи навбатӣ – интихоби фурӯшандаҳо ва омода кардани онҳо ба сифати кашонанда ва тақсимкунандаҳо вобаста мебошад. Сипас, нашъаҷаллоб ё истеҳсолкунанда роҳҳои асосии кашонидани маҳсулоти худро ба фармоишгарон ташкил мекунад.

Истеҳсолкунандагон ва фурӯшандагони маводи мухаддир ба хотири фаъолияти самаранок, сохтори инкишофёфта ва сершоха таъсис медиҳанд. Зеро нашъаҷаллобон ашёи хоми аввалияро аз истеҳсолкунандагон ба даст оварда, коркард ва интиқоли маҳсулотро ба истеъмолкунандагон, ки аксарияташон дар кишварҳои рушдёфта зиндагӣ мекунанд, таъмин менамоянд.

Мушкили гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар гузашта танҳо кишварҳои ҷудогонаро фаро гирифта буд, ҳоло он хусусияти глобалӣ пайдо кардааст. Суръати паҳншавии нашъаҷаллобӣ ва нашъамандӣ натанҳо ҳукумати ин ё он кишвар ва созмонҳои байналмилалӣ, балки қишрҳои васеи ҷомеаро ба ташвиш меорад. Масалан, ба омӯзиши ин масъала зерсохтори Созмони Милали Муттаҳид – Раёсат оид ба мубориза бо нашъамандӣ ва ҷинояткорӣ (бо дафтари марказӣ дар шаҳри Вена), Ҷамъияти байналмилалии криминологӣ, Ассотсиатсияи байналмилалии ҳуқуқи ҷиноӣ, Интерпол ва ғайра машғуланд.

Ташвишовар он аст, ки суръати рӯзафзуни талабот ба маводи мухаддир боиси пешниҳоди нав мегардад. Омилҳои афзоиш ин талаботи истеҳсол ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир аст. Дар даҳсолаи охир дар ҷаҳон фаъолияти муташаккили ҷиноӣ дар самти муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ

бо суръати хатарнок меафзояд. Истеъмоли маводи нашъаовар таърихи чандин садсола дорад ва тули ҳамин муддат инсоният мекӯшад аз ин бадбахтӣ худро раҳо кунад. Ҳамасола дар сар то сари ҷаҳон истеъмоли маводи мухаддир ҳаёти миллионҳо одамонро нобуд месозад. Барои муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар марзи нажодӣ, ҷинсӣ, динӣ ва миллӣ вуҷуд надорад. Беш аз ҳама, дар натиҷаи истеъмоли маводи нашъаовар яке аз муҳимтарин арзишҳои асосии ҳаёти одамӣ ба хатар рӯ ба рӯ мегардад. Сокинони сайёра барои ғайриқонунӣ ба даст овардани маводи мухаддир назар ба хӯрокворӣ, манзил, либос, маълумот ё хизматрасонии тиббӣ бештар пул сарф мекунанд. Вале хатари иҷтимоии истеъмоли мухаддирот ба талафоти моддии ҷомеа маҳдуд намешавад. Рушди ҷиноякории муташаккил, паҳншавии ВИЧ/СПИД ва дигар бемориҳои хатарнок, маблағгузории террористон – инҳоянд номгӯйи нопурраи ҳамаи оқибатҳои ғамовари паҳншавии маводи мухаддир, ки иқтидори инсонии ҷомеаро вайрон мекунад.

Мушкилоти вобаста ба муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир барои бисёр кишварҳо ба омили ҷиддии бесуботӣ табдил ёфтааст, ки на танҳо ба саломатӣ ва амнияти миллионҳо одамон таҳдид мекунад, балки ҷомеаи шаҳрвандӣ, вазъи иқтисодӣ ва амнияти миллиро ба хатар рӯ ба рӯ месозад.

Нашъаҷаллобӣ дар ҷамъият ба омили пурқуввати ҷиноятзо табдил ёфта, вазъро ноором месозад. Метавон хулоса намуд, ки нашъамандон барои дастрас намудани он ҷиноятҳои гуногунро содир менамоянд.

Бояд таъкид намуд, ки сохтори истеҳсоли нашъа ва нашъаҷаллобӣ бар хилофи дигар соҳаҳои ҷиноӣ аломатҳои махсуси худро дорад. Аз ҷумла, дар сохтор:

- муташаккилӣ, иерархӣ, фаромиллӣ;
- барои банақшагирӣ ва содир кардани ҷиноят заҳмати зиёд мекашанд, дар дохили сохтор қоидаҳои қатъӣ

мавҷуданд, аз ҷумла риояи махфӣ будани амалиёт (конспиратсия);

- дар созмонҳои ҷиноии худ уҳдадориҳои аввалиндараҷа ва иҷрокунандаҳои дуюмдараҷаро ҷудо мекунанд (категорияҳо);
- онҳо робитаҳои устувори коррупсиониро оид ба бехатарии сохтори ҷиноӣ ва фаъолияти худ ба роҳ мемонанд (дастгирии ҳуқуқӣ);
- дар миёни сохторҳои нашъаҷаллобон ва истеҳсолкунандагони маводи мухаддир рақобат ва мусобиқаи тезутунд ҷой дорад;
- барои таъмини интиқоли бехатари маводи мухаддир ба бозори фурӯш ҷиҳати ба даст овардани аслиҳа чораҳо меандешанд (дастгирии физикӣ).

Истеҳсол ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир навъи махсуси фаъолияти ҷиноии муташаккил аст, ки андешидани чораҳои қатъӣ ва ҳалкунандаро нисбат ба ин зуҳурот талаб дорад. Аз ин рӯ, бо назардошти омӯзиш ва таҳлили сохтори муосири нашъаҷаллобӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир пешгирии он имконпазир мегардад. Ҳамчунин, омили мазкур барои паст намудани сатҳи нашъамандӣ дар ҷомеа мусоидат намуда, дарёфти роҳҳои беҳтар ва мақсадноки муборизаро фароҳам месозад.

Дар доираи тадқиқоти илмӣ сохтори дар боло зикршуда имкон медиҳад, ки хулоса ва мулоҳизаҳои амалӣ таҳия шаванд. Чунин иқдом метавонад барои рушди илмҳои муосири шинохти нашъаҷаллобӣ ва нашъамандӣ мусоидат намояд. Зеро дар сатҳи назария пайдо намудани роҳҳои ҳадафноки мубориза имкон медиҳад, ки падидаҳои номатлуби мазкур ҳаллу фасл шаванд ва модели муносиб барои мутахассисон ва коршиносон пешниҳод гардад. Чунин усул дар самти муборизаи кунунӣ ва минбаъда бо тағйир ёфтани сохтори муосири нашъаҷаллобӣ аҳамияти баланди назарӣ ва амалиро касб менамояд.

Дар самти омода намудани кормандони фаврӣ (оперативӣ) барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ваколатдори давлатӣ низ омӯзиш ва баррасии сохтори таҳлилшудаи нашъаҷаллобӣ муфид аст. Зеро на дар ҳама ҳолат назария метавонад бо амалия мувофиқат кунад. Бинобар ин, бо назардошти дарк шудани пояҳои асосии сохтори ҷиноятпеша имкони муайян ва пешгирӣ намудани он зиёд мегардад. Аз ин рӯ, дар оянда боз ҳам такмил додани дониш ва малакаҳои шинохти сохтори нашъаҷаллобӣ ва дар маҷмуъ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир имконият фароҳам меорад, ки мақомоти махсуси давлатӣ ба раванди ҳамешагӣ ва хатарзо будани он омода бошанд ва бо назардошти он усули муборизаи худро тақвият бахшанд. Чунки ягон кишвари олам, новобаста аз иқтидор ва имкониятҳои худ наметавонад дар танҳоӣ ба густариши маводи мухаддир, ки башариятро дар рӯ ба рӯйи таҳдидоти бешумор қарор додааст, муқобилият кунад. Аз ин ҷост, ки яке аз шартҳои муқовимати самаранок алайҳи ин хатари бузурги муосир бунёди системаи бисёрзинагии ҳамкориҳои байналмилалӣ низ мебошад.

## Институти «озмоишгарон» - василаи ғайрирасмии паҳншавии нашъамандӣ

Масъалаи истеъмоли ғайритиббии маводи мухаддир дар муддати сад соли охир аз ҷониби муҳаққиқони илмҳои гуногун омӯхта мешавад. Аммо таҷриба нишон медиҳад, ки бо сабаби норасоии базаи илмию техникӣ ё раҳёфти нодуруст, тадқиқоти мукаммал дар ин мавзуъ то ҳол анҷом дода нашудааст. Дар ин маврид бояд тазаккур дод, ки масъалаи ҷалби ҷавонон бо роҳи фиреб, бо истифодаи зӯроварӣ ё таҳдид ба истеъмоли маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ мулоҳизаи назарӣ ва далели амалиро талаб мекунад.

Дар робита ба андешаҳои боло чунин мешуморем, ки дар ҳама гуна ҷомеа ҳамеша шумораи муайяни гурӯҳҳои муташаккили ҷиноӣ мавҷуданд, ки бо муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ машғул мебошанд.

Бояд дар хотир дошт, ки дар ҳама гуна сохтори ҷиноии нашъаҷаллобон гурӯҳи одамони **«озмоишгар»,** ки ба уҳдадориашон истеъмоли воя (доза) дохил мешавад, вуҷуд доранд. Вазифаи асосии онҳо муайян намудани сифати маводи нашъадор ва таъсири физиологии он аст. Онҳо намудҳои гуногуни маводи мухаддирро ба шакли вояҳои (дозаҳо) гуногун месанҷанд ва пас аз муддате дараҷаи беҳолшавӣ ва эҳсосоти худ ва сифати нашъаро муайян карда мегӯянд.

Чунон ки дар боло зикр шуд, истеҳсолоти маводи мухаддир барои фаъолияти самаранок сохтори ҷиноии байналмилалии худро дорад. Дар ин замина бояд таъкид намоем, ки ин ҷанбаи асосии мавҷудаи сохтори нашъаҷаллобӣ дар фаъолияти ҷиноӣ нақши муҳим дорад. Бори дигар ишора мекунем, ки бахши **«озмоишгарон»** - аз гурӯҳи махсуси одамон, ки барои муайян намудани сифат ва дараҷаи таъсирбахшии маҳсулоти тайёр кор мекунанд, ташкил карда мешавад. Аз замони истеҳсол то ба истеъмол маводи мухаддир аз даст ба даст мегузарад, ки амалан як силсилаи яклухти ҷиноиро ташкил медиҳад. Дар баробари фурӯшанда тақсимкунанда ва кашонанда низ ҳамчун сохтори ҷиноии маводи мухаддир аз ҳайати **«озмоишгарон»** иборат аст. Маъмулан ба категорияи мазкур диққати махсус дода намешавад ва онҳоро нашъамандони одӣ мешуморанд, ки дар асл чунин нест.

Дар воқеъ, истеҳсолкунандаи маводи мухаддир ва нашъаҷаллоб ба хубӣ дарк мекунанд, ки барои фаъолияти ҷиноии онҳо гурӯҳи «озмоишгарон», аз 3 то 5 нафар, зарур

аст. Сохтори нашъачаллобӣ бо мавчудияти озмоишгарон, яъне «лаборатория зинда» фаъолият менамояд, ки танҳо тавассути онҳо сифати маҳсулот муайян карда мешавад (*муфассал ниг. ба:* ***Чадвали №11***).

**Чадвали №11**




Дар робита бо ин, таъкид бояд кард, ки сарварони майдони кишти маводи мухаддир ва фурӯшандагони онҳо ҳамеша аз байни камбизоатон, бепарасторон, ятимон, инчунин, қисми осебпазири чомеа одамонро интихобу пайдо мекунанд. Пас аз он бо роҳҳои гуногун – фиреб, зӯроварӣ ва тарс онҳоро ба ғулом табдил медиҳанд.

**Тартиби интихоб ва омодасозии “озмоишгарон”** аз он иборат аст, ки аввал номзадҳои мувофиқро мавриди омӯзиш ва санчиш қарор медиҳанд, атроф, муҳит ва имконоти онҳоро муайян менамоянд. Сипас бо онҳо нарм ва бо муомила муносибат менамоянд, фаъолияти чиноии худро тарғиб мекунанд (ба даст овардани боигарии

бедардимиён), хуб меҳмондорӣ карда каме қадршиносӣ мекунанд (маблағ медиҳанд). Ба вай истеъмоли маводи мухаддири сабукро (нашъа) васф карда, таърифу ситоиш мекунад. Пас аз ин санҷиши бангро пешниҳод мекунанд. Хулоса, нашъаҷаллоб худро назди ҷавони нодону гумроҳ тавоно ва қудратманд нишон дода, тарзи ҳаёти худро тавсиф мекунад. Бечуну чаро ҷавонро ба ин шакли ҳаётгузаронӣ мафтун мекунад. Ҳамаи ин ҷараён то он вақт идома меёбад, ки шахс бо нашъамандӣ вобастагӣ пайдо кунад. Ҳолати мазкур ба зудӣ паси сар шуда, ин ҷавон ба нашъаманд мубадал мегардад. Онҳоро сараввал ба андозаҳои хурд одат кунонида, сипас пешниҳод мекунанд, ки намуди навро озмоиш кунанд. Дар натиҷа ба мисли ғулом вобастаи хӯҷаин худ мешавад. Нашъаҷаллобон озмоишгаронро то он даме, ки онҳо қобилияти озмоишӣ доранд ва худро идора карда метавонанд, истифода мебаранд. Баъд аз корношоям шудани онҳо бо ҳар роҳу восита аз онҳо халос мешаванд. Дар марги чунин ҷавонони фиребхурда нашъаҷалоб ҳамчун қотил ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб намешавад.

Вобаста ба ҳаҷм ва миқдори маводи мухаддир озмоишгарон ҷалб карда мешаванд. Агар миқдор калон бошад, озмоишгар низ зиёд мешавад, чунки озмоишгари кам тавони санҷиши миқдори зиёдро надорад. Истеъмоли мунтазами маводи мухаддир муҳлати коршоямӣ ва умри озмоишгаронро кам мекунад. Ба ғайр аз ин худи нашъаҷаллобон, дар сурати нодуруст муайян намудани андоза ва сифати маводи мухаддир, аз баҳри онҳо гузашта, шахсони навро ҷалб мекунанд.

Дар сохтори нашъаҷаллобӣ **“озмоишгарон”** мавқеи муҳим доранд, аммо аз сабаби он ки ҳамеша дар ҳолати мастӣ аз нашъа қарор доранд, ҳеч гоҳ ба доираи эътимод ворид намешаванд. Онҳо ҳамчун олоти санҷишӣ истифода

мешаванд. Хизматрасонии онҳо дар сурати ворид шудани маводи нав лозим мешавад.

Чун анъана озмоишгарон аз нақшаҳои ояндаи нашъаҷаллобон хабар надоранд. Низоми силсилавии озмоишгарон устувор ва тулонӣ нест, зеро ин ихтисоси махсусашон онҳоро дар муддати кӯтоҳ нобуд месозад ва сафи онҳо аз шумори одамони нав пур карда мешавад. Ҳар як истеҳсолкунандаи маводи мухаддир ё нашъаҷаллоб дар алоҳидагӣ то 5 озмоишгари шахсӣ дорад, ки махфӣ нигоҳ дошта мешаванд. Метавон тасаввур намуд, ки дар ҳудуди кишвар чанд нашъаҷаллоб ҳасту ҳар кадоми он чанднафарӣ озмоишгар, яъне одамони вобасташудае доранд, ки ояндаашон торик аст. Масъалаи мазкурро раванди истифодаи озмоишгарон аз ҷониби нашъаҷаллоб возеҳ мегардонад *(Ниг. ба: Ҷадвали №12)*.

**Ҷадвали №12**




Дар робита ба ҷадвали мазкур метавон хулоса намуд, ки гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир бо иштироки бевоситаи озмоишгарон пиёда мешавад. Аз истеҳсолкунанда то истеъмолкунанда тариқи миёнравон (нашъаҷаллобон) аз дасти чанд озмоишгар гузашта, сифат ва нархи он мувофиқи хулосаи онҳо муайян мегардад

Махсусан, омӯхтан ва баҳо додан муҳим аст, ки аз ҳудуди фарогирии хариду фурӯши ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ ва институти

озмоишгарон чӣ қадар одамон аз доираи тадқиқи муҳаққиқон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ берун мемонанд.

Чунон ки таҷриба нишон медиҳад, нашъаҷаллоб ё кишткунандаи маводи нашъадор барои гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ҷазо мебинад, аммо он аъмоле, ки ошкор карда нашудаанд, масалан, чанд нафарро ба озмоишгар табдил додааст, бе ҷазо мемонад. Ҳамчун қотил нашъаҷаллоб айбдор намешавад.

Ҷараёни тайёр кардани озмоишгарон зуҳуротест, ки бешубҳа, бо ҷиноят ва вазнинтарин мусибати олами муосир алоқаманд аст. Нашъамандон бо мақсади ба даст овардани нашъа ё воситаҳои пулӣ барои гирифтани онҳо ҷиноятҳои вазнин ва зӯровариро низ истифода мебаранд. Онҳо маъмулан дар зери таъсири маводи мухаддир ҷиноят содир мекунанд. Ниҳоят робитаи қавии маводи мухаддир ва ҷинояткорӣ дар содир кардани амалҳои қонунвайронкунӣ, ки бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир алоқаманд аст, падидор мегардад. Гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир яке аз зуҳуроти хатарноки олами ҷиноии имрӯза ба шумор меравад.

**«Озмоишгарон»** вақте дар қуллаи нашъамандӣ қарор доранд, ҳанӯз дар ин олам нафас мекашанд, аммо ба мисли мурдаанд. Онҳо эҳсосоти одамӣ, ба мисли муҳаббат, дӯстӣ, виҷдон ва эътиқод надоранд. Ба хешу ақрабои худ ба ғайр аз ғаму кулфат чизе намеоранд. Мусибати падару модар, хешу ақрабо ва зану фарзандро дар чашмони бефарқи нашъамандон бо сухан тасвир кардан ғайриимкон аст.

Нашъамандон ба меҳнати ҳалол, бахусус ба меҳнати созанда, қобил нестанд. Зеро онҳо ҷавонии худро бо маводи мухаддир заҳролуд карда, дар натиҷа ҷинояткор шудаанд. Чунин тоифа одамон ҷиноятро одатан аз дуздии одии ашёи хонаи худ сар мекунанд. Духтарони нашъаманд фоҳишагиро пеша месозанд. Усули дигари дастрас кардани пул барои ба даст овардани маводи нашъадор фурӯши чаканаи нашъа дар бозори дохилӣ мебошад. Ҳамаи ин

шароити фоидаовари сохташаванда аз ҷониби нашъаҷаллобон барои тарғиб ва паҳн кардани рустании қотил истифода мешавад.

**«Озмоишгарон»,** ба мисли нашъамандони дигар, аз нигоҳи хислат ба ғайр аз вояи (доза) навбатӣ ба ҳама чиз бепарвоянд. Ин барои онҳо маъбуд ва олиҳаест, ки ғуломи онанд. Ба зери пойи хоҷагони нашъаҷаллоби худ афтода, андозаи навбатиро талаб менамоянд. «Озмоишгарон» ба хотири қаноатманд кардани талаботи худ аз назари равонӣ ба ҳама кор: дуздӣ, ғоратгарӣ ва ҳатто куштор омодаанд.

Нашъаҷаллобони категорияи болоӣ, гурӯҳҳои муташаккили ҷиноии фаромиллӣ хуб медонанд, ки усули осонтарини ба худ ҷалб кардани одам вобаста кардани ӯ ба маводи мухаддир аст. Мақсади асосии онҳо амалан нобуд кардани ояндаи ҷавонони ҳар миллат мебошад. Ҷавонони камтаҷрибаро ба осонӣ ба нашъа одат кунонида, аз ин ҳисоб соҳиби даромади калон мегарданд.

Дар дунё волидоне ёфт намешаванд, ки азоби нашъамандиро ба фарзанди худ раво бинанд. Вобастагӣ ба маводи мухаддир, дарҳол пас аз бори аввал истеъмол кардани маводи сахттаъсир ба амал меояд. Чунонки дар боло зикр карда будем, ҳамаи маводи мухаддир вобаста ба сарчашмаи худ ба 2 гурӯҳ, яъне рустанигӣ ва сунъӣ ҷудо мешаванд. Ҳангоми гузаронидани ин мавод ба организми инсон вобастагии сахти физикӣ ва равонӣ мушоҳида мешавад.

Аксарияти моро зарур нест, ки дар бораи чӣ гуна одам будани «озмоишгар» зиёд андеша кунем, зеро ҷавоби мазкур возеҳ аст. Яъне, «озмоишгар» касе мебошад, ки ҳаёташро маводи мухаддир идора мекунад ва дар зери таъсири бемории хуруҷкунандаи нашъамандӣ қарор дорад. Агар аз ин беморӣ табобат наёбад, ҷойи ӯ ё беморхонаи рӯҳӣ ё марг аст.

Бо вуҷуди чораҳои аз ҷониби мақомоти ваколатдор оид ба мушкилоти гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир

андешидашуда, вазъи имрӯз вобаста бо ин зуҳуроти номатлуб ҳанӯз ташвишовар мебошад. Дар чунин вазъият зарур аст, ки бо дарназардошти дастовардҳои қаблӣ ва таҷрибаи ғанӣ вазъи вобаста ба маводи мухаддири кишварро мунтазам ва ҳамаҷониба таҳлил намуда, чораҳои зарурии оғозкардаамонро пайгирона идома диҳем. Таҳлилҳо собит намуданд, ки дар ҷомеа гурӯҳи мушаххаси нашъамандон мавҷуданд, ки аз онҳо ҳамчун олот гурӯҳҳои ҷиноятӣ истифода мебаранд. Вобаста ба ин зикр кардан зарур аст, ки хизмати «озмоишгар» аз макони коркард ва истеҳсоли маводи мухаддир то макони истеъмоли он дар якчанд марҳалаи муайян истифода мешавад (*муфасал ниг. ба **Ҷадвали №13***).

**Ҷадвали №13**




Пеш аз ҳама, дар марҳалаи аввал истеҳсолкунандаи маводи мухаддир сифат ва арзиши маводи омодашудаи

худро бо истифодаи хизмати «озмоишгар» муайян менамояд. Сипас маводро ба самти талабшуда интиқол медиҳад. Марҳалаи дувуми истифодабарии хизмати «озмоишгар» ҳангоми хариди маводи мухаддир дар сарҳади давлатӣ ё дар дохили кишвар аз ҷониби қочоқчиён бармало мешавад. Чунин марҳалаҳо дар дохили кишварҳо ва берун аз онҳо дар мавриди хариди маводи мухаддир гузаронида мешаванд ва то макони истеъмоли ғайритиббии маводи мухаддир идома меёбад.

Ҳолати дигари ташвишовар ин мебошад, ки истеҳсолкунандаи маводи мухаддир маҳсулоти омодашударо дар лифофаҳои алоҳида бо вазни як килограмм муҳргузорӣ намуда, ба фурӯш мебарорад. Вобаста бо талаб ва хоҳиши мизоҷон миқдори муайяни маводи мухаддиро пешниҳод мекунанд ва ин миқдор пеш аз харидорӣ шудан аз ҷониби «озмоишгар» санҷида мешавад. Миқдори маводи мухаддир метавонад кам ё зиёд бошад (мисли 20, 50, 100 килограмм), ки дар ин ҳолат як **«озмоишгар»** имконияти санҷидани ҳар як лифофаро надорад, бинобар ин, лозим мешавад аз хизмати якчанд «озмоишгар» истифода намоянд. Вобаста бо чунин ҳолат ҳар як қочоқчӣ дар ихтёри худ аз 2 то 5 «озмоишгар» дорад.

Хислати иҷтимоӣ ва шахсияти **«озмоишгар»-ро** таҳлил намуда, омилҳои асосии пайдоиши вобастагии ӯро ба маводи мухаддир бояд ба инобат бигирем, зеро ин тоифа дар муайян кардани симои иҷтимоии падидаи мазкур, инчунин, чораҳои ҷавобгарии ҷиноии он мусоидат мекунанд. Дар бораи «озмоишгарон» сухан ронда нишонаҳои вобастагии онҳоро ба маводи мухаддир муайян кардан мумкин аст.

**“Озмоишгарон”-ро** шартан ба ду категория ҷудо кардан мумкин аст:

1) Ба **категорияи якуми озмоишгарон** афроде дохил мешаванд, ки давра ба давра ва мунтазам маводи мухаддир

истеъмол мекунанд. Онҳо ҳамеша даркоранд ва омодаанд вазифаи худро софдилона иҷро кунанд. Ба чунин афрод ба таври доимӣ ғамхорӣ зоҳир мекунанд ва онҳо ҳамеша таҳти назорати ҷиддии хоҷагон – нашъаҷаллобони худ қарор доранд.

2) Ба **категорияи дуюм** афроде дохил мешаванд, ки аз қобилияти корӣ маҳрум гардидаанд, яъне вазифаи асосии худро иҷро карда наметавонанд. Аз ин рӯ, чандон дар мадди назари аввал нестанд. Сабаби асосии дур афтодани категрория дувуми озмоишгарон риояи пинҳонкорӣ дар сохтори нашъаҷаллобӣ аст. Онҳо дар сохтори ҷиноятӣ нақши муҳим мебозанд, зеро унсури муҳим ба шумор меравaнд. Онҳо одамони муътадиланд, аммо бо сабабҳои гуногун ба шабакаи эҳсосотии нашъаҷаллобон меафтанд ва аз хоҷаи нашъаҷаллобашон маводи мухаддир металабанд, ки дар натиҷа ба ғулом гардидани онҳо мусоидат мекунад. Аксар вақт чунин афрод аз ҷониби хоҷагонашон бо мақсадҳои нопок истифода карда мешаванд.

Тавре аз таҳлили равонии ҷавонони «озмоишгар», ки дар давраҳои гуногуни истеъмоли маводи мухаддир қарор доранд, бармеояд, табиати онҳоро аз рӯи хислат, рафтор ва тарзи зиндагии фардиашон муайян кардан муҳим аст. Аслан, ҳар як шахс дар зери таъсири омилҳои муайян метавонад нашъаманд гардад, ки сабабҳои он гуногун буда метавонанд. Он хусусияти комилан инфиродӣ дорад. Маъалаи «озмоишгар» шудан низ хусусияти худро дорад, ки дар истеъмоли мунтазами маводи мухаддир зоҳир мегардад.

Таҳлил ва баррасии маълумоти мавҷуда нишон медиҳанд, ки тавсифномаи зерини иҷтимоию равонии инсон, ки ҳамчун «озмоишгар» истифода мешавад, бозгӯ гардад. Сабабҳои асосии нигоҳубини «озмоишгар» дар ин аст:

1) унсури зарурӣ дар фаъолияти ҷиноӣ;

2) пинҳонкорӣ ва таъмини бехатарии фаъолияти ҷиноӣ.

Вобаста ба хислат ва қобилият **«озмоишгарон»** метавон гуфт, ки онҳо аз ҳисоби ҷавонон интихоб мешаванд. Онҳо дар мадди аввал муваффақанд, зеҳни худро аз даст надодаанд, дар суҳбат хушмуомила, гоҳо соҳиби истеъдод ба назар мерасанд. Ҳангоми мушоҳида аз канор нашъамандии онҳоро муайян кардан қариб аз имкон берун аст. Моҳияти шахсияти онҳо танҳо дар суҳбати наздик дар оила, ки маҳз мусибаташро ба ин ҷо меорад, ошкор мешавад. «Озмоишгар» хислатҳои махсус дорад. Ӯ хоҳиши изҳор ва шунидани эҳсосоти худро надорад, барои нигоҳ доштани онҳо кӯшиш намекунад. Дар онҳо сатҳи пасти худбаҳодиҳӣ мушоҳида шуда, бо атрофиён муносибати муътадил надоранд. Ҷавоби рад ва манфиро қабул карда наметавонад. Дар натиҷа ин гуна муносибат озмоишгарро аз худ мебарорад ё дар муносибат дағал мекунад ва ё тамоман бепарво мегардонад. Дар онҳо камҳаракатӣ, нармӣ, гузашткунӣ, серташвишӣ ва тарс мушоҳида мешавад. Онҳо кӯшиш мекунанд, ки худро ҳамчун одами қудратманд нишон диҳанд, барои бор кардани иродаи худро ба дигарон кӯшиш намуда, дар баробари ин қудрати муқовимат нишон додан ба иродаи дигарон ва ба мушкилоти зиндагиро надоранд. Яке аз сабабҳои муҳимми зоҳирии эҳсосоти баланди «озмоишгарон» бетоқатӣ ва ба зудӣ хоҳиш пайдо кардан аст. Онҳо наметавонанд дар як ҷо қарор гиранд. Диққати худро ба як ашё мутамарказонида наметавонанд.

Ба ин тариқ, муайян намудани тавсифномаи иҷтимоии «озмоишгар» яке аз унсурҳои муҳимтарини мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ мебошад. Ин «омил» дар фаъолияти мақомоти

ҳифзи ҳуқуқ аҳамияти махсус дорад. Бо ёрии он тамоми фаъолияти нашъаҷаллобро (тавассути ҳамкорӣ ё андешидани чораҳои дигар) ошкор намудан мумкин аст. Бо назардошти чунин далел, ки ин зуҳурот дар тадқиқот ба инобат гирифта намешавад, омӯзиши махсуси масъалаи мазкур ҳатмӣ ба ҳисоб меравад.

Аз ин рӯ, омӯзиш ва таҳлили ҷойгоҳи «озмоишгарон» дар сохтори ҷиноии гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир муҳим буда, барои танзими чораҳои таъсирнок аз ҷониби сохторҳои масъули давлатӣ метавонад мусоидат кунад.

## Симои иҷтимоӣ ва хислатномаи нашъаҷаллоб

Дар мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ба кормандони мақомоти салоҳиятдор лозим меояд симои иҷтимоӣ ва равонии нашъаҷаллобро омӯзанд. Дар омӯзиши ин қазия бояд муайян созанд, ки ба муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир кӣ қодир аст машғул шавад?

Сарфи назар аз кулли чораҳои амалишавандаи сохторҳои масъули давлатӣ барои шаҳрвандон бисёре аз одамон ҳамарӯза қонуну қоидаҳоро вайрон мекунанд. Гоҳо дарки масъала душвор мегардад, бинобар ин, саволҳои мантиқӣ ба миён меоянд: барои чӣ одамони дар назар комилан одӣ якбора ҷиноятҳои махсусан вазнине, ки бо гардиши маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ алоқаманд аст, содир мекунанд? Кӣ ба ин кор қодир аст ва ё чӣ омили таҳрикдиҳандае мавҷуд аст? Чӣ гуна ва барои чӣ ба ин кор даст мезананд? Ба ғайр аз ин муаммоҳои зиёде дар атрофи ин масъала мавҷуданд, ки ба онҳо ҷавоби қатъӣ ва бодалел додан мушкил аст. Бо мақсади додани посух ба ин гуна саволҳо зарур аст, ки тадқиқоти назариявию амалӣ

гузаронида шавад, то барои бартараф намудани муаммоҳои мавҷуда мадад расонида тавонанд.

Таҷрибаи ҷаҳонии мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ намунаҳои бузурги истифодаи самараноки зершуъбаҳои оперативӣ ва мақомоти тафтишотӣ, усули криминологӣ ва равоншиносиро барои баланд бардоштани самаранокии ошкор, фош, тафтиш ва пешгирӣ намудани чунин ҷиноят нишон медиҳад. Аз ҷиҳати равонӣ ошкор намудани ҷаҳони ботинии шахсони ҷинояткор, ки мушаххасоти рафтори ҷиноятии онҳоро типологияи равонӣ, таснифот, консепсия ва ғояаашон ошкор месозанд, дар таҷрибаи оперативию ҷустуҷӯйӣ ҳангоми сохтани тахминҳо, таҳияи симои нашъаҷаллобон хеле самаранок истифода мешаванд.

Ҷиноятҳое, ки бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ алоқаманданд, бо як қатор хусусиятҳои ҷиноятӣ, равониашон аз дигар навъи ҷиноятҳо фарқ мекунанд. Аввалан, шумораи зиёди онҳо нисбат ба дигар ҷиноятҳо, инчунин, мувофиқи мушоҳидаҳо, ҳар сол шумораи чунин ҷиноятҳо зиёд мешавад. Ҷойи шубҳа нест, ки нашъаҷаллобӣ барои категорияи муайяни одамон фаъолияти ҷолиб гардида, ба амнияти миллӣ таҳдид мекунад. Ин хусусиятҳо, пеш аз ҳама, дар бағоят сиррӣ будан, муташаккилӣ, инчунин, хусусияти байналмилалӣ доштан зоҳир мешаванд. Ба ғайр аз ин махсусияти ашёи содиркунии ҷиноят ва муқовимат бо тафтишот, типологияи шахсияти ҷинояткорони бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир машғулбуда ва унсурҳои дигари ҷиноятӣ хоси ин навъи ҷиноятҳо мебошанд. Гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ ва муқовимати онҳо аллакай солҳои зиёд аст, ки таваҷҷуҳи олимони илмҳои гуногун оид ба табиати инсонро ба худ мекашад.

Лозим ба таъкид аст, ки ба назари аксарият симо ё чеҳраи равонии нашъаҷаллобонро тасвир кардан номумкин аст, зеро онҳо метавонанд аз нигоҳи мақоми иҷтимоӣ гуногун бошанд. Аммо ин нигоҳи пессимистона аст. Дар амал симои равонӣ ва хислатномаи нашъаҷаллобро тасвир намудан комилан имконпазир аст. Бахусус, дар шароити имрӯза чунин категорияи одамон бо рафтор ва тарзи махсуси гапзанӣ ба зудӣ худро фош мекунанд. Тарзи беибоёнаи зиндагии чунин одамон фазоеро ба вуҷуд овардааст, ки барои шинохтанашон илми махсуси равоншиносӣ ё ҷиноятшиносиро донистан шарт нест. Симои равонии чунин одамонро ҳатто нафаре, ки мутахассис нест, офарида метавонад. Онҳо дар ҷомеа пинҳон намешаванд, худро қотил намеҳисобанд, дар ҷойи зист муҳите фароҳам меоранд, ки боиси эҳтироми дигарон шаванд. Аз фошшавии фаъолияти худ ва аз ҷазои қонунӣ гурехта, бо ҳар баҳона ба атрофиёни хеш ёрӣ мерасонанд ва муносибатҳои дӯстона барпо мекунанд.

Ҳадафи асосии тартиб додани симои иҷтимоии ҷинояткори номаълум сари вақт ошкор ва ҷустуҷӯ намудани ӯ аст. Аз рӯйи мансубияти синнусолӣ, миллӣ ва ихтисосӣ тасвир кардани симои ҷинояткори нашъаҷаллоб иштибоҳи маҳз аст.

Гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ навъи ҷиноясте мебошад, ки таъсираш ба тамоми аҳли ҷомеа мерасад.

Маълум аст, ки истеҳсолоти маводи мухаддир ва нашъаҷаллобӣ дар солҳои охир ба инсоният бештар таҳдид дорад. Яке аз сабабҳои муҳимтарини дарозумрии чунин навъи фаъолияти ҷиноятӣ бо ташкили сохтори зербиноии онҳо, ки бо роҳҳои гуногун қобилияти корӣ, самараноки мунтазамии фаъолияти худро нигоҳ медорад, алоқаманд аст.

Махсусияти барҷастаи гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар имкони зиёди таваккал, ки бо фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ алоқаманд буда, меъёри баланди даромаднокӣ дорад, вобаста мебошад. Нархи маводи мухаддир ҳангоми интиқол аз кишварҳои истеҳсолкунанда ба кишварҳои тараққикардаи истеъмолкунанда даҳҳо ва ҳатто садҳо маротиба баланд мегардад. Ҷаззобияти ин тиҷорат барои гурӯҳҳои махсуси ҷиноятӣ, инчунин, гурӯҳҳои ҷиноятии муташаккили фаромиллӣ, пеш аз ҳама, дар ҳамин зоҳир мегардад.

Аз пешбиниҳои ташаккули шахсияти нашъаҷаллоб баҳонаи асосии ин гуна одамонро ошкор намудан мумкин аст, ки мақсади онҳо ба даст овардани даромади калон мебошад. Онҳо дар куҷое бошанд, ҳадафашон ягона, яъне дар муддати кӯтоҳ даромади зиёд ба даст овардан аст.

Таҳлил, омӯзиш, мушоҳида ва кори амалӣ оид ба омӯзиши фаъолияти ҷиноятии нашъаҷаллобон моро ба чунин хулоса меорад, ки сохтор ва категорияи нашъаҷаллобӣ аз рӯйи низоми силсилавӣ сохта шуда, ҳар як категорияи нашъаҷаллобӣ вижагии ҷиноятӣ, услуб, дараҷаи инкишоф ва имкониятҳои худро дорад. Дар ҷомеа ва дар олами ҷиноятӣ онҳо бо характеристикаи худ аз ҳам фарқ мекунанд. Нашъаҷаллобӣ зуҳуроти хатарноки иҷтимоӣ ба шумор рафта, сохтори устувори дорои зербинои моддии мутобиқ дорад. Дар ҳар як сохтори ташкилшаванда ҳар як ҷинояткор мавқеъ ва вазифаи худро дорад, ки бо ҳадафҳои муайян бо ҳам муттаҳид мешаванд. Шарти асосии фаъолияти дурударози ба нақша гирифташаванда тақсими мақсадноки нақшҳоро талаб мекунад.

Хусусияти устувори нашъаҷаллобӣ бунёди ҷамъияти ягона мебошад, ки дақиқан пинҳонкорона ва таҳти роҳбарии саркардаи асосӣ мебошад. Дар атрофи бевоситаи ӯ гурӯҳи махсуси одамон меистанд, ки дар ҳалли масъалаҳо

нақши муҳим доранд. Барои иҷрои бомуваффақияти вазифаҳои ҷиноятӣ робитаҳои хеле зиёдро дар доираҳои мансабдорони давлатӣ барқарор мекунанд, ки ин хатари ҷамъиятии онҳоро боз ҳам зиёдтар мекунад.

Бинобар ҳамин, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ ба идораи давлатӣ зарбаи сахт мезанад ва монеаи фаъол шудани ҷомеаи демократӣ ва иҷрои қонунҳои одилона мегардад.

Нашъаҷаллобон ба таъсири пешгирикунандаи мақомоти масъул ба мушкилӣ тан медиҳанд, зеро сирояти дохилии ҷамъияти ҷиноятии онҳо дар ҳоли ҷӯшу хурӯш боқӣ монда, вайрон намудани иерархия ё баромадани худсаронаи узви ҷамъият аз ҳалқаи ҷиноят боиси ҷазои сахт мегардад.

Агар ба иштирокчиёнии ҷиноят дар соҳаи гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир бо ташкилкунандагони ҷамъиятҳои ҷиноӣ назар афканем, равшан хоҳем, дид, ки ба он, пеш аз ҳама, ҷавонон, шахсони эътирофшудаи олами ҷиноятӣ, шахсони доғи судидошта бо гуноҳи нашъаҷаллобӣ ва, инчунин, одамони дорои пули калон вориданд.

Худи ташкилкунандаву саркардаи гурӯҳи ҷиноятӣ аксар вақт дар хариду фурӯши маводи мухаддир бевосита иштирок намекунад, танҳо мудирият ва маблағгузории ин корро ба уҳда мегирад. Фоидаи ба даст омадаро соҳиб шуда, дар ҳамин ҳол низ олудагии худро ба хариду фурӯши маводи мухаддир эҳтиёткорона рӯйпӯш мекунад.

Нашъаҷаллобон аз гурӯҳҳои гуногуни одамон, аз қабили деҳотиёну шаҳриён буда метавонанд. Сокинони деҳот (ноҳияҳои наздисарҳадӣ) ва шаҳрҳо дар хариду фурӯши маводи мухаддир метавонанд фаъолона ширкат варзанд, зеро маҳсулоти ҷиноятиро бо нархи арзон харида, гарон мефурӯшанд. Ҳар ду гурӯҳи нашъаҷаллобон хислатҳои фарққунандаи рафтори худро соҳибанд.

Инчунин, дар ноҳияҳо ва шаҳрҳои наздисарҳадӣ барои шинохтани чунин категорияи одамон кӯшиши зиёд сарф кардан лозим намешавад. Зеро онҳоро шахсан ва ҳам аз номашон аксарият мешиносанд, аз ҳамсоя сар карда то кормандони мақомоте, ки вазифаашон бо онҳо мубориза бурдан аст.

Махсус бояд қайд кард, ки хислатҳои гуногуни ҷиноятии ҳар як категорияи нашъаҷаллобон имконият медиҳад, ки зинаҳои мудирият ва вобастагии иерархии аъзои ҷамъияти ҷиноии нашъаҷаллобӣ, вазифа ва робитаҳои миёни аъзои онҳо, ҷанбаҳои қавӣ ва заифи ин сохтор ошкор карда шавад.

Дар рафти омӯзиши фаъолияти категорияҳои асосии нашъаҷаллобон муайян кардан мумкин аст, ки кадоме аз онҳо ҷанбаи осебпазир, камқувват ва дар фаъолияти ҷиноятӣ иерархия, усул ва низоми пинҳонкориро риоя намекунанд. Чунин афродро ҷудо кардан осон аст. Дар натиҷаи ошкор намудани категорияи камқувват имконияти воқеии таъсиррасонӣ ба ҷараёни мураккаби ошкорсозии фаъолияти нашъаҷаллобӣ пайдо мешавад. Ин категорияҳои нашъаҷаллобон ҳамеша дар ҳаракат мебошанд ва дар натиҷаи чандин сабабҳо, аз ҷумла зиддиятҳои дохиливу берунӣ, такмил меёбанд ва сохтори онҳо ё ривоҷ пайдо мекунад ва ё аз байн меравад. Вазъияти зиддиятнок дар категорияи нашъаҷаллобон бо ташаббуси ихтилофҳои шахсӣ - ба сабаби якбора ба ҳам мувофиқат накардани манфиатҳо ва нақшаҳои аъзои он ба амал меоянд. Инчунин, рафтори зоҳирии онҳо, чигунагии кирдор ва муносибаташон ба дигарон дар дохили ҷамъият сабаби ошкоршавии мухолифат мегардад.

Бо назардошти ҳамин, аз байни ҳамаи категорияҳои зикршуда категорияи миёна осебпазиртар аст. Сабаб дар он аст, ки категорияи поёнӣ робитаҳои устувори ҷиноятӣ надорад, дастрасии он ба ҷамъиятҳои ҷиноятии

муташаккили фаромиллӣ кам аст ва он нисбатан шакли содаи иттиҳоди ҷинояткорон аст, ки ҳайаташон аз 2 ё 4 нафар иборат мебошад.

Дар гурӯҳҳои мазкур сохтори мураккаб, итоати қатъӣ ва саркардаи намоён ба назар намерасад. Категорияи дигари нашъаҷаллобон категорияи болоӣ мебошад. Ин категория таҷрибаи зиёд дорад, талабот ва усул, қоидаҳои сохтори ҷиноиро риоя мекунад.

Категорияи бештар ҳолиб ва равшан дар фаъолияти ҷиноии нашъаҷаллобӣ категорияи миёна аст. Фаъолияти ҷиноии онҳо хусусияти доимӣ дорад. Дар байни аъзои гурӯҳи ҷиноятӣ ғояҳои ҷиноятӣ, малакаҳои анъанавии касбӣ, андешаҳо ва эътиқод риоя карда мешавад. Онҳо бо ташкили ҷамъиятҳои ҷиноятӣ дар сатҳи миллӣ ва гоҳо фаромиллӣ машғул мешаванд. Инчунин, навъҳои гуногуни гурӯҳҳои аз ҷиҳати робита, одатҳои ҷиноятӣ, иерархия, усули фаъолият ва миллат фарққунанда доранд. Аз сабаби фаъолияти васеи ҷиноятӣ доираи таъсири онҳо аз ҳавзаи миллӣ берун мебароянд. Аммо хислати махсус ва рафтори ин нашъаҷаллобон дар ҷомеа онҳоро аз гурӯҳи одамони муқаррарӣ ҷудо мекунад.

Хусусиятҳои шахсии нашъаҷаллоб бо тарзи зиндагӣ, вазъияти хонаводагӣ, амвол ва зоҳири ӯ фарқ мекунад. Ҳама унсур дар зиндагии ӯ ҷо ба ҷо аст ва ба ҳама чиз таваҷҷуҳ зоҳир карда шудааст. Барои нашъаҷаллоб даст кашидан аз рафтори маъмулии ин гурӯҳ мушкил аст. Ӯ кӯшиш мекунад, ки худро «**ороста»**, «**обрӯманд»**, «**соҳиби эҳтиром»**, «**пулдор»**, «**қудратманд»** ва «**доно»** вонамуд кунад. Расман дар ягон ҷо кор намекунад ва бо тиҷорати қонунӣ машғул нест, чандин хонаҳои муҷаҳҳаз дорад, соҳиби мошинҳои қиммат аст ва барои вонамуд ширкатҳо дорад. Аз рӯйи хислат ниҳоят маккоранд, ҳеч гоҳ имкон намедиҳанд, ки касе онҳоро барои нигоҳдории маводи

мухаддир ё силоҳ ҳабс кунад. Набояд фаромӯш кард, ки онҳо дар соҳаи тиҷорат маълумот надоранд. Чунин рафтор, кирдор ва хислати нашъаҷаллобон ҳама гуна қоидаҳо ва принсипҳои ташкили фаъолияти ҷиноятиро вайрон мекунад ва барои сохтори нашъаҷаллобӣ, самаранокӣ ва инкишофи он халал мерасонад.

Хусусияти асоси ҳаётии инсони бо нашъаҷаллобӣ машғулбуда рафтори гуногунранг ва ғайривоқеии ӯ дар соҳаҳои зиндагӣ хона, оила, дар ҳалқаи дӯстон, шуғлҳои дӯстдошта, маълумот ва инкишофи фарҳангии ӯ мебошад. Реҷаи кории чунин одамон меъёри муқаррарӣ надорад. Аммо сухан сари меҳнатдӯстии ин тоифа нест, балки аз худдорӣ дар фаъолияти ҷиноятӣ мебошад, ки тамоми навъи хислатҳои равонии шахс, ҳадаф ва услуби рафтори ӯро муайян мекунад.

Дар замони имрӯза дар иерархияи сохтори ҷиноятии нашъаҷаллобӣ муайян намудани ҳувияти саркардаю ташкилкунандаи ҷамъияти ҷиноятӣ ва ошкор кардани онҳо кори душвор нест. Бинобар ин, омӯзиши ҳолати равонии сохтори гурӯҳи ҷиноятӣ ва нақши саркарда дар он аҳамияти махсус дорад. Онро дар гурӯҳи одамоне, ки дар ягон ҷо кор намекунанду хеле зиндагии бошукӯҳ доранд ва тарзи зиндагии шубҳанок ба сар мебаранд, мушоҳида кардан зарур аст.

Бо назардошти иттилои мазкур, мақомоти оперативӣ ва шуъбаҳои тафтишотӣ бояд хатти тактикию психологии фаъолияти худро ба роҳ монанд. Ин донишҳо шарти асосии муборизаи самаранок бо ҷиноятҳои муташаккили хусусияти фаромиллидоштаи нашъаҷаллобӣ ба шумор меравад. Тасвири шахсияти ҳама гуна нашъаҷаллоб амали муҳим аз аввалин қадамҳои фаъолияти оперативию ҷустуҷӯйӣ ба шумор меравад. Чунки дар замони мо бисёр ҷавонон барои ба даст овардани даромади осон кӯшиш

мекунанд ва аз ин роҳ нашъаҷаллоб мешаванд, аммо намедонанд, ки ин амал бо чӣ пайомади шуме алоқаманд аст ва чӣ оқибатҳои ногуворе дорад?!

Тарзи зиндагие, ки нашъаҷаллобон доранд, сода нест, ба тарси ҳамешагӣ, низоми ранҷури истироҳат ва марги маҷбурӣ алоқаманд аст. Усули ғайрисолими сабук кардани сарбории асабӣ бо ёрии шароб ва бозиҳои қимор, рафтан ба клубҳо ва ресторанҳо хоси онҳо аст. Хислати дигари ба онҳо тавъам дар он зоҳир мешавад, ки худбаҳодиҳии ниҳоят баланд доранд. Чунин мешуморанд, ки ба одамон баҳои дуруст дода метавонанд, онҳоро ба кор кардан маҷбур ва гузашта аз ин, одамонро бероҳа низ мекунанд. Аз ҳама муҳим, таваҷҷуҳи дигаронро ба моли худ ҷалб карда метавонанд. Онҳо ба бемории худманишӣ ва ҳамзамон, ба «девонахӯйӣ» гирифторанд. Дар фаъолияти ҷиноятии худ салоҳиятнокӣ, истеъдоди комбинаторӣ, фаросати инкишофёфта, тахайюли пешрафта ва қобилияти бар муқобили ҷараён рафта тавонистани худро нишон додан мехоҳанд. Ба таваккал кардан майл доштан, кӯшиш барои мубориза ва ғолибият, инчунин, гурез аз шикастҳо – қисме аз симои рӯҳии онҳоро ташкил медиҳад.

Шахсоне, ки бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир машғуланд, хислати махсус низ доранд. Ташкилкунандагони нашъаҷаллобӣ (саркардаҳо, сарварҳо) бо мақсади пинҳонкорӣ ва қонунигардонии фаъолияти ҷиноятии худ метавонанд дар зери ҳимояи ширкатҳо ва ассотсиатсияҳои расмӣ, инчунин, дар муассисаҳои давлатӣ низ кор кунанд. Онҳо назорати ҳамаи шаклҳои даромади ғайриқонунӣ, аз ҷумла нақдгардонии пул, бозии қимор, фоҳишагиро санҷида мебинанд. Пулҳои бо роҳи ҷиноятӣ ба дастомадаро ба тиҷорати қонунӣ сарф мекунанд.

Чунин афрод оламро чун мавҷуди ноустувор қабул мекунанд, ба ҳамфикрон, ҳамкорон, ҳарифони тиҷоратии худ душманона назар мекунанд.

Нашъаҷаллобон бештар худро қудратманд мешуморанд, худро ҳамчун ивазнашаванда эҳсос мекунанд ва ҳама гуна танқидро нисбат ба худ бо дард қабул мекунанд. Ҳамеша дар ҳолати асабонӣ, носромӣ қарор доранд. Ба ҳалли зӯроваронаи масъала майл доранд, роҳи мусолиҳаро ҷустан намехоҳанд ва дарҳол дар муносибат бо ҳамкорони нашъаҷаллоби худ бадҷаҳл мешаванд.

Яке аз хусусиятҳои шахсии нашъаҷаллобон он аст, ки ба ҷинояти нашъамандӣ, нашъаҷаллобӣ аввал хешу табори худ, бахусус ҷавононро ҷалб мекунанд. Чунин амал хатари иҷтимоии шахсони ҷинояткорро дар соҳаи нашъаҷаллобӣ бештар мегардонад, ҳадафи ҷиноятии онҳоро барои содир кардани ҷинояти бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир алоқаманд баланд месозад.

Категорияи алоҳидаи нашъаҷаллобонро касоне ташкил медиҳанд, ки бо ин роҳ ҳадафҳои нопоки худро амалӣ месозанд. Ин тоифа шахсони аз ҷиҳати иҷтимоӣ сирояткунанда ҳастанд ва ба нашъамандшавии аҳолӣ ва афзоиши гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир фаъолона мусоидат мекунанд, ки ин ҳол ба амнияти кишвар хатари бевосита меорад.

Зарурати ҷузъиёти минбаъдаи таҳлилҳои криминологӣ ва тадқиқоти назариявию амалии ҷинояткорони ин категория зарари воқеӣ дошта, ҳалношуда боқӣ мемонад.

Дар асоси хислатномаи равонии нашъаҷаллобон ва сохтори шахсияти чунин одамон бараъло мушоҳида намудан мумкин аст, ки дар барҷастагии хислатҳои шахсии худ, яъне набудани ахлоқи ботинӣ, қабул надоштани меъёрҳои иҷтимоию ҳуқуқӣ, инчунин, муносибати бадбинона нисбат ба онҳо, намудор мегардад.

Тамоюли устувори зиддиҷамъиятӣ, ки ба ҳадафҳои нопоки содиркардани ҷиноят асос меёбад, ин гуна шахсонро ҷудо аз дигарон мекунад. Вазъияти содир кардани ҷиноят ба шахсияти ин одамон таъсири ҳалкунанда намерасонад. Онҳо барои нишон додани фаъолии зиёд, ки ба мутобиқшавӣ ба вазъияти мушаххаси зиндагии худашон дар соҳаи нашъаҷаллобӣ равона шудааст, майли беандоза доранд. Комилан табиист, ки аз ҷониби онҳо майл барои содир кардани ҷинояти вазнин, бахусус дар соҳаи нашъаҷаллобӣ, зоҳир мегардад. Бинобар ин, пешгирии инфиродии ин гурӯҳи шахсони нашъаҷаллоб бояд ба таври мунтазам сурат гирад.

Хислатномаи шахсии ин гурӯҳи одамон якранг нест. Амалҳои ҷиноятӣ дар соҳаи гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ҳамчун ҳадафи ба даст овардани мақсадҳои нопок - ба даст оварани фоидаи зиёд ё истеъмоли шахсии маводи мухаддир намоён мешаванд. Вазъияти содир намудани ҷиноят таъсири ҳалкунанда ба шахсият надорад ва асосан дар натиҷаи рафтори зиддиҷамъиятии нашъаҷаллоб ташаккул меёбад. Дар аксар мавридҳо, вақте ки вазъият барои содир кардани ҷиноят монеа мешавад, нашъаҷаллобон метавонанд аз содир кардани ҷиноят даст кашанд.

Ин чиз низ муҳим аст, ки бояд тарзи зиндагии нашъаҷаллоб мавриди пайравӣ аз ҷониби ҷавонон нагардад. Аммо набояд фаромӯш кард, ки ҷавонон ҳамчун захираи асосии стратегӣ бо рафтор, мақсад ва арзишҳои худ ҳамчун нишондиҳандаи вазъият ва фаъолияти ҷомеа метавонад аз ҷониби нашъаҷаллобон васеъ истифода шаванд. Нашъаҷаллобон бо рафтор ва хислати худ метавонанд ба ҷавононе, ки мавқеи устувор дар зиндагӣ ва боварӣ ба худ надоранд, таъсири сахти манфӣ расонанд.

Дар ҷавонон хислати истеъмолгарӣ ва талбандагиро нисбат ба муҳити атроф тарбия менамоянд.

Тибқи маъмул, аз назари равонӣ одамон дар назди шахсони муваффақ ҳамеша сар хам менамуданд, кӯшиш мекарданд, ки роҳи муваффақиятро аз онҳо пурсуҷӯ кунанд. Ин яке аз сабабҳоест, ки мувофиқи он дар ҷавонон хоҳиши пайравӣ кардан ба нашъаҷаллоби серпул пайдо мешавад.

Пайдоиши нашъаҷаллобон дар ҷамъият ҳамчун шахсони «намоён», «сарватманд», «шахсияти муваффақ»-е, ки дар олами афсонавӣ зиндагӣ мекунанд, барои пайравӣ намунаи ибрат мегарданд. Барои насли наврас муҳаббат ба зиндагии мақсаднок ва олами тахайюл хос аст. Нашъаҷаллоб дар назари онҳо чунин симо ва зиндагиро таҷассум мекунад. Ҷавонон дар худ чунин зиндагиро тасаввур карда, аммо аз оқибати он наандешида роҳу тақдири худро интихоб мекунанд. Аз ин хулоса мебарорем, ки наврасон асосан дар натиҷаи ибратгирӣ аз дигарон ба камол мерасанд.

Бо назардошти андешаҳои баёншуда ба чунин натиҷа даст меёбем, ки мо, аҳли ҷомеа, бояд тамоми ҷараёнҳои манфиро баҳо диҳем, қадамҳои заруриро дар роҳи солимгардонии вазъият, ки ба гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва зуҳуроти дигари манфӣ муқовимат нишон дода битавонад, устуворона гузорем.

Аз ин рӯ, шинохт ва дарки симои равонии нашъаҷаллоб дар ҷомеа метавонад заминаро барои иқдомҳои амалӣ баҳри пешгирии гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир фароҳам оварад. Масъалаи асосии самти мазкур намоиш додани симои манфури нашъаҷалллоби ҷинояткор барои ҷомеа аст, то он тавонад аз сатҳи «истеъмолӣ» ва «талбандагӣ» баромада, қобилияти таҳлил ва банақшагирии вазъ ва дурнамои рушди худро дошта бошад. Банобар ин, дар самти тарбияи инсони солим дар

ҷомеа, махсусан, ҷавонон ва наврасон, бояд ин зарфият ва малакаҳо ҳамаҷониба талқину ташвиқ гарданд. Зеро ташаккули қонунмеҳварии ҷавонону наврасон барои пешгирӣ ва решакан намудани зуҳуроти номатлуб мусоидат менамояд. Дар ин ҷода низ муборизаи ҷиддиро бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва махсусан, ташаккули нашъаҷаллобон ба роҳ мебояд монд.

# БОБИ СЕЮМ

# ҶАНБАҲОИ МУОСИРИ ТАКМИЛИ МУБОРИЗА БО ГАРДИШИ ҒАЙРИҚОНУНИИ МАВОДИ МУХАДДИР ВА МОДДАҲОИ ПСИХОТРОПӢ

## Мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар Тоҷикистон: ҳолат, мушкилот ва дурнамои он

Мувофиқи маълумоти расмии Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2024 дар ҷумҳурӣ 4014 нафар нашъаманд дар қайд мебошанд, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 (4160 нафар) 146 нафар ё 3,5 % коҳиш ёфтааст. Аз теъдоди умумии беморони нашъаманд 110 (2024 – 103) нафарро занҳо ташкил медиҳанд, ки ин шумора нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3 нафар зиёд гардидааст.

Айни замон дар Тоҷикистон ба 100 ҳазор аҳолӣ 40,1 нашъаманд рост меояд.[1]

Афзоиши нашъамандӣ, бахусус дар байни ҷавонон, дар замони муосир яке аз мушкилоти ҷиддӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ мебошад. Маълум аст, ки бештар ҷавонон ба нашъамандӣ гирифтор мешаванд. Мутаассифона, мушкилоти муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар ҳамчун яке аз хатарҳои ҷиддӣ барои инсоният дар асри XXI боқӣ монда, он ба вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсии давлатҳо ва минтақаҳои алоҳида таҳдид менамояд. Миллионҳо нафар бо сабаби истеъмол намудани маводи нашъаовар азият кашида, ҳазорон нафар ҷавонон ҷони худро аз даст медиҳанд.

Нашъамандӣ чун як бемории ғайриодӣ ба тамоми узвҳои бадани инсон, таъсири манфии худро расонида,

[1] Нишасти матбуотӣ оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024. http://taj.akn.tj/index.

инсонро ба марг бурда мерасонад. Албатта, теъдоди нафароне, ки ба ин кор даст мезананд, дар ҷаҳон ниҳоят зиёд мебошад. Онҳо бо сабабҳои гуногун, ба мисли дур гаштан аз ғаму дард, нуқсону камбудиҳои ҳаёт, ё худ аз нодониву айшу роҳат ба ин амали номатлуб даст мезананд. Бештари ҷавонони нодон фирефтаи нашъаҷаллобон шуда, ба доми онҳо меафтанд. Нафароне ҳам ҳастанд, ки бе тарсу ҳарос даст ба куштору дуздӣ мезананду хиёнату ҷаҳолатпарастӣ мекунанд.

Ин гуна ашхос бевосита истеъмолкунандагони чунин маводи зарароваранд, ки заррае аз оқибати кору кирдори кардаашон парво надоранд, зеро маҳз истеъмоли нашъа чунин ашхосро дур аз ақлу фаросат, хираду дониш кардааст.

Дуруст аст, ки нашъамандӣ вабои аср буда, ҷомеаро заиф мегардонад ва ба сари ҳар як хонадон рӯзи сиёҳу ба мусибат меорад. Маҳз ин падидаи хатарнок имрӯз натанҳо ба ҷомеа, инчунин, давлат ва ҳатто ба ҳар яки мо таҳдид мекунад. Бетарафӣ дар ин масъала бояд тамоман ҷой надошта бошад, зеро ин зуҳуроти номатлуб метавонад барои ҳар як кишвар хатарҳои ҷиддӣ эҷод кунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пойгоҳи меъёрию ҳуқуқӣ ба мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, пешгирӣ, табобат ва барқарории нашъамандон дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ ба тартиб дароварда шудааст. Тоҷикистон Конвенсияи ягонаи соли 1961 оид ба маводи мухаддир бо иловаҳояш мувофиқи Протоколи соли 1972, Конвенсияи соли 1971 дар бораи маводи моддаҳои психотропӣ ва Конвенсияи соли 1988-ро оид ба мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ ба тасвиб расонидааст. Инчунин, аз ҷониби кишвари мо 17 созишномаи дуҷониба ва чандҷониба ба имзо расида, 30 лоиҳаи байналмилалии зидди маводи

мухаддир дар ҳоли татбиқ қарор доранд[1]. Таъмини бехатарии миллӣ шарти асосии рушди ҷумҳурии мо, ҳамчун кишвари соҳибистиқлол, ба шумор меравад.

Дар соли 2024 дар Тоҷикистон 839 ҷинояти марбут ба маводи мухаддир сабт шудааст, ки ин нисбат ба соли 2023 140 ҳолат ё 20% бештар мебошад.[2]

Содир кардани ҷинояти бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ алоқаманд ба гурӯҳи ҷиноятҳое дохил мешавад, ки бар зидди солимии аҳолӣ равона шуда, кирдори хатарноки ҷамъиятӣ маҳсуб меёбад (*Кодекси ҷиноии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Боби 22. Ҷиноят бар зидди солимии аҳолӣ моддаҳои 200, 201, 202, 203, 204, 206)*[3].

Бевосита муносибатҳои ҷамъиятиро халалдор намуда, солимии ҷисмонӣ ва равониро ба таҳдидҳо рӯ ба рӯ менамояд, ки сабаби он гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ, инчунин, кирдорҳои ба инҳо монанд аст.

Аксари ҷавонон имрӯз ҳатто намедонанд ё донистан намехоҳанд, ки маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ мебошанд, ки инсониятро несту нобуд месозад. Мутаассифона, мо ҳар вақт аз тарзҳои нав ба нави истеъмоли ин мавод аз ҷониби аҳолӣ хабардор мешавем. Масъалаи истеъмоли ғайритиббии маводҳои нашъадор аз гардиши ғайриқонунии онҳо сарчашма мегирад, дар ин миён воситаҳои молиявии азим гардиш мекунанд.

Дар робита бо ин назорат аз болои гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар маркази диққати

---

[1] Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи «Стратегияи миллии мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» / Сомонаи расмии Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Захираи электронӣ. Нишони дарёфт: http://taj.akn.tj/index.

[2] : http://taj.akn.tj/index.

[3] Кодекси ҷиноии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ маҳсуб мешавад. Мутаассифона, истеъмоли ғайритиббии маводи мухаддир дар байни ҷавонон он чунон паҳн гардидааст, ки воқеият ва оқибати маргбори он ҳеч касро ба шубҳа намеорад.

Хусусияти маводи мухаддир чунон аст, ки ҳатто истеъмоли он дар муддати кӯтоҳ боиси одат мегардад. Ба нашъакашӣ ҷалб гардида, инсон барои ба даст овардани таъсири кайфии он кӯшиш мекунад, ки андозаи зиёдтари маводи мухаддирро истеъмол кунад. Истеъмоли маводи мухаддир боиси асабоният, мунтазам фаро расидани таназзули шахс ва паст гардидани қобилияти корӣ гардида, зарари ниҳоят гаронро ба инсон мерасонад. Зеро нашъамандонро ҳирси ба даст овардани воя (доза) ба ҷиноят тела медиҳад. Аз ин ҷиҳат хатари ҷамъиятии чунин ҷиноятҳо ниҳоят калон аст.

Ҷиноятҳои вобаста ба гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир чунин амалҳои зиддиқонуниро, ба мисли дастрасӣ, нигоҳдорӣ, интиқол, тайёр ва ҷалб кардан барои истеъмол ва коркарди маводи мухаддиру моддаҳои психотропиро дар бар мегирад.

Нашъаҷаллобонро ба эҳсосоти инсонӣ даъват намудан бефоида аст. Аз рӯйи хислат онҳо одамони бевиҷдоне ҳастанд, ки бо роҳи қатл, хунрезӣ, беақлии ҳазорон ҷавонон фоида ба даст меоранд. Ҳамаи иштироккунандагони ин тиҷорати ҷиноӣ, аз истеҳсолкунандаи маводи мухаддир сар карда, то ҳамаи категорияҳои нашъаҷаллобон, бояд донанд, ки онҳо қотиланд.

Ба ҳамаи чораҳои аз ҷониби мақомоти дахлдор андешидашаванда нигоҳ накарда, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ ба амнияти давлатҳо зарба мезанад. Нуктаи мазкурро маълумоти омории Агентии назорати маводи нашъаовари назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон собит месозад. Аз ҷумла, онро афзоиши якбораи ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, ки бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ ва ё ивазкунандаи онҳо алоқаманданд, исбот мекунад. Чунин тамоюл бояд қишрҳои васеъи ҷомеаро муттаҳид кунад, зеро зарари ҷисмонӣ ва равонии ин зуҳуроти номатлуб дар сурати вусъат пайдо намуданаш ба саломатии насли наврас ва ҳаёти осиштаи ҳар кадоми мо таъсири манфӣ мерасонад.

Дар пеши назари мо омори даҳшатноки афзоиши шумораи ҷиноятҳои бо маводи мухаддир алоқаманд намудор аст. Он аз як тараф, далели возеҳи васеъшавии масоҳати ин зуҳуроти манфӣ, аз ҷониби дигар, фаъолшавии муқовимати хадамоти мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ба он мебошад. Дар баробари тамоюли афзоиши миқдори ҷиноятҳои бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир алоқаманд, афзоиши кирдорҳои вазнини содиршаванда хатари бештар дорад.

Дар замони имрӯза дар фаъолияти нашъаҷаллобон зуҳуроти хатарнок, бахусус, намоиши иқтидори худ, сарват, беибоӣ, беҷазо мондан ба назар мерасад, ки ин боиси пайравии ҷавонон ба онҳо мегардад. Тарзи зиндагии нашъаҷаллобон дар ҷамъият хусусияти ҷаззобӣ мегирад.

Мутаассифона, дар ҷамъият гурӯҳи муайяни одамоне ҳастанд, ки аз нашъаҷаллобон одамони обрӯманд ва соҳибэҳтиром месозанд. Ба туфайли ин, онҳо худро дастнорасу қудратманд мекунанд. Бахусус, гурӯҳҳои муташаккили ҷиноии нашъаҷаллоб, ҷамъиятҳои онҳо, ки вазифаи асосиашон гардиши ғарйиқонунии маводи мухаддир аст, пайваста иқтидори худро равнақ медиҳанд, ҳар чӣ бештар касбият пайдо мекунанд ва фаъолона одамони худро ба сохторҳои давлатӣ ворид месозанд, то ки мақсадҳои худро амалӣ созанд.

Дар ноҳияҳои наздисарҳадие, ки сатҳи зиндагӣ нисбат ба шаҳру марказҳои вилоятӣ тафовут доранд, вазъият бештар ташвишовар мебошад. Аввалан, аз ин минтақаҳо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир оғоз мегирад ва боиси паҳншавии нашъамандӣ мегардад. Дар ноҳияҳои наздисарҳадӣ арзиши маводи мухаддир нисбат ба шаҳрҳо поён аст.

Лозим ба таъкид аст, ки хусусияти дигари нашъаҷаллобон дар фаъолияти ҷиноии худ занонро истифода кардан аст, зеро занон аз тариқи афв, дар сурати ба даст афтодан, зудтар озод мешаванд.

Вақтҳои охир зуҳуроти дигар ба назар мерасад, яъне ҷалб кардани кӯдакону наврасон ба фаъолияти нашаъаҷаллобӣ. Маводи мухаддир аз воситаҳои асосии нест кардани инсоният ба ҳисоб меравад. Барои мубориза бо ин қувваи бад қудрати мақомоти ҳифзи ҳуқуқ намерасад. Бар зидди касоне, ки ба кӯдакон, наздикон, хоҳарони мо ҷунуни нашъамандӣ, марг меоранд, муборизаи беамон бояд бурд. Бигузор, фарз кардем, ҳанӯз расман шумораи нашъамандон зиёд нест, аммо ҳар як чунин ҳодиса як зиндагии бохта, як мусибат ба сари оилае аст.

Дар ду даҳсолаи охир тамоюли умумиҷаҳоние пайдо шудааст, ки мувофиқи он минтақаҳои истеҳсол ва гардиши қонунии маводи мухаддир бо минтақаҳои мухолифатҳои суръаташон пасту миёна мувофиқат мекунанд, зеро истеҳсолкунандагони маводи мухаддир барои ноором ии вазъият дар минтақа манфиат доранд.

Дар ҷаҳон падидаҳои нашъаҷаллобӣ ва нашъамандӣ меафзояд. Дар давоми чанд даҳсола дар ин соҳа дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ барномаҳои гуногун таҳия карда мешаванд, ки ба ҳалли усулии ин масъала равона шудаанд. Аммо гардиши маводи мухаддир афзуда, шумораи нашъамандон зиёд мегардад ва одамон моддаҳои нав ба нави мухаддирро кашф мекунанд.

Афзоиши нашъамандӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар ҷомеаи мо дар раддабандии масъалаҳои ҷиддии мавҷуда дар ҷойи аввал меистад. Ин падидаи номатлуб торафт актуалӣ мегардад ва ба таҳдиди асосӣ ба ҳама гуна миллату давлат табдил меёбанд. Чунон ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 1999 дар яке аз суханрониҳои худ зикр карда буданд: «…Дар роҳи созандагии давлати ҷавони мо хатаре пайдо шудааст, ки метавонад ҳамаи дастовардҳои моро барбод диҳад. Сухан дар бораи маводи нашъадор меравад. Ва имӯз дар шароити мустақилияти кишвар ва бо дарназардошти миқёси ин хатар, бо тамоми масъулият изҳор медорам, ки пойдории давлатдории мо бевосита бо мубориза қатъӣ ва оштинопазир бар зидди муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор вобаста аст. Бинобар ин, Ҳукумати мо ҳамчун ифодагари нияту орзуҳои мардуми мамлакат роҳи муборизаро бар зидди ин вабои аср қотеона пеш гирифт»[1].

Суръати имрӯзаи паҳншавии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ, ҳаҷм ва оқибати онҳо дар оянда ба солимии аҳолӣ хатари ҷиддӣ меоранд, зарфияти иқтисодиро паст менамояд, ба вазъияти демографӣ ва тартиботи ҳуқуқии давлат таъсири манфӣ мерасонад. Бахусус, таъсири манфии истеъмоли маводи мухаддир ба насли оянда бештар аст, зеро аллакай имрӯз сифатан пастравии солимии ҷисмонӣ, равонӣ ва ахлоқии аҳолии ҷумҳурӣ, имкониятҳои барқароршавии он равшан ба мушоҳида мерасад. Худинҳисорӣ, номутобиқшавӣ ва таназзули шахсияти истеъмолкунандагони маводи мухаддир ба вуқуъ меояд, дар натиҷа рушди иқтисод ва нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ коҳиш меёбад, вазъият дар кишвар номуътадил мегардад.

[1] Раҳмонов Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷилди сеюм. –Душанбе: «Ирфон», 2002. – С.3-4.

Истеъмолкунандагони маводи мухаддир ба оилаҳои худ, наздиконашон мусибат меоранд, нашъаҷаллоб ин оқибати манфиро худхоҳона дастгирӣ ва сӯйиистифода мекунад ва бо ин роҳ зиндагӣ менамояд. Истеҳсол ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир яке аз сарчашмаҳои асосии маблағгузории фаъолияти шабакаи ҷинятҳои фаромиллӣ, инчунин, сепаратизм, экстремизм ва гурӯҳҳои террористӣ мебошад. Хатари асосӣ дар ин маврид натанҳо дар он аст, ки ин яке аз роҳҳои сердаромадтарини фаъолияти ҷиноятии муташаккили бо фурӯши аслиҳа машғулбуда мебошад, балки он барои ғасби ҳокимият низ метавонад талош намояд[1].

Дар ин маврид ба хотир овардани таърихи замони Шуравӣ аз манфиат холӣ нест. Вақте ки масъалаи нашъамандӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ пеш омад, он бо усули қатъии дастурҳои ҳизбӣ ҳал карда мешуд. Он замон Кумитаи Марказии ҲКИШ даъват ба амал оварда буд: «…Аз ин ҳодиса фоҷиа насозед, зеро масъалаи нашъамандӣ дар ИҶШС нест ва наметавонад ҷой дошта бошад, ин нишонаи ҳаёти буржуазӣ аст, ки чун боқимондаҳои капитализм ҳоло ҳам зинда мондааст. Агар шаҳрванди Шӯравӣ худро бо маводи мухаддир заҳролуд мекунад, ин кори шахсии ӯст, давлат проблемаҳои дигар дорад, душмани синфӣ дар симои ИМА ба ИҶШС бо бомбаи атомӣ таҳдид мекунад, мо бояд ба ин масъала таваҷҷуҳ кунем, тамоми қувваро ба иқтидори атомии кишвар равона созем, на ба табобати нашъамандон. Муборизаро бояд пурқувват намуд, аммо ин масъаларо ҳамчун проблемаи

[1] Муфассал ниг. ба: Степанова Е.А. Роль наркобизнеса в политэкономии конфликтов и терроризма. - Москва: «Весь мир», 2005.- 312 с.

хизматӣ, хоса кори милиса бояд шуморид на проблемаи иҷтимоӣ»[1].

Дастури ҳизбӣ чунин буд ва онро тамоми мақомоти ҳизбӣ, ҳифзи ҳуқуқ, муассисаҳои гуногуни давлатӣ ба роҳбарӣ мегирифтанд. Агарчи ҳама хуб медонистанд, ки нашъамандӣ дар кишвар бо суръати фоҷиавӣ меафзояд ва он боиси баъзе ҷиноятҳо, ба мисли дуздӣ, ғоратгарӣ ва зӯроварӣ гардида, ҳар чӣ бештар ҷавононро ба худ кашида, дар ниҳоят боиси аз ҷониби онҳо содир гардидани ҷиноятҳои вазнин мешуд.

Дар замони Шуравӣ мубориза бо нашъамандӣ ва нашъаҷаллобӣ роҳи ҳалли худро наёфта буд. Замони Иттиҳоди Шуравӣ ба охир расид, имрӯз дар давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон тамоми аҳли ҷамъият медонанд, ки истеъмоли маводи мухаддир чӣ оқибате ба бор меорад, кадом офатҳо ба бехатарии миллии мо таҳдид мекунанд. Муносибати бетарафона ё бемасъулиятӣ нисбат ба зуҳуроте, ки ба Тоҷикистон, ба шаҳрвандони он таҳдид мекунанд, ҳеч имкон надорад.

Таҳлили вазъияти гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар ҷомеаи Тоҷикистон нишон медиҳад, ки он дар солҳои охир ниҳоят тезутунд гардида, динамикаи манфии устувор дорад. Объекти бештар беҳимояи наркоэкспансия, чунон ки дар боло низ таъкид шуд, ҷавонон, кӯдакон, наврасон, яъне ояндаҳои миллати мо, ганҷинаи аз ҳама пурқиммати давлату ҷамъият ҳастанд.

Шумораи нашъамандон дар байни ҷавонони мутобиқ ба сафи даъват ба хизмати ҳарбӣ, онҳое, ки давлат амнияти худро ба онҳо бовар мекунад, торафт меафзояд.

[1] Зеличенко А. История афганской наркоэкспансии 1990-х. Захираи электронӣ. Нишони дарёфт: http://lib.ru/MEMUARY/AFGAN/afgan_drugs.txt with-big-pictures.html.

Дар баробари ин шумораи ҷиноят дар байни наврасон ва мактаббачагон, ки бо маводи мухаддир алоқаманд аст, зиёд мешавад.

Дар байни гурӯҳҳои синнусоливу ҷинсӣ дигаргуниҳои манфӣ ба мушоҳида мерасанд, дар ин зуҳурот наврасон ва занон дар мадди аввал меистанд, қочоқи маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ муттаасил меафзоянд.

Ҳудуди Тоҷикистон на танҳо ҳамчун минтақаи транзитӣ барои интиқоли маводи мухаддир ба Ғарб ба воситаи Россия аз сӯйи нашъаҷаллобон истифода мегардад, балки худи кишвар низ ба истеъмолкунанда табдил ёфтааст. Зиёда аз ин, бо таъсири омили мазкури манфӣ дар ҷумҳурӣ шумораи бо ВНМО сироятёфтгон меафзоянд.

Дар ин маврид баррасии амиқи вазъияти маводи мухаддир дар Тоҷикистон гувоҳи он аст, ки шумораи ҳақиқии нашъамандон дар ҷумҳурӣ дар асл, чанд баробар аз маълумоти расмӣ зиёд аст.

Ин ҷо бояд дар назар гирифт, ки нишондиҳандаҳои овардашуда вазъияти воқеиро нишон намедиҳанд. Ин ҳолатро метавон бо он асоснок намуд, ки масалан, на ҳама нашъамандон хоҳиш ва имконияти табобатро дар муассисаҳои махсуси давлатӣ доранд, агарчи ин гуна табобат комилан махфӣ аст. Ҳақ дорем бигӯем, ки қисми асосии нашъамандон ба назорати муассисаҳои наркологӣ гирифта намешаванд, зеро онҳо ба таври хусусӣ барои табобат муроҷиат мекунанд.

Ҳамчунин, бояд таъкид кунем, ки мо мисли баъзе миллатҳои дигар асрори оиларо комилан махфӣ нигоҳ медорем. Агар касе дар оила нашъаманд шуд, наздикон кӯшиш мекунанд, ки онро пинҳон доранд, то ки ҳамсояҳо ва дигар атрофиён надонанд. Дар ҷомеаи Тоҷикистон ақидаи нодурусте мавҷуд аст, ки гӯё нашъаманд бемор мебошад, ки ба табобат ниёз дорад, балки як одамест, ки ӯро танҳо бояд мавриди сахтгирӣ ва назорат қарор дод. Дар

асл, чунин афрод бояд ба табобати маҷбурӣ фаро гирифта шаванд.

Вазорати тандурустӣ танҳо онҳоеро ба қайд мегирад, ки барои табобату пешгирӣ ба муассисаҳои табобатӣ муроҷиат мекунанд. Барои дақиқ кардани омор аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдори кишвар бояд дар чорчӯби лоиҳаҳои ҳукуматӣ таҳияи усули дақиқи баҳисобгирии нашъамандон пешбинӣ карда шавад. Албатта, нақши асосиро дар ин маврид мақомоти умури дохилӣ бояд иҷро кунанд, зеро ҳамаи нозирони минтақавӣ ва зершуъбаҳои дигари ВКД дар маҳалҳо дар бораи истеъмолкунандагони маводи мухаддир иттилоъ доранд.

Бо мақсади ҳалли масъалаҳои дар боло зикршуда 3 апрели соли 2004 мувофиқи Фармони Президенти Тоҷикистон, **Шурои ҳамоҳангсозӣ оид ба пешгирии сӯиистифода аз маводи мухаддир** ташкил карда шуда буд, ки ба ҳайати он намояндагони вазоратҳо ва мақомоти дахлдори кишвар ворид гардидааст. Чунин шуроҳо бояд дар назди ҳамаи ҳукуматҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо,шаҳрҳо ва ноҳияҳо ташкил карда мешуданд[1]. Ин гуна шуроҳо дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ташкил ёфтаанд, ки мувофиқи лоиҳаи «TD/TAJ/H03 ками - Фаза II» дар амал татбиқ гардидааст.

Ба ҳалли масъалаи ба табобат фаро гирифтан, барқароркунӣ ва бақайдгирии шахсони гирифтори бемории нашъамандӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии наркологӣ»[2] мусоидат менамояд. Имрӯз дар ҷумҳурӣ «Барномаи ягонаи давлатии пешгирии нашъамандӣ ва мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2008-2012», ки бо Қарори

---

[1] Сомонаи расмии Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: http://taj.akn.tj.

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии наркологӣ» аз 8 декабри соли 2003 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №585 аз 30 ноябри соли 2007 тасдиқ шуда буд, ба анҷом расидааст. **Стратегияи миллӣ оид ба назорати маводи нашъаовар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030** бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти №145 аз 20 марти соли 2021 тасдиқ шуда, ба пешгирии якумдараҷаи нашъамандӣ дар кишвар равона шудааст.

Бо назардошти масъалаҳои мавҷуда ва иқдомҳои татбиқшуда, мо асос надорем хулоса барорем, ки сиёсати давлатӣ дар ин самт ба таври бояду шояд иҷро намешавад. Аммо корҳои фаҳмондадиҳӣ дар баъзе ноҳияҳои бо Афғонистон ҳамсарҳади ҷумҳурӣ бояд беҳтар карда шавад. Албатта, тарғиби тарзи ҳаёти солим, пешгирии нашъамандӣ ва ҷиноятҳои бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир алоқаманд натанҳо вазифаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, хадамоти иҷтимоӣ низ мебошад. Ҷамъияти волидон, одамони дар назди аҳли ҷомеа обрӯю эътибордошта, аз ҷумла зиёиён, рӯҳониён, мӯйсафедон ва дигарҳо низ вазифадоранд, ки ба маводи мухаддир муқовимат нишон диҳанд.

Инсоният баробари рӯ ба рӯ омадан бо мушкилии нашъамандӣ усули мубориза бо он ҷустуҷӯ карда, сабабҳои пайдоиши ин ваборо ошкор намудан мехост. Ба назари мо, сабабҳои асосии пайдоиши нашъамандӣ дар Тоҷикистон чунинанд:

- дастрасии маводи мухаддир, васеъшавии шабакаи нашъаҷаллобӣ дар бозорҳои чаканаи Тоҷикистон;
- бекорӣ ва сатҳи пасти зиндагӣ;
- набудани таваҷҷуҳи махсус ба наврасон дар оила ва мактаб, мавҷуд набудани шароити зарурӣ ва номукаммалии сохтори пешгирӣ;
- мушкилоти вазнини шахсӣ;
- гаравиш ба арзишҳои дуруғин, ки тавассути ВАО тарғиб карда мешаванд;

- руҳияи дуруғини коллективизм;
- исён бар зидди тарзи зиндагӣ, бар зидди муносибатҳои мавҷуда (аз ҷумла, дар оила байни волидон ва наздикон);
- хоҳиши исботи ҳастии худ.

Албатта, дар ин ҷо ҳамаи он масъалаҳоеро, ки инсонро нашъаманд месозанд, номбар кардан мушкил аст. Мо кӯшиш намудем, ки асоситарини онҳоро номбар кунем.

Имруз маводи мухаддир унсури ҷудонашавандаи шабнишиниҳо, дискотекаҳо, консерти гурӯҳҳои овозадор гардидааст. Ба насли наврас филмҳое, ки дар онҳо зӯроварӣ, бадахлоқӣ, шароб, нашъамандӣ ва монанди инҳо тарғиб мешаванд, таъсири зиёд мерасонад. Маъмулан, сарват ва серӣ, ки ба ном «қаҳрамонон»-и ин филмҳо доранд, на бо роҳи ҳалол ва меҳнат, балки тавассути нашъаҷаллобӣ ба даст оварда шудаанд. Дар оқибати кор наврасон аз оилаҳои номуваффақ ва муваффақ ё истеъмолкунанда ва ё паҳнкунандаи маводи мухаддир мегарданд. Гурӯҳи махсуси хавфнокро кӯдакону наврасон аз оилаҳои сарватманд ташкил медиҳанд, зеро онҳо объекти мақсадноки амалиёти гурӯҳҳои нашъаҷаллобон мебошанд. Дар симои онҳо нашъаҷаллобон харидорони пулдори «мол» -ашонро мебинанд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, дар Тоҷикистон «Барномаи ягонаи давлатии пешгирии нашъамандӣ ва мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2008-2012» татбиқ гардид ва соли 2013 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2012, таҳти№183 «Барномаи миллии пешгирии паҳншавии нашъамандӣ ва такмили ёрии наркологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2017»[1] тасдиқ карда шуд.

---

[1] Муфассал ниг. ба: «Барномаи миллии пешгирии паҳншавии нашъамандӣ ва такмили ёрии наркологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2017». Захираи электронӣ. Нишони дарёфт: http://taj.akn.tj/index.php?option =com

Албатта, ин барномаҳо ҳамаи масъалаҳоро ҳал намекунанд, аммо дар онҳо механизми дақиқи то ҳадди ақал паст карданаи оқибатҳои манфиии гардиши ғайриқонунӣ ва истеъмоли маводи мухаддир нишон дода шудааст.

Созмони Милали Муттаҳид дар мубориза бо нашъамандӣ саҳми арзанда мегузорад. Асосҳои ҳуқуқии ин муборизаро Конвенсияи байналмилалии ягона дар бораи маводи мухаддир, 30 марти соли 1961 (бо ислоҳҳои воридшуда мувофиқи Протоколи 25 марти соли 1972), моддаи 21 Конвенсияи моддаҳои моддаҳои психотропӣ, 21 феврали соли 1971 ва моддаи 21 Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид дар бораи мубориза ба муқобили гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ, 19 декабри соли 1988, ташкил медиҳанд.

Дар ин санадҳо масъалаи назорати байналмилалӣ аз болои гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир гузошта шуда, чораҳои мустаҳкам намудани ҳамкориҳои байналмилалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва идораҳои судӣ, инчунин пешгирии нашъамандӣ, табобат ва барқарорсозии нашъамандон ба миён гузошта мешаванд.

Аз рӯйи арзёбии Раёсати СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷинояткорӣ (United Nations Officeon Drugsand Crime – UNODC), беш аз 90% ҳамаи афюнҳо дар олам дар Афғонистон истеҳсол шуда, беш аз 30% -и онҳо ҳамасола тавассути ҳудуди Осиёи Марказӣ, аз ҷумла ҳудуди Тоҷикистон тариқи транзит ба бозорҳои васеи Россия ва Аврупо мерасанд. Роҳи абрешим, ки ба масири ҳероин табдил ёфтааст, имрӯз роҳи марг ва зӯроварӣ аст, ки тавассути яке аз минтақаҳои стратегӣ ва хатарноки дунё мегузарад[1].

content&view=article&id=613:-2013-2017&catid=31:barnomahostrategiya &Itemid =46.

[1] Резюме Всемирного доклада о наркотиках за 2011 год. [Официальный сайт Организации Объеденных наций] Захираи электронӣ. Нишони дарёфт: https://www.un.org/ru/development/surveys/docs/drug2011.pdf.

Мақомоти салоҳиятдор дар мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир корнамоиҳои қаҳрамонона нишон медиҳанд, аммо масъалаи нашъамандӣ ва нашъаҷаллобӣ гуногунҷанба буда дар танҳои муқовимат бо он мушкил мебошад. Тамоми қишрҳои ҷомеа бояд дар мубориза саҳмгузор бошанд. Бояд гуфт, ки механизми пайдоиши рақобат ба маводи мухаддир то ба охир омӯхта нашудааст. Ҳанӯз корҳои зиёде дар пешанд, то ки таҳдиди маводи мухаддир ба инсон пешгирӣ карда шавад.

Дар ин фаъолият, чунон ки муҳаққиқони соҳа[1] зикр мекунанд, на танҳо имкониятҳои давлат, ки вазифаи онҳо аст, инчунин, муборизаи ҷомеаи шаҳрвандӣ низ зарур аст. Зеро ҷомеаи шаҳрвандӣ, ба назари мо, шояд, нисбат ба давлат дар мубориза бо ин зуҳурот имкониятҳои бештар дошта бошад. Барои он ки ба ин қувваи бадӣ дар арсаи байналмилалӣ муқобил истодан имконпазир гардад, натанҳо бо қочоқи маводи мухаддир, инчунин, бо он омилҳои иҷтимоие мубориза бояд бурд, ки онро тавлид мекунанд. Омилҳои номатлуби иҷтимоӣ камбизоатӣ, нобаробарии иҷтимоӣ ва фасод мебошанд, ки дар мисоли Афғонистони имрӯза пурра ба назар мерасад.

Иқдомҳои имрӯзаи давлати Тоҷикистон дар самти мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир аз он гувоҳӣ медиҳад, ки кишвари мо ин падидаи номатлубро ба ҳайси таҳдиди ҷиддӣ ба низоми умумии амнияти миллӣ,

[1] Ниг. ба: Номоконов В.А., Аминьева Я.А. Проблемы борьбы с организованной преступностью и коррупцией (мировой, федеральный и региональный аспекты).-Владивосток, 2005; Акрамов М. И. Борьба с незаконным оборотом наркотиков в Центральной Азии как приоритетное направление в формировании системы региональной безопасности // Формирование системы коллективной безопасности государств Центральной Азии в формате региональных союзов материалы. Республиканской научно-теоретической конференции.- Душанбе, 17 октября 2008 г., с.149; Федулов А. В. Наркотизация – глобальная проблема современности. Международное сотрудничество в сфере контроля над оборотом наркотиков: социально-политические аспекты // Москва, 2007. - №9.- С. 11.

минтақавӣ ва ҷаҳонӣ шуморида, тамоми чораҳои имконпазирро баҳри пешгирӣ ва решакан намудани он андешида истодааст. Тавре дар боло ишора намудем, таъсис ёфтани сохтори ваколатдори давлатӣ бо унвони Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон худ натиҷаи як сиёсати пайгирона ва санҷидашудаи давлатӣ дар самти мубоaccess умумиҷаҳонӣ бо ин падидаи номатлуб ба шумор меравад.

Ҷои шубҳа нест, ки паст шудани сатҳи нашъамандӣ дар ҷомеа ба коҳиши ҷиноятҳои вобаста ба он сабаб шуда, боиси таҳкими субот, тақвияти сиҳатии омма ва рушди мӯътадили омили инсонӣ мегардад. Масъалаи мазкур то ҷое муҳим гардидааст, ки кулли кишварҳои ҷаҳон чораҳои дахлдорро таҳия менамоянд ва имрӯз модели умумиҷаҳонии мубориза бо нашъамандии аҳолӣ дар ҳоли ташаккул қарор дорад. Чунин ташаббуси умумиҷаҳонӣ иштироки васеъи кишварҳои манфиатдорро талаб намуда, тағйир додани сиёсатгузориҳои духӯраро ба миён мегузорад.

Тавре Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар суханронии ифтитоҳии худ моҳи марти соли 2012 дар конфронси минтақавии РЕККА 5 дар шаҳри Душанбе зикр намуданд, давлатҳои кишткунандаи кукнор соҳиби технологияи рушдкарда нестанд ва барои омода намудани маводи мухаддири сахттаъсир, аз қабили ҳероин, прекурсорҳо заруранд, ки истеҳсоли он дар давлатҳои пешрафта ба роҳ монда шудааст[1]. Аз ин рӯ, ташаббуси Сарвари давлат оид ба назорати ҷиддии гардиши прекурсорҳо метавонад зарбаи ҷиддӣ ба истеҳсолоти маводи мухаддир гардад. Чунин иқдоми Тоҷикистон бозгӯйи он аст, ки давлати мо дар самти мубориза бо

[1] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар RECCA-V /26.03.2012/. Захираи электронӣ. Нишонии дарёфт: http://www.president.tj/node/190.

зуҳуроти мазкур сиёсати инсонпарваронаро пиёда менамояд.

Дар сатҳи миллӣ барои Тоҷикистон зарур аст, ки таҷрибаи мавҷударо ба низоми муайян даровarda, баҳри такмили василаҳои мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва нашъамандии аҳолӣ чораҳои муосирро бо назардошти ҷомеаи кишвар рӯйи даст гирад. Муборизаи муваффақ дар он ҳалат ба вуҷуд меояд, ки тамоми сохторҳои масъули давлатӣ аз мубориза то пешгирӣ амалкардҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, тафтишотӣ ва пешгирикунандаро дар доираи консепсияи умумии мубориза ба роҳ монанд. Имрӯз замоне фаро расидааст, ки Тоҷикистон бо таҷрибаи чандинсолаи касбии худ метавонад консепсияи муборизаи кӯтоҳмуддат ва миёнмуддатро бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир таҳия ва ба ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намояд.

Ҷонибҳои манфиатдор аз минтақа ва арсаи ҷаҳонӣ бояд дарк намоянд, ки мубориза бо маводи мухаддир кори як давлат нест ва он ҳамкории зичи ҷомеаи ҷаҳониро талаб дорад. Дар сурати мулоҳизакорона дарк гардидани чунин нукта имкони васеъ шудани мусоидати фаннӣ ба Тоҷикистон роҳандозӣ мегардад, ки боиси пешбурди сиёсати муборизаи амалгароёна мешавад.

Дурнамои мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар Тоҷикистон, пеш аз ҳама, аз вазъи сиёсию амниятии Афғонистон вобастагӣ дорад. Зеро ин кишвар истеҳсолкунанда ва интиқолдиҳандаи маводи нашъадор мебошад. Бинобар ин, таҳкими давлатдорӣ дар Афғонистон, таъмини субот ва ваҳдати сартосарӣ, рушди иҷтимоию иқтисодии ин кишвар ба манфиатҳои дарозмудати Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, боиси коҳиш ёфтани сатҳи гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва нашъамандӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон мегардад.

Имрӯз аз ҷониби давлату Ҳукумати кишвар барои пешгирӣ намудани ин беморӣ тамоми чораҳои заруриву саривақтӣ андешида мешавад. Ҷиҳати пешгирии болоравии сатҳи муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор, истифодаи ғайритиббии он, зиёд шудани теъдоди гирифторони вируси норасоии масъунияти одам, аз ҷумлаи истеъмолкунандагони маводи нашъадор бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз соли 2013 "Стратегияи миллии мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020" ва соли 2021 "Стратегияи миллии мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030" тасдиқ шуд. Дар доираи татбиқи стратегияи миллии назорати маводи нашъаовар барои солҳои 2021-2030 сатҳи нашъамандӣ коҳиш ёфтааст ва тибқи маълумоти расмӣ, дар ҷумҳурӣ шумораи шахсони сабтшуда дар марказҳои дармонӣ нисбат ба соли гузашта 146 нафар кам шудааст.[1]

Қабули стратегияҳои мазкур вобаста ба зуҳури таҳдидҳои нав, қабл аз ҳама, вобаста ба фаъол гардидани ҷиноятҳои трансмиллӣ, аз ҷумла муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар, алоқаманд мебошад. Ғайр аз ин, стратегияҳои мазкур барои ҳамкории созанда байни мақомоти ҳокимияти давлатӣ, созмонҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва таъмини бехатарии шахс, ҷомеа ва давлат мусоидат менамояд.

Бояд гуфт, ки Пешвои миллат пайваста дар суханронии худ, ҷиҳати муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир дар сатҳи ҷаҳон масъалагузорӣ намуда, барои пешгирӣ намудани нашъамандӣ дар кишвар як қатор дастуру супоришҳои судманд доданд, то насли ҷавон ба ин бадбахтӣ гирифтор нашавад.

[1] https://akn.tj/2024/07/29/press-conference-on-the-results-of-the-activities-of-the-drug-control-agency-under-the-president-of-the-republic-of-tajikistan-in-the-first-half-of-2024/

## Гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар муассисаҳои ислоҳӣ: ҷанбаи иҷтимоию иқтисодӣ

*Тоҷикистон чунин меҳисобад, ки маводи мухаддир низ мисли терроризми байналмилалӣ ва экстремизм бадбахтии глобалӣ мебошад ва мубориза бар зидди онҳо вазифаи муҳимтарини ҷомеаи ҷаҳонист*[1].

*Эмомалӣ Раҳмон.*

Дар олами муосир одаме нест, ки дар бораи зарар ва оқибати маводи мухаддир чизе нашунида ва дар бораи оқибати истеъмоли он чизе намедониста бошад. Дар бисёр кишварҳои олам ҳукумат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз ин масъала дар ташвишанд, бонги изтироб мезананд. Дар воситаҳои ахбори омма онро бо даҳшати миллӣ баробар медонанд. Одамони оқил хуб мефаҳманд, ки таҳдид ва зарари маводи мухаддир таъсири қотилонаи худро натанҳо ба истеъмолкунандагон мерасонад, балки аз он наздикони нашъамандон ва, дар маҷмуъ, ҷомеа низ зарар мебинанд. Маводи нашъадор ба тамоми давлатҳо таъсири манфии иҷтимоӣ мерасонад, истеъмоли он боиси ҳама гуна офат ва бадбахтиҳо аст. Мувофиқи маълумоти СММ, имрӯз 200 миллион нафар инсон ё 5%-и аҳолии кураи Замин маводи мухаддир истеъмол мекунанд. Шумораи онҳое, ки нашъаманд ном доранд, қариб 25 миллионро ташкил медиҳад[2].

Чаро зарари маводи мухаддирро дониста, оқибатҳои маргбори онро фаҳмида, одамон аз истеъмоли он даст намекашанд?

---

[1] Раҳмон Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди нӯҳум. – Душанбе: «Ирфон», 2010. – С. 225.

[2] Муфассал ниг. ба: Майоров А.А., Малинин В.Б. Наркотики: преступность и преступления / Доклад Международного комитета по контролю над наркотиками. 2011. – Санкт-Петербург: «Юридический центр Пресс», 2002. – С. 234.

Истеъмол ва паҳнсозии маводи мухаддир ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа таъсири азими манфӣ мерасонад. Яке аз объектҳое, ки барои нашъаҷаллобон ҷолиб аст, агарчи ин аҷиб ҳам бошад, муассисаҳои ислоҳотӣ аст. Ҳамасола ба ин ҷо садҳо беморони нашъаманд, инчунин, шахсоне, ки бо паҳн кардани маводи мухаддир робита доранд, фиристода мешаванд, ки амалан ба вазъи ҷиноии муассисаҳои ислоҳотӣ таъсир мерасонанд.

Ҳангоми омӯзиши масъалаи нашъамандӣ дар замони муосир бештар ба сабабҳои паҳншавии он на ҳамчун беморӣ, балки ҳамчун зуҳуроти иҷтимоие, ки васеътар аз истеъмоли ғайриқонунии маводи мухаддир аз ҷониби одамоне, ки на танҳо дар озодӣ, инчунин, дар муассисаҳои маҳрумият аз озодӣ қарор доранд, таваҷҷуҳ карда мешавад. Шахсони зиндонӣ бо ҳар роҳ кӯшиш мекунанд, ки барои қонеъ кардани талаботи худ маводи мухаддир ё моддаҳои бо онҳо баробарро ба даст оваранд.

Аз ин лиҳоз, дар сурати болоравии теъдоди беморони нашъамандӣ, ҳамчунин, шумораи нафароне, ки дар ин замина ҷиноят содир мекунанд, зиёд мешавад. Масалан, мутобиқи маълумотҳои омории Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соли 2024 аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратӣ 22 314 (дар соли 2023 – 21 319) ҷиноятҳои умумӣ ба қайд гирифта шудааст. Аз шумораи умумии ҷиноятҳои бақайдгирифташуда 839 (дар соли 2023 – 699) ҷиноят вобаста ба маводи нашъаовар мебошад, ки 3,8 % ҷиноятҳои умумиро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2023 140 ҷиноят ё 20 % зиёд ба қайд гирифта шудааст.

Соли 2024-ум 116 ( соли 2023 – 114) ҷиноятҳои вобаста ба маводи нашъаовар ва дигар намуди ҷиноятҳо ошкор карда шудааст, ки ин нишондод нисбат ба соли 2023 – 2 адад ё 1,8 фоиз зиёд мебошад.

Бо мақсади қатъ намудани фаъолияти ҷиноятии шахсони алоҳида ва гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятпеша, ки ба воридсозӣ ва паҳнкунии маводи нашъаовар машғуланд, аз ҷониби мақомоти ваколатдор чораандешӣ карда шудааст. Дар ин давра 32 гурӯҳи ҷиноятӣ (дар соли 2023 – 40 гурӯҳ) бо шумораи 83 нафар (дар соли 2023 – 73 нафар) ошкор ва дастгир шуданд.

Аз ҷониби мақомоти ваколатдори ҷумҳурӣ соли 2024 аз муомилоти ғайриқонунӣ 4 т 381 кг 365 гр маводи нашъаовар мусодира гардидааст, ки нисбат ба соли 2023 (5 т 282 кг) 17 % ё 901 кг 449 гр кам мебошад. Гарчанде дар соли 2024 дар маҷмуъ мусодираи маводи нашъаовар аз рӯйи миқдор кам шуда бошад ҳам, лекин мусодираи моддаҳои психотропии синтетикӣ 110 килограммро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2023 – 59 фоиз (ё 41 кг) зиёд мебошад. 17 ҳазору 871 ҳаб (2023 – 4 ҳазору 194 ҳаб) мусодира гардидааст, ки нисбат ба соли 2023 – 13 ҳазору 677 ҳаб зиёд мебошад.[1]

Ҳамин тавр, омӯзиш ва таҳлили гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир нишон медиҳад, ки дар муассисаҳои ислоҳотӣ чунин омилҳо мусоидаткунанда мебошанд:

- ҳузури маҳбусоне, ки барои бадастоварӣ, нигоҳдорӣ, фурӯши ғайриқонунии маводи мухаддир ва робитаҳои ҷиноидошта маҳкум шудаанд;
- наздикони маҳбусон, пеш аз ҳама, хешу табори барои вохӯрии кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат омада;
- маҳбусони нашъманд, инчунин, тайёркунанда, фурӯшандаи маводи мухаддир, ки бо роҳи харидан ва ё иғво баъзе кормандони муассисаро ба иҷрои фаъолияти ҷиноӣ моил мекунанд;
- бепарвоӣ ё бетарафии ҷиноии кормандони муассисаҳо оид ба иҷрои чунин ҷазо.

[1] Сомонаи расмии Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: http://taj.akn.tj.

Муассисаҳои маҳрумият аз озодӣ объекти махсусе мебошанд, ки таваҷҷуҳи нашъаҷаллобонро ба худ мекашанд. Дар ин объектҳо имконияти аз фурӯши маводи мухаддир ба даст овардани фоидаи калон мавҷуд аст. Бахусус, муассисаҳои низоми пенитенсиарӣ нашъаҷаллобонро ба худ бештар ҷалб мекунанд.

Ба паҳншавии маводи мухаддир дар муассисаҳои маҳрумият аз озодӣ нокифоягии такмили чораҳои мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар ҷамъият мусоидат мекунад. Далели ин гуфтаҳо давом ёфтани интиқоли маводи мухаддир тавассути кишвар аст.

Мувофиқи ҳисоботи Раёсати СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷинояткорӣ (United Nations Officeon Drugs and Crime), тавассути кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамасола 20-25 тонна ҳероин ва афюн интиқол меёбад. Дар интиқол ва фурӯши маводи мухаддир дар бозори дохилӣ гурӯҳҳои ҷиноятии муташаккили дохилӣ ҷалб карда мешаванд[1].

Бояд қайд намуд, ки ҳаҷми калони маводи мухаддир дар ҳудуди кишвар боқӣ мемонад, ки қисме аз он дар муассисаҳои маҳрумият аз озодӣ фурӯхта мешавад. Дар муассисаҳои ислоҳӣ, ки шумораи зиёди нашъамандон мавҷуданд, ҷараёни нашъамандсозӣ дар байни маҳбусон, мутаассифона, идома дорад. Ин ҳодисаро бо он шарҳ додан мумкин аст, ки шахсони барои бадастоварӣ, нигоҳдорӣ, фурӯши ғайриқонунии маводи мухаддир ҳабсшуда, ба маҳбус будани худ нигоҳ накарда, робитаи худро бо фурӯшандагони маводи мухаддир нигоҳ медоранд ва бо ҳар роҳ аз онҳо маводи мухаддир дастрас месозанд. Роҳҳои асосии ба даст овардани маводи мухаддир инҳо мебошанд:

- партофтани маводи мухаддир аз болои девор ба ҳабсхонаҳо;

[1] Муфассал ниг. ба: Всемирный доклад о наркотиках 2012 год / Издание Управление Организации Объединенных Наций по наркотикам и преступности (UNODC).– Вена, 2012.– 153 с.

- овардани маводи мухаддир ба ҳабсхона бо борҳои гуногун, маводи ашёи хом;
- ба воситаи хешу табор овардан;
- оварда шудани маводи мухаддир тавассути кормандони ҷудогонаи муассисаҳои ислоҳӣ.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, ҳангоми таҳияи механизми муқовимат ба гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, паҳншавии нашъамандӣ дар байни маҳбусоне, ки дар муассисаҳои ислоҳӣ нигоҳ дошта мешаванд, ҷанбаҳои гуногун бояд ба инобат гирифта шаванд. Аз ҷумла, низоми субъектҳое, ки фаъолияти ғайриқонуниро оид ба барқарор кардани робита байни маҳбусон ва ҷинояткорони дар озодибуда фароҳам меоранд. Масъалаи муқовимат ба нашъаҷаллобӣ рӯз то рӯз аҳамияти бештар пайдо мекунад ва танҳо татбиқи маҷмуи васеи чораҳо метавонад ба мубориэаи самаранок бо ин зуҳуроти хавфноки иҷтимоӣ мусоидат намояд. Ин мушкилот ниҳоят глобалӣ аст, зеро то кунун ченакҳои дақиқи муайян намудани мазмун ва сохтори худи зуҳуроти мазкур, як қатор мафҳумҳои ҳуқуқии бо он алоқаманд мавҷуд нестанд. Аз ҷумла, сухан дар бораи ивазкунандаҳои маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ, аломатҳои дақиқи истеҳсоли онҳо, меъёрҳои таносуби чунин истеҳсолот бо сохтани препаратҳои номбурда дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ меравад. Дар фаъолияти истифодаи ҳуқуқӣ барои муайян намудани онҳо норасоии ниҳоят ҷиддӣ мавҷуд аст.

Дар робита бо ин дар назария ва амалияи истифодаи ҳуқуқӣ масъалаи муайян намудани таъмини назорат аз болои рафтори субъектҳои бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ ва муодилҳои онҳо алоқамандидошта дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ дар мадди аввал меистад. Ба гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, моддаҳои психотропӣ ва монанди онҳо дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ, чунон ки мо гуфтем, натанҳо

маҳбусон, инчунин кормандони низоми иҷрокунандаи ҷиноӣ низ мусоидат мекунанд[1].

Ин далел ҷолиб аст, ки дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ ҷиноятҳои бо нашъамандӣ алоқаманд содир мешаванд. Дар ҳолати нашъамандӣ маҳбусон ба рафтори зуроварӣ моиланд ва дар ҷойҳои маҳрум аз озодӣ онҳо нисбати шахс, бехатарии ҷамъиятӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ ҷиноят содир мекунанд (дар маҳбусон инчунин ҳисси зӯроварию ғазаб пайдо мешавад).

Маҳбусони нашъаманд қурбони ҷиноятҳои дар ҳудуди маҳбас содиршаванда мегарданд. Ба ин тариқ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар ҷойҳои маҳрум аз озодӣ мушкилии ҷиддии низоми муассисаҳои ислоҳи адои ҷазо мебошад. Ба зидди гардиши маводи мухаддир дар муассисаҳои ислоҳӣ чораҳои зеринро андешидан муҳим аст:

1) дар гузаргоҳи назоратгоҳ насб кардани воситаҳои фаннии назорат, ки тавассути онҳо мавҷудияти маводи мухаддирро дар гузарандагон муайян карда мешавад;

2) пеш аз ба кор қабул кардан аз санҷиши ҳаматарафа гузаронидани кормандони муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;

3) пеш аз қабул ба хизмат бо кормандони кормандони муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дастури дақиқ дар бораи масъулият барои робитаҳои ғайрихизматӣ бо маҳкумшудагон бояд гузаронида шавад;

4) шахсоне, ки бо ҷурми нашъа ҳабс шуда буданд, пас аз ба озодӣ баромадан назорат карда шавад;

5) дар муассисаҳои ислоҳӣ дар бораи таъсири манфии маводи мухаддир ба организми инсон ва дар бораи

[1] Каширин Р.М. Проблемы квалификации преступлений, связанных с незаконным оборотом аналогов ипрекурсоров наркотических средств и психотропных веществ // Юридическая наука: история исовременность.– 2011г.в.–№ 3.

пешгирии гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир даврахои омӯзишӣ-иттилоотонӣ ташкил карда шавад;

6) дар муассисаҳои ислоҳӣ дар байни ҳайати оперативӣ курсҳои фаъолияти оперативию ҷустуҷӯйӣ гузаронида шавад.

Омили асосии ба таври объективӣ таъсиррасонандаи паҳншавии маводи мухаддир дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ норасоии омодагии касбии шуъбаҳои пешгирӣ ва оперативии муассисаҳои иҷрои ҷазо мебошад. Шуъбаҳои оперативӣ асосан ба ошкор ва боздошт кардани маҳбусоне машғуланд, ки маводи мухаддир нигоҳ медоранд ва ё истеъмол мекунанд, аммо сарчашмаҳои интиқоли маводи мухаддирро ба муассисаҳои ислоҳӣ ҷустуҷӯ намекунанд. Барои ошкор кардани маводи мухаддир ҳангоми тафтиши шахсӣ, мошинҳо, ҳангоми гузаронидани тафтиш дар ҳудуди ҷойҳои зист ва кор аз сагҳои таълимдида ниҳоят кам истифода мешавад. Ба натиҷаи пешгирикунии паҳншавии маводи мухаддир дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ набудани ҳамкории идораҳои ҳудудии корҳои дохилӣ ва шуъбаҳои оперативии муассисаҳои ислоҳотӣ таъсири манфӣ мерасонад. Сабаби паҳншавии маводи мухаддир дар ҷойҳои маҳрум аз озодӣ муносибати бемасъулиятона ва ҷинояткорона ба манъи чизбиёрӣ аз ҷониби хешовандони маҳбусон аст.

Дар мавридҳои ҷудогона корҳои мақсадноки ташкилии гурӯҳҳои ҷинояткор барои паҳнкунии маводи мухаддир дар ҳабсхонаҳо ба мушоҳида мерасанд. Аммо ҳамчун бозори маводи мухаддир ҷинояткоронро муассисаҳои ислоҳотӣ чандон ҷалб намекунанд, зеро чунин амалиёт хавфи баланд дорад. Афзоиши нашъамандӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ асоси гардиши ғайриқонунии миқдори калони пул аст, ки барои харидани кормандон ва шахсони дигар барои ташкили гурӯҳҳои ҷиноятии гуногунпаҳлӯ ҳам дар дохили муассисаҳои ислоҳӣ ва ҳам берун аз он истифода мешаванд.

Назорати шадиди нашъамандӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ барои воқеан ислоҳ шудани нашъамандон мусоидат намуда, барои паст шудани сатҳи ҷинояткорӣ низ замина меофарад. Бояд дарк намуд, ки чунин иқдом ҷинояткорони зиёди эҳтимолиро аз байн мебарад, зеро онҳо фоҷиаовар будани кирдорро дарк менамоянд.

Ҳамчунин, мувофиқи мақсад аст, то аз болои шахсони бо ҷурми даст доштан бо маводи мухаддир ба муассисаҳои ислоҳӣ афтода назорати шадид ба роҳ монда шавад. Чанд сол қабл дар гузориши телевизиони «Шабакаи якум» дақиқ нишон дода шуд, ки ҷинояткори бо ҷурми нашъаҷаллобӣ маҳкумшуда фаъолияти ҷиноии худро аз маҳбас истода низ идома медодааст ва барои хариду фурӯши ғайриқонунии маводи мухаддир амалиётҳои тиҷоратӣ мегузаронидааст. Мавҷудияти чунин мисол талаб менамояд, ки ислоҳоти муассисаҳои маҳрум аз озодӣ, бо назардошти таҳдидҳои муосири ҷиноӣ, рӯйи даст гирифта шавад, то барои ҳифзи ҳаёти осоиштаи шаҳрвандон таҳдид эҷод нанамояд.

## Нашъаҷаллобӣ ҳамчун таҳдиди иҷтимоӣ барои рушди устувори институти оила

***Мо зиндагиро бо беақлӣ ва камбудии худ фалаҷ мекунем, баъд аз офатҳое даъвогар мешавем, ки аз паси ин беақлӣ ба сарамон меояд ва шикоят мекунем.***

Боуви Кристиан Нестел (1820—1904),
нависандаи амрикоӣ

Дар олами муосир масъалаҳои гуногуни ҳалталаб хеле зиёде ҳастанд, ки дар байни онҳо дар яке аз ҷойҳои асосӣ мушкилоти нашъамандӣ қарор дорад. Нашъамандӣ ҳамчун таҳдиди глобалӣ ба фаъолияти аҳолӣ ва амнияти миллии давлат таъсири манфӣ мерасонад. Дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ду гурӯҳи одамоне ҳастанд, ки бо маводи мухаддир

алоқаманданд: афроде, ки бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир машғуланд ва шахсоне, ки маводи мухаддирро истеъмол менамоянд.

Дар минтақаи Осиёи Миёна ба ин гурӯҳи одамон ҳамчун одамони маҳкумшуда ва ислоҳнашаванда муносибат мекунанд. Гурӯҳи аввали нашъаҷаллобон - маҳкумшудагон даромади калон ба даст меоранд, гурӯҳи дуюм - истеъмолкунандагон тамоми умр азият мекашанд. Воқеан, бо вобастагӣ ба нашъа инсоният тамоми тақдири худро ба офат пойбанд месозад. Мутаассифона, мавзуи нашъамандӣ барои аксарияти шаҳрвандон мафҳуми ошно аст.

Афзоиши паҳншавии истеъмоли ғайритиббии маводи мухаддир яке аз масъалаҳои актуалии замони муосир боқӣ мемонад. Ин масъалаест, ки ба генофонди ояндаи миллат дахл дорад. Нашъа ва нашъамандӣ боиси чунин фаҳмиши нодурусти равонӣ мегардад, ки метавонад руҳияи ҷамъиятиро дигар кунад, ин масъала боз паҳлуҳои дигари иҷтимоӣ ва ғайра низ дорад. Хусусияти хавфноки ин зуҳурот вобаста ба худаш устувории иҷтимоӣ, қобилияти мутобиқ шудан ба чораҳои нисбат ба он андешидашаванда мегардад. Бахусус, масъалаи нашъамандшавии ҷавонон ниҳоят тезутунд аст. Аз ҷумла, яке аз дастовардҳои нави солҳои охир дар нашъамандӣ паҳншавии позитивии марихуана (нашъа) дар байни одамон аст. Масоҳат ва суръати паҳншавии нашъамандӣ дар дунё чунон аст, ки солимии ҷисмонӣ ва психологии ҷавонон ва ояндаи қисми зиёди онҳо, эътидоли иҷтимоии ҷомеаро аллакай дар ояндаи наздик зери таҳдид мегузорад.

Бояд гуфт, ки нисбат ба нашъамандон дар бисёр кишварҳои пешрафта низоми таъмини барқарории ҳуқуқӣ, тиббӣ, иҷтимоӣ ва ғайра, инчунин, маъракаҳои пурқуввати тарғибот бар зидди нашъамандӣ амал мекунад.

Таҳлили стратегияи зидди моводи мухаддир дар кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки онҳо хусусияти дугона доранд. Асоси фаъолияти зидди маводи мухаддирро ба назар гирифта, тасдиқ кардан мумкин аст, ки онҳо метавонанд ба паст шудани сатҳи нашъамандӣ дар ҷомеа ва ҳамчунин ба афзоиши он мусоидат намоянд. Вазъияти мазкурро он чиз асоснок мекунад, ки «меваи мамнуъ ширин аст».

Бинобар ин, ҳангоми таҳияи маъракаҳои зидди маводи мухаддир заминаҳои равонӣ, ахлоқӣ, анъанавии ҷомеаро дақиқан омӯхтан лозим аст. Айнан истифода кардани таҷрибаи як давлат барои давлати дигар на ҳама вақт ба мақсад мувофиқ меояд. Баръакс ба вазнинтар шудани вазъияти маводи мухаддир қувват мебахшад. Стратегияи самаранок гуфта танҳо маъракаҳои илман асоснокшударо дар назар дорем, ки аз ҷониби коршиносони худӣ (маҳаллӣ) дар шароити худи ҳамин давлат таҳия ва пешниҳод мегардад.

Чунон ки таҷриба нишон медиҳад, дар шароити Осиёи Марказӣ, мутаассифона, чунин низом ҳануз дар зинаи ташаккулёбӣ аст. Паҳншавии нашъамандӣ дар ҳудуди собиқ ИҶШС бо суръати таҳдидкунанда мегузарад. Бахусус, дар минтақаи Осиёи Миёна хатар бештар эҳсос мешавад. Дар ин бора, пеш аз ҳама, маълумоти омории мақомоти салоҳиятнок, вазорату идораҳои кишварҳои минтақа гувоҳӣ медиҳанд. Аммо ҳамаи далелҳо мавҷуданд, то ба хулосае оем, ки вазъият дар асл нисбат ба маълумоти оморӣ хеле ташвишовар аст.

Бояд ба назар гирифта шавад, ки дар воқеъ хатари ворид шудани маводи мухаддир ба артиш ва сохторҳои дигари қудратӣ вуҷуд дорад. Ин зуҳурот метавонад таҳдиди ҷиддӣ барои қобилияти муҳофизатии кишвар ба амал оварад. Зиндагӣ ва саломатии одамон аз ҳама чиз муҳим аст ва онро ҳатман дар мадди аввал бояд гузошт. Афзоиши шадиди нашъамандшавӣ дар байни ҷавонон ва наврасон ба саломатии миллат таъсир мерасонад.

Дар олам аллакай сохтори нашъаҷаллобӣ ва нашъамандӣ ташаккул ёфтааст. Нашъамандон арзишҳо ва ҳадафҳои худро доранд. Аммо майли онҳоро арзишҳои иҷтимоӣ, манъкуниҳо ва маҳдудсозиҳои иҷтимоӣ инкор мекунанд, ки, дар навбати худ, боиси тавлиди ҷиноятҳо мегардад. Ҳамаи манфиатҳои дигар, ирода, назорат аз болои рафтори худ нодида гирифта мешаванд, ҳамаи кӯшишҳо барои ҷустуҷӯйи нашъа, паси сар кардани монеаҳо барои дастрас кардани он бо истифодаи ҳамаи восита ва роҳҳо равона карда мешаванд. Маҳз дар ин лаҳза нашъаманд метавонад ҷиноятҳои вазнинтар содир кунад ва мекунад.

Воситаҳои нашъаовар шахсияти ҷавононро вайрон мекунанд. Хислати онҳо дигар мешавад, бахусус, дар симои наздикону атрофиён онҳо танҳо душмани худро мебинанд. Дар ин ҷавонон муносибати бетарафӣ ба зиндагӣ оҳиста-оҳиста ба бадбинӣ, бедоршавии ҳисси зӯроварӣ табдил меёбад. Дар ҳолати набудан ё наёфтани маводи мухаддир нашъамандон ба ҳама гуна ҷиноят қодиранд.

Таҳлили таълифоти мавҷуда, инчунин, мушоҳидаҳои шахсӣ нишон медиҳад, ки таъсири нашъамандӣ ба ҷомеа дар се зина ба амал меояд:

1) Итсеъмоли ғайритиббии маводи мухаддир қобилияти корӣ, рӯҳӣ, зеҳнӣ ва зарфияти эҷодии аҳли ҷомеаро бениҳоят паст мекунад.

2) Истеъмоли ғайритиббии маводи мухаддир ҳамчун омили асосии вайроншавии иҷтимоӣ ба шумор меравад. Ин таҳдиди ҷиддӣ ба фаъолияти муътадили механизми ҷамъиятӣ аст.

3) Истеъмоли ғайритиббии маводи мухаддир фарҳанг, таҷриба ва малакаҳои аз ҷониби инсоният гирдовардашударо вайрон мекунад, механизми ҳамкории байни одамонро аз кор мебарорад.

Масъалаи сӯиистифода аз маводи мухаддир рӯз то рӯз ҳудуди бештарро фаро мегирад. Маводи мухаддир оилаҳо,

зиндагӣ ва саломатиро вайрон мекунад, ақлро мерабояд ва ниҳоят шахси гирифторро аз зиндагӣ маҳрум месозад.

Дар шароити имрӯза кам афроде ҳастанд, ки чӣ гуна нашъаманд шуданашонро надонанд. Онҳо маълумоти заруриро оид ба тарзи зиндагӣ ва роҳҳои дастрас кардани маводи мухаддир медонанд. Ин омил боиси зиёд гардидани гурӯҳи истеъмолкунандагони маводи нашъаовар мегардад.

Агар ҷамъият минбаъд низ бо ҳамин роҳи ғайрифаъол ба қайд гирифтани инкишофи хавфноки ҳодисаҳоро идома диҳад ё ин масъаларо пинҳон дорад, суръати ин ҷараён паст нахоҳад шуд. Ин маънои онро дорад, ки ҳаёти ҳазорҳо ҷавонон барвақт ҳамин гуна канда ё вайрон хоҳад шуд.

Аз хусуси хатари ҷиддии иҷтимоии нашъамандӣ ва дар бораи таъсири маводи мухаддир ба рафтори иҷтимоии шахс, дар бораи оқибатҳои ногузири фалокатбори истеъмоли онҳо сухан ронда, метавон тасдиқ намуд, ки он ба таназзули зеҳнӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоии шахс оварда мерасонад. Инчунин, фоҳишагӣ ва камбудиҳои дигари ҷомеа низ бо нашъамандӣ тавъаманд. Ба масъалаи таъсири маводи мухаддир ба организми инсон дахолат карда, дар хусуси механизмҳои он сухан нарондан мумкин нест.

Вазъияти баамаломада далели он аст, ки дар олами муосир ҷараёни тадриҷии афзоиши шумораи шахсоне, ки доруҳои нашъаовар истеъмол мекунанд, ба назар мерасад. Истеъмоли нашъа ва маводи мухаддири ғайрианъанавӣ аз ҷониби ҷавонон зиёд мешавад. Ба истеъмоли маводи мухаддир намояндагони ҳамаи гурӯҳхои иҷтимоию иқтисодӣ фаро гирифта мешаванд.

Афзоиши нашъамандӣ дар байни кӯдакону наврасон аз ҳама ташвишовар аст, зеро ин гурӯҳ боиси ривоҷи базаи устувори нашъамандӣ дар байни калонсолон мегардад. Масъалаи маводи мухаддир имрӯз ба кишвари мо таҳдид

мекунад, дар ояндаи надик зараре хоҳад овард, ки аз тамоми мусибатҳои таърихии инсоният даҳшатноктар аст.

Нашъамандшавии ҷомеа ба ҷавонон ҳамчун гурӯҳи иҷтимоию демографӣ таъсири махсусан бештар дорад. Ҷавонон бо рафтори ғайриқолабӣ (ғайристандартӣ) аз гурӯҳҳои дигар фарқ мекунанд. Бинобар ин, масъалаи мазкур бе таҳлили кулли сабабҳои инфиродӣ ё гурӯҳии истеъмоли маводи мухаддир, муносибат ба истеъмоли он дар муҳити ҷавонон ҳал ва ё кам карда намешавад.

Бояд қайд кард, ки оила ҳамчун ниҳоди иҷтимоишавӣ метавонад, ба сарчашмаи ташкилёбии нашъамандӣ барои наврасон табдил ёбад. Бахусус, вақте ки дар пардаи бобарории зоҳирӣ ҳамкории оилавӣ ба тариқи нофаҳмӣ аз ҷониби аъзои оила вайрон мешавад. Оилаҳои номуваффақ дар ҷомеаи мо ниҳоят зиёданд, бо онҳо кори иҷтимоию психологии зарурие бояд ба роҳ монда шавад, ки ба пешгирии вайроншавии фаъолияти оила равона шуда бошад. Дар робита бо ин масъала қайд кардан зарур аст, ки оилаи солим аз омилҳои муҳимтарини иҷтимоишавии мусбати кӯдак ва пешгирии нашъамандӣ мебошад. Дар байни омилҳои равоншиносӣ, ки барои сӯйиистифода ба наврасон аз маводи мухаддир шароит фароҳам меорад, оилаҳои номуваффақ, инчунин, вайроншавии фаъолияти оила нақши таъсиргузор доранд.

Ба ин тариқ, паҳншавии сӯйиистифода аз маводи мухаддир дар шароити имрӯза ба мисли вабо аст. Масоҳати воқеии сӯйиистифода аз маводи мухаддир ва моддаҳои сахттаъсир дар ҷомеа чандин маротиба аз омори расмӣ зиёдтар аст. Маҳз ҳамин таҳдиди нав ном дорад.

Оморҳои мақомоти ваколатдор муваффақияти одамонро объективона нишон медиҳад ва маҳз ҳамин рақамҳо тамоми мусибати мавҷударо ифода мекунад. Агар фикр кунем, ки ҳар як дақиқа дар рӯйи замин касе аз

истеъмоли аз ҳад зиёди маводи мухаддир мемирад ё ба бемориҳои ба он алоқаманд, ба мисли гепатит ё ВНМБ/АНМБ гирифтор гардад, масъала ниҳоят вазнин ҷилвагар мешавад, ки тамом мардуми оламро ба ларза меорад. Бинобар ин, дар ин масъала набояд гузашту раҳмдилӣ мавҷуд бошад.

Тамоюли дигари тезутунд ва мураккаб истеъмоли маводи нашъаовари сунъӣ аз гурӯҳи анфитаминҳо, метафитаминҳо, экстази аст. Ҳоло маводи нашъаовари сунъӣ пас аз марихуана ва ҳашиш дар истеъмол ҷойи дувумро ишғол мекунад. Бахусус, марихуана, ҳашиш, каннабис ҳамчун маводи мухаддири №1 боқӣ мемонанд. Воқеан, онҳо низ хеле хавфнок буда, боиси вайроншавии фаъолияти асаб ва дигар бемориҳо мегарданд, бахусус кӯдакон, наврасон дар синни ноболиғӣ ҳассос мешаванд. Дар бисёр мавридҳо ин танҳо зинаи аввал барои давраи навбатӣ аст, дар давраҳои баъдӣ нашъамандон ба навъҳои вазнинтари маводи мухаддир мегузаранд.

Он чи ки дар мавриди маводи мухаддири сунъӣ гуфта мешавад, аз он иборат аст, ки дар як қатор мавридҳо мафҳуми "трафики маводи мухаддир" аз байн меравад. Онҳо метавонанд ҳамагӣ чанд қадам дуртар аз хонаи шумо истеҳсол шаванд. Бинобар ин, ошкор кардани онҳо нисбат ба масири ҳероин аз Афғонистон мушкил аст.

Дар мавриди ҷазо барои гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ, инчунин, истеъмоли ғайритиббии маводи мухаддир бояд гуфт, ки дар ин тадқиқоти монографӣ мо пешниҳод менамоем, ки бештар ба муборизаи қонунӣ такя карда шавад ва ҳамчунин бояд ба назар гирифт, ки танзими механизмҳои амалии татбиқи онҳо мавҷуд аст.

Омилҳои гуногуни ин зуҳурот аз нуқтаи назари санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ки ба мубориза бо

нашъаҷаллобон нигаронида шудаанд, таҳлил карда мешаванд. Муҳофизат ва мустаҳкам кардани саломатии шаҳрвандон шарти асосии ҳаёти ҷомеа аст, зеро саломатӣ ба мисли зиндагӣ, ҳуқуқ ва озодиҳо муқаддас мебошад.

Дар моддаҳои 5, 18 ва 38 Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон усулҳои асосие баён карда мешаванд, ки асоси онҳоро таъмин ва ҳифзи саломатии ҷисмонӣ ва ахлоқии ҷомеаи Тоҷикистон ва фаъолияти дурусти низоми он, ки фарогири солимии миллат мебошанд, дар бар мегиранд[1]. Ҳифзи саломатии аҳолӣ яке аз муҳимтарин арзишҳои иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад, ки аз маҷмуи чораҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва тиббӣ, ки шароити бехатарии зиндагии инсонҳоро таъмин мекунанд, иборат аст.

Сиёсати давлату ҳукумат ба ҳифзи шахс, шароити ӯ, манфиатҳо, ҳуқуқҳои конститутсионии вай ва таъмини инкишофи озоди инсон равона шудааст. Консепсияи ҳуқуқии асри XXI объекти ҳифзи ҷиноию ҳуқуқии натанҳо дахлнопазирии ҷисмонӣ ва равонии шахс, инчунин, бехатарии ӯро дар маҷмуъ эътироф мекунад. Маҳз барои ҳамин нақши ниҳоят муҳимро меъёрҳои ҳимоякунандаи ҳамин гуна шароитҳо, ки ба ҳамаи шаҳрвандони кишвари мо мутааллиқанд, мебозанд.

Зикр кардан лозим аст, ки меъёрҳои ҷиноятию ҳуқуқӣ, аз як ҷониб, масъулияти сахттаринро барои гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир пешбинӣ намудааст. Аз ҷониби дигар, ҷиноятҳои вазнини дигар, ки бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир алоқаманданди аз ҷониби нашъаҷаллобон содиршаванда ба инобат гирифта нашудаанд. Таваҷҷуҳи асосӣ ҳамеша ба тавсифоти ҷиноят, ки бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир алоқаманд аст, равона карда мешавад. Ҷиноятҳои дигар, ки нашъаҷаллоб то,

[1] Ниг. ба: Сарқонуни Ҷумҳкрии Тоҷикистон (ба забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ). – Душанбе: «Ирфон», 2009. – 72с.

пас ва дар вақти гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир содир кардааст, ба назар гирифта намешавад.

Инсоният аз қаъри асрҳо роҳҳои лаззат бурдан, сабук кардани мушкилӣ, ранҷҳо ё ба таври дигар аз воқеияти ӯро тарсонанда пинҳон шуданро аз маводи мадҳушкунанда ҷустуҷӯ мекард ва ҳоло низ ҷустуҷӯ дорад. Нашъамандӣ бо ҳама гуногунрангиаш аз қадим вуҷуд дорад. Дар байни масъалаҳое, ки ҷомеа бо онҳо рӯ ба рӯ мешавад, истифодаи ғайритиббии маводи мухаддир аз ҳама ташвишовар аст.

Чунон ки таҷриба нишон медиҳад, ҷиноятҳое, ки бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир алоқаманд ҳастанд, зинаи баландтаринро нисбат ба ҷиноятҳои дигар ташкил медиҳанд. Ин, пеш аз ҳама, бо он алоқаманд аст, ки субъектҳои гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир робитаҳои дуҷонибае доранд, ки барои нигоҳдории низоми устувори истеҳсолкунанда, фурӯшанда, истеъмолгар мусоидат намуда, дар натиҷа ба ҳавасмандии ҳамаи субектҳои ин гуна ҷиноят дар мавриди ошкор накардани ҳолатҳо дар бораи гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир оварда мерасонад.

Масъулият барои ҷиноят ба муқобили сиҳатии аҳолӣ ва ахлоқӣ, ҷамъиятӣ маъмулан дар қонунгузории ҷиноятии миллӣ баён мегардад. Дар қонунгузории ҷиноятӣ тамоми масъулиятҳо дар ин соҳа, ки қадами нави мусбат дар мубориза бо маводи мухаддир, истеҳсолкунандагон ва паҳнкунандагони он ба ҳисоб мераванд, пешбинӣ шудаанд.

Дар робита бо ин, зарур мешуморем, ки дар сатҳи қонунгузорӣ масъалаи дохил кардани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди пешбинии ҷазои сахт нисбат ба шахсоне, ки бо роҳи дурӯғ, зӯроварӣ ё таҳдид ҷавононро ба истеъмоли маводи мухаддир ҷалб мекунанд, баррасӣ карда шавад.

Аломатҳои объективии ҷиноятҳоеро, ки бо гардиши ғайриқонунии моводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ алоқаманд ҳастанд ва ҷазо барои онҳо мувофиқи моддаҳои 200-206 Кодекси ҷиноятии ҶТ муқаррар карда шудааст, дақиқан таҳлил бояд кард. Аз ин нуқтаи назар, ки мо насли ояндаро солим нигоҳ доштан мехоҳем, истифодаи чораҳои қатъӣ равост.

Шахсоне, ки бо гардиш, истеҳсол, коркард, харидорӣ, нигоҳдорӣ, интиқоли ғайриқонунии маводи мухаддир бо мақсади фурӯш машғуланд, қотилони кӯдакон, ҷавонон ва гурӯҳҳои дигари одамон ҳастанд.

Ҳар як нашъаҷаллоб дар сохтори ҷиноятии худ гурӯҳи одамонеро ташкил медиҳад, ки бо муайян кардани сифати маводи мухаддир машғуланд. Чунон ки дар боло зикр кардем, онҳоро «озмоишгарон» мегӯянд. Онҳо аксаран ҷавононе ҳастанд, ки бо роҳҳои гуногун ба ин кор ҷалб шудаанд ва ҳамчун «ғулом» истифода карда мешаванд.

Дар таҷриба кам андар кам мешавад, ки нашъаҷаллобро барои ҷалб кардани ҷавонон ба истеъмоли маводи мухаддир ё ташкили гурӯҳи «озмоишгарон» ҷазо дода бошанд. Ин ҷавонон нашъаманд мешаванд ва пас аз истеъмоли мунтазами маводи мухаддир ҳалок мегарданд. Аммо нашъаҷаллобон аксари вақт беҷазо мемонанд. Аслан онҳо вазнинтарин ҷиноятро содир мекунанд, бо роҳи фиреб ҷавононро нашъаманд сохта, амалан онҳоро мекушанд.

Онҳо ба хотири ҳадафҳои нопоки худ куштор содир мекунанд. Инҳо қотилони оммавии одамон ҳастанд. Бинобар ин, нисбат ба онҳо бояд ҳеч гуна гузашт ҷой надошта бошад, ҷазои сахттарин сазои онҳо аст.

Меъёрҳои ҷиноию ҳуқуқии Тоҷикистон барои чунин ҷиноят ҷазои начандон вазнин пешбинӣ мекунад. Аз ҷумла, дар моддаи 203 барои ҷалб кардани дигарон ба истеъмоли

маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ (дар таҳрири Қонуни ҶТ аз 17.05.2004 №35) чунин ҷазоҳоро пешбинӣ мекунад:

1) Ҷалб намудан ба истеъмоли маводи мухаддир, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо бо маҳрум кардан аз озодӣ ба муддати панҷ сол.

2) Ҳамин амалҳо агар содир шуда бошанд:

а) нисбати ноболиғон;

б) нисбати ду ё зиёда одамон;

в) бо роҳи фиреб;

г) бо истифодаи зӯроварӣ ё таҳдид ва истифодаи он;

д) такроран;

е) дар ҷойҳои иҷрои ҷазо дар шакли маҳрумӣ аз озодӣ;

ж) бо гурӯҳи муташаккил - **бо маҳрум кардан аз озодӣ ба муддати аз се то панҷ сол.**

3) Ҳамин амалҳо агар бо сабаби беэҳтиётӣ ба марг оварда бошад ё оқибатҳои вазнин ба бор оварда бошад – **бо маҳрум кардан аз озодӣ ба муҳлати аз ҳафт то дувоздаҳ сол** (дар таҳрири Қонуни ҶТ аз 17.05.2004, №35) **ҷазо дода мешавад**.

Дар диспозитсияи ин модда ҷалб кардани ҷавонон ба истеъмоли маводи мухаддир барои расидан ба мақсадҳои нопок аз ҷониби шахсони бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ даст дошта нишон дода нашудааст. Ҷазоҳои пешбинишуда дар нисбати нашъаҷаллобон ниҳоят сабуканд, зеро ҷиноятҳои ниҳоят вазнин содир мекунанд, бо ин рафтори худ одамонро мекушанд.

Хавфи ҷинояти таҳлилшаванда дар он зоҳир мешавад, ки он ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки саломатии аҳолиро таъмин менамояд, инчунин, тартиботи аз ҷониби давлат нисбат ба гардиши маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ муқарраршуда дахолат мекунад. Бо

назардошти паҳншавии он ва зарари расонандааш ҷомеаи ҷаҳонӣ барои мубориза кӯшишҳои якҷоя сарф мекунад ва заминаи дахлдори ҳуқуқӣ барпо месозад. Объекти бевоситаи ин ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятӣ, объекти иловагии он тартиботи аз ҷониби давлат муқарраршудаи гардиши маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ ё муодилҳои онҳо мебошад.

Бояд қайд намуд, ки хатари калони ҷамъиятии гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, инчунин, ҷалб шудани одамонро ба он ба инобат гирифта, чораҳои ҷазои онро бояд ниҳоят сахт кард. Хусусияти фарққунандаи диспозитсияи меъёрҳои моддаи 203 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб мекунад, ки ҷавобгарӣ барои одамоне, ки дигаронро ба ин кор ҷалб мекунанд, сахттар бошад.

Нашъаҷаллобон мақсадҳои нопок доранд, бо ин мақсад онҳо одамони ҷалбшударо мекушанд ва беҷазо мемонанд. Меъёрҳое, ки ҷазоро барои ҷалб кардан ба истеъмоли маводи мухаддир муқаррар мекунанд, ниҳоят сабуканд ва рафтори нашъаҷаллоб ва диспозитсияи рафтори ӯро ин мода ба инобат намегирад.

Бинобар ин, ба назар гирифтани тағйиру иловаҳои пешниҳодшуда барои муборизаи ҷоннок бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва нашъамандӣ дар ҷомеа мусоидат намуда, боиси таҳкими институти оила дар Тоҷикистон мегардад. Зеро ҷабри аз ҳама зиёдро аз натиҷаи фаъолияти ин гурӯҳҳои ҷиноятпеша оила мебинад ва ноустувории он боиси коҳиши рушди иҷтимоии давлат мегардад.

## Дурнамои ҳалли масъалаи маводи мухаддир дар ҷомеаи муосир

Истеъмоли маводи мухаддир яке аз масъалаҳои ниҳоят ҷиддии ҷавонон дар ҷомеаи имрӯза аст. Таҳлили маълумоти оморӣ хеле бо сароҳат дарак медиҳад, ки ҷараёни нашъамандшавии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ ва омӯзиши махсусро талаб мекунад. Масъала дар баробари вазъи ҷиноятии нашъамандӣ бо хатари сирояти бемориҳои гуногун, аз ҷумла ВНМО/БПНМ алоқаманд мегардад. Табобат ва раҳоӣ аз вобастагии нашъамандӣ маҷмуи чораҳои тиббӣ ва иҷтимоӣ аст. Татбиқи онҳо хароҷоти молиявии гаронро талаб мекунад ва натиҷаи мусбат агарчи на ҳамеша ба даст меояд, аммо дар шароити имрӯза асли дигари раҳоӣ аз нашъамандӣ вуҷуд надорад.

Дар шароити имрӯза паҳншавии маводи мухаддир хислати вабо (эпидемия)-ро гирифтааст, зиёдшавии маводи мухаддир боиси арзон шудани нархи онҳо дар бозори дохилӣ мешавад. Дар ҳамаи нуқтаҳои аҳолинишин, ноҳияҳо, шаҳрҳои зиёди ҷумҳурӣ ба аксарият маълум аст, ки кадом афрод фаъолона бо нашъаҷаллобӣ машғуланд, кӣ нашъаманд аст ва ба намояндагони мақомоти маҳаллӣ муайян намудани миқдори нашъамандон кори мушкил нест.

Махсусияти усулии гузаронидани чунин чорабинӣ дар ҷумҳурӣ бояд дар он бошад, ки он робитаи устувори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва аҳли ҷомеаро таъмин намояд. Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки чораҳои андешидашаванда натиҷаи дилхоҳ намедиҳанд. Эътимод бастан лозим нест, ки танҳо бо қувваи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муваффақият ба даст овардан мумкин аст.

Гурӯҳҳои нашъаҷаллоб дар як муддати кӯтоҳ соҳиби пулҳои калон гардида, метавонанд ба низоми сиёсӣ,

мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, воситаҳои ахбори омма таъсир гузоранд.

Бо мақсади дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани муқовимат ба муомилоти ғайриқонунӣ воситаҳои нашъадор, ва моддаҳои психотропӣ, инчунин барои пешгирии истеъмоли ғайритиббии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, тадбирҳои зерин бояд амалӣ шаванд.

## ПЕШНИҲОДҲО

Дар шароити имрӯза мубориза бар зидди истеҳсол, гардиши ғайриқонунӣ ва истеъмоли маводи мухаддир бояд яке аз вазифаҳои авалиндараҷаи давлат, ҷомеа ва шаҳрвандон бошад. Зеро маводи нашъадор на танҳо зеҳни насли наврасу ҷавонро мағшуш месозад, балки ҷомеаро аз дарун хароб мекунад ва роҳро барои ҷинояту кирдорҳои хатарнок ҳамвор менамояд.

Бинобар ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои нахустини давлатдории миллӣ дар саргаҳи барномасозиҳо ва сиёсати давлатӣ стратегияи муқовимат ва мубориза зидди маводи нашъаовар қарор гирифта, то имрӯз дар ин самт ибтикороти мақомоти марбутаи давлатӣ ҳамчунон идома доранд.

Ҷиноятҳои марбут ба гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, аз ҷумла, нигоҳдорӣ, хариду фурӯш, интиқол ва паҳн кардани он аз ҷониби гурӯҳҳои қочоқӣ ва зиддимиллӣ ҳанӯз аз ибтидои солҳои навадуми асри гузашта ба қайд гирифта шуда буданд ва ин падидаи номатлуб ба мисли вабо дар солҳои бесарусомонии ҷанги дохилӣ ба як вабои мудҳиш табдил ёфт.

Айни замон мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи нашъовар ба кори рӯзмарраи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва бахшҳои чудогонаи сохторҳои қудратии чумҳурӣ бадал гашта, дар ин самт як қатор иқдомоти ҷиддӣ рӯйи даст гирифта шудааст. Аз ҷумла, мақомоти вежаи давлатӣ дар мисоли Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт, ки ҷараёни муборизаро бар зидди ин навъи ҷиноятҳои хатарнок назорату мудирият карда, аз тариқи ҷузъу томҳои оперативию амалӣ роҳро дар самти муқовимат ва мубориза

бо паҳнкунандагону мунтақилони маводи нашъаовар ҳамвор менамояд.

Дар замони Истиқлоли давлатӣ аз ҷониби сохторҳои марбутаи кишварамон корҳои зиёде сурат гирифта, пеши роҳи ҷинояткории марбут ба гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар дар ҷумҳурӣ то ҳадде гирифта шуд. Ҷой ва макони садҳо гурӯҳҳои нашъаҷаллоб кашф карда шуда, роҳҳои интиқоли қочоқчиёни дохилию хориҷӣ баста гардид.

Солҳои охир дар қаламрави ҷумҳурӣ зуҳуру ҳузури гурӯҳҳои нашъаҷаллоб ва мубталоёни мухаддирот хеле кам шудааст ва вазъи куллӣ дар ин замина назоратшаванда арзёбӣ мегардад.

Аммо беҳтар шудани вазъият дар самти мазкур ҳанӯз маънои онро надорад, ки мубориза бо нашъаҷалобӣ ба марҳилаи ниҳоӣ расидааст. Ҷинояткорон ба хотири манфиаташон то ҳоло ба таври муташаккил даст ба ин кирдори нангин мезананд, ки натиҷааш бар зарари давлату ҷомеа равона гардидааст.

Албатта, мубориза бо моводи мухаддир на танҳо вазифаи давлат ва сохторҳои қудратист, балки ҳар як шаҳрванд ва умуман, ҷомеа бояд дар ин муқовимат ба таври дастҷамъона саҳм гузорад. Ин масъулияти тамоми миллату ҷомеа мебошад. Вобаста ба ин, татбиқи тадбирҳои зерин ҷиҳати тақвияти муқовимат бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва нашъамандӣ ба мақсад мувофиқ дониста мешавад:

1. Дар муассисаҳои таҳсилоти зинаҳои миёна ва олӣ ҷиҳати пешгирии наврасону ҷавонон аз нашъамандӣ ва ҷинояткории марбут ба он ҷорӣ намудани давраи махсуси омӯзишӣ, ки силсилаи лексияҳо дар бораи хатари маргбори маводи нашъадор ва омили ҷинояткорӣ будани онро дар бар мегирад.

2. Бурдани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар ҷомеа, хусусан, дар байни қишрҳои осебпазир, ҷиҳати пешгирии нашъамандӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир.

3. Ошкор намудан ва ба қайд гирифтани тамоми нашъамандон, ба табобати маҷбурӣ фаро гирифтани онҳо.

4. Зери назорати қатъӣ қарор додани истеҳсол, фурӯш ва гардиши доруворие, ки дар таркибаш маводи мухаддир мавҷуд аст.

5. Зери назорати қатъӣ қарор додани муассисаҳои ислоҳотӣ, бо мақсади пешгирии паҳншавии нашъамандӣ дар байни маҳбусон ва ҷиноятҳои марбут ба он.

6. Пурзӯр намудани фаъолияти сохторҳои қудратӣ дар самти ошкор, пешгирӣ, қатъ намудани фаъолияти гурӯҳҳои ҷиноятӣ, ки даст ба гардиши маводи мухаддири табиӣ ва синтетикӣ мезананд.

7. Фаъолияти сохторҳои қудратӣ бояд дар ҳамоҳангӣ ва ҳамкорӣ бо ҷомеа сурат гирад.

8. Роҳандозии ҳамкории беҳтар бо сохторҳои марбутаи кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ, Федератсияи Россия ва ғ. дар самти муқовимат бо ташкилотҳои ҷиноятии фаромиллӣ, ки ба гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир машғуланд.

9. Ошкор ва муҷозот намудани саркардаҳо ва маблағгузорони асосии гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, пуштибонҳои онҳо аз ҳисоби кормандони сохторҳои давлатӣ, сиёсатмадорон, соҳибкорони калон ва ғ. Ба фоидаи давлат мусодира намудани дороии онҳо.

10. Истифодаи босамари ташкилотҳои ғайридавлатӣ, руҳоният, зиёиён дар самти муқовимат бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва нашъамандӣ. Дар ин замина таҳия ва нашру паҳн кардани китобҳо ва дигар маводи тарғиботӣ.

11. Дар телевизиону радио, матбуот ва сомонаҳои интернетӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ роҳандозӣ кардани муқовимати ташвиқотӣ бар зидди нашъамандӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир. Дар баробари ин, фаъолияти мазкур набояд Тоҷикистонро ҳамчун кишвари истеҳсолкунанда ва ё интиқолдиҳандаи маводи нашъадор нишон диҳад, балки Тоҷикистон бояд ҳамчун кишваре, ки бар зидди маводи мухаддири аз Афғонистон воридшаванда мубориза мекунад ва давлате, ки муқобили ҷинояткорӣ қотеъона мубориза мебарад, инъикос ёбад.

12. Бознигарӣ ва корсозу мутобиқ ба талаботи замон самараноктар гардонидани қонунҳои ҶТ дар самти мубориза бо нашъамандӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир. Сахттар кардани ҷазо барои ин гуна ҷиноятҳо.



***Афғонистон. Ҷамъоварии ҳосили кӯкнор.***



***Афғонистон. Нештарзанӣ ё коркарди кӯкнор зери назорати гурӯҳҳои террористӣ.***



***Афғонистон. Ҷалби кӯдакон ба парвариши кӯкнор.***



***Парвариши расмии кӯкнор дар Қирғизистони замони Шуравӣ.***



***Қирғизистони Шуравӣ. Ҷамъоварии ҳосили кӯкнор.***



***Афғонистон. Ҷамъоварии ҳосили кӯкнор дар вилояти Ҳелманд.***



***Афғонистон. Раванди гирифтани шираи кӯкнор (маҳсулоти аввалияи маводи мухаддир).***



***Афғонистон. Ҳосили кӯкнор яке аз манбаҳои асосии даромади гурӯҳҳои террористӣ.***



***Афғонистон. Истифодаи кори кӯдакон дар парвариши кӯкнор.***



***Афғонистон. Ҷамъоварии шираи кӯкнор.***




***Маводи сахтаъсири героин***



***Чакидаи кӯкнор ва бангдона***



***Коркарди плантатсияи маводи нашъадор***



***Маҳсулоти таёри маводи нашъадор***



***Раванди ҷамъоварии шираи кӯкнор***



***Киштзори маводи нашъадор***



***Раванди ҷамъоварии ширàи кӯкнор***



***Нигоҳу бини киштзори маводи нашъадор аз тарафи деҳқонони афғон***



***Маҳсулоти омодаи бангдона***



***Парвариши маводи нашъадор аз тарафи деҳқони афғон***



***Метамфетамин – кристали сафед, муаводи мухаддиири синтетикӣ***

**“Кристали сафед” – ях**

Маводи мухаддири “кристали сафед” як навъ психостимулятори синтетикии хеле қавӣ буда, бо номи метамфетамин маълум аст. Ба истилоҳ ҳамчун "кристал" низ номида мешавад. Ин намуди кристалли сафедро "ях" низ меноманд, зеро он ба яхпораи сафед ё пораҳои хурди шиша монанд аст. Баъзан кабудранг ҳам мешавад. Аслан, он як навъи такмилёфтаи амфетамин буда, таъсиррасонии дарозмуддат дорад. Таъсири хеле қавӣ дошта, шахси истеъмолкунанадаро тадриҷан нобуд мекунад.

**Хусусиятҳои модда.** Метамфетамин бо дигар моддаҳои психоактиви силсилаи амфетамин низ робита дошта,

номҳои зиёди ғайрирасмӣ ҳам дорад, мисли "винт", "палич", "смарт", "кристалл", "мет", "фен", "хока". Ин истилоҳҳо ифодагари таъсири он ба бадани истеъмолкунанда мебошад - як лаҳза, дарозмуддат ва қавӣ. Ба ҳар ҳол, инҳо чӣ гуна моддаҳо мебошанд? Дар ибтидои асри 20 истифодаи ин маводи мухаддир дар артиши Ҷопон ва баъдан Олмон ба хотири баланд бардоштани неру ва руҳияи ҷангии сарбозон, нотарсу устувор гардонидани онҳо, инчунин то чанд рӯз ба ғизо ниёз пайдо накарданашон, таҷриба мешуд.[1]

Дар солҳои 50-ум, ин навъи маводи мухаддир барои кам кардани вазн ва мубориза бар зидди фарбеҳӣ истифода мешуд, зеро он иштиҳоро коҳиш медиҳад ва баданро маҷбур мекунад, ки неруи захиракардаашро сарф намояд.

Нисбатан арзон будан ва имкони бо истифода аз маводи кимиёвии маишӣ ва аз таркиби баъзе доруҳо истеҳсол гардидан ин маҳсулотро дар байни ҷавонон хеле маъмул кардааст. Аммо таркиби доруи кристалли сафед ба таври ғайричашмдошт метавонад эфедрин, фосфори сурх, антифриз, литийи батарея, аммиаки моеъ, кислотаҳо, марганетс ва дигар ҷузъҳои зараровар дошта бошад.

**"Кристал" чист?** Ҳосили кристалии метамфетамин як дору – маводи мухаддири буғшуда аст. Он одатан ҳамчун хокаи сафед ҳосил мегардад, баъзан бо ранги қаҳваранг, талх ва қариб бебӯй, одатан дар шакли таблетка истеҳсол мегардад.

Ин навъи маводи мухаддир ба монанди "ях" метавонад дар шакли пораҳои шаффоф, беранг ва сахт бошад, ки то 90-98% дорои моддаҳои навъи гидрохлорид мебошад,

[1] Наркотики и наркозависимость: история, предпосылки, последствия / Мэрия г. Ярославля, Городской научно-методический центр социальной политики; [под. ред. С. В. Зуевой]. - Ярославль: Городской научно-методический центр социальной политики, 2007. - 55 с.

ҳарчанд моддаҳои дорои ранги гулобӣ ё норанҷӣ низ мавҷуданд.

Кадом маводи мухаддири дигар ба ин гурӯҳ тааллуқ дорад? Аксар вақт истилоҳи "кристал" нисбат ба моддаҳои психоактивӣ, ба монанди крек-кокаин ё мефедрони синтетикӣ (намак барои оббозӣ) ба кор меравад. Бинобар ин, истеҳсолкунандагон баъзан онро ҳамчун маҳсулоти барои оббозӣ нишон доданӣ шуда, маҳсулоти мазкурро бо рангҳои гуногун омезиш медиҳан.

Таъсири ин навъи мавод, аз ҷумла амфетамин ба кокаин ё метамфетамин монанд мебошад, аммо метамфетамин бо сабаби арзониаш дастрастар аст.

Чӣ тавр “мет” ба бадан таъсир мерасонад? Пас аз ворид шудани кристали сафед ба бадан, молекулаҳои он зуд паҳн мешаванд ва ба майнаи сар расида, дар ретсепторҳое, ки барои тавлиди дофамин (гормони лаззат) масъуланд, ҷамъ мешаванд. Муайян карда шудааст, ки дар зери таъсири «мет» то 1200 воҳиди дофамин ҳосил мешавад. Ин назар ба кокаин кариб 3,5 баробар ва аз меъёри истеҳсоли табиии организм то 6 баробар зиёдтар аст.

Одатан, се марҳилаи таъсиррасониро ҷудо мекунанд:

• ибтидоӣ, ки бо эҳсоси аввалини сардии ҳайратовар алоқаманд аст (ки номи «ях»-ро ба вуҷуд овардааст) ва пас аз он бо шиддат лаззати туфонӣ (ҳамагӣ 2-3 дақиқа давом мекунад) эҳсос карда меашвад;

• давраи фаъолшавӣ ва эйфория, ки аз мизон (доза)-и кристали сафеди истифодашуда вобаста аст;

• марҳилаи ҳушёршавӣ, баъд аз он хастагии сахт (одатан одам ба хоби гарон, ки то 2-3 рӯз давом мекунад) меафтад ва хашмгин, хаста ва бепарво бедор мешавад).

Маҳз дар марҳилаи фаъол, ки то 7-12 соат давом мекунад, нашъаманд дар руҳияи баланд, шодии девонавор, ба қобилияти худ комилан боварӣ дорад ва қаноатмандии ҳадди аксарро аз зиндагӣ эҳсос мекунад. Нишонаҳои давраи эйфория дар ниҳоят инҳоро дар бар мегиранд:

• қувват ва афзоиши неру;

• гиперактивӣ;

• эҳсоси равшании рангҳо;

• кам шудани эҳсоси дард;

• эҳсос накардани гуруснагӣ ва ниёз ба хоб.

Дар ин давра шахс қобилияти баҳодиҳии воқеиятҳо ва ҳатто оқилона баҳо доданро нигоҳ медорад. Аммо бо мурури замон лаҳзае фаро мерасад, ки нашъаманд оҳиста-оҳиста эҳсоси лаззати камтар мекунад. Ин табиист - вақте ки допамин пайваста ба миқдори зиёдатӣ истеҳсол мешавад, дар бадан консентратсияи ретсепторҳо ва "гормони хушбахтӣ" табиатан коҳиш меёбад.[1]

Ҳарчанд нашъаманд бо тамоми қувва кӯшиш мекунад, ки эҳсososти кӯҳнаро дарёбад, аммо рӯз ба рӯз расидан ба ҳолати аввала барои ӯ мушкилтар мегардад. Аз ин рӯ, бадан маҷбур аст, ки мизони истифодаи доруро зиёд кунад, бештар масраф кунад ва ба марҳилаи истифода аз сузандору гузарад.

**Ташаккули вобастагӣ.** Дар рафти омӯзиши таъсир ва оқибатҳои метамфетамин, наркологҳо 3 марҳилаи нашъамандиро муайян кардаанд:

1. ***Заиф*** - вақте ки шахс “мета”-ро кам ва дар ҳолатҳои истисноӣ, танҳо дар шакли таблетка ё бо роҳи нафаскашӣ истифода мебарад;

[1] Пятницкая, Ирина Николаевна/Подростковая наркология: руководство для врачей / И. Н. Пятницкая, Н. Г, Найденова. - Москва: Мед. информ. агентство, 2008. – 251 с.

2. ***Қавӣ*** - мунтазам ва бо афзоиши мунтазами воя (аломатҳои бозхонд аллакай пайдо мешаванд);
3. ***Пурра*** - нашъаманд маҷбур мешавад, ки доруи кристалли сафедро зуд-зуд истифода барад, то сар задани хуморро (ломка) пешгирӣ кунад.

Дар натиҷа, шуур комилан халалдор мешавад, шахс аз галлютсинатсияҳо ва шунидани ҳар гуна садоҳо азоб мекашад. Хиради худро аз даст медиҳад, ба ақл ва эҳсосоти худ ҳоким дигар намебошад, эҳсоси таарруз дар шахс ҳукумфармо меашвад.

Роҳҳои истифода. Ба истилоҳ нашъаи яхӣ аз ҷиҳати усулҳои ба бадан дохил шуданаш бо фарогирии худ фарқ мекунад. Он ба шаклҳои зерин истифода мешавад:

- аз роҳи даҳонӣ (одатан таблетка);
- аз роҳи нафаскашӣ (хокаро нафас мекашанд);
- истифодаи кристалҳои дудшуда (бо истифода аз дастгоҳҳои махсус);
- сӯзандоруҳо.

Хавфи калонтарин барои одам ин усули охирини истеъмол аст, яъне бо истифода аз сӯзандору. Тавассути сӯзанҳои ифлос шахс ба осонӣ ба гепатит, ВНМО (СПИД) сироят шуда метавонад ва баъзан ҷузъҳои дору дар об ҳал намешаванд ва рагҳои хунро баста, тромбоэмболияро ба вуҷуд меоранд.

**Чӣ гуна шахси нашъаманди маризро метавон шинохт?** Агар шахс нашъаманд шуда бошад, дигар онро пинҳон кардан ғайриимкон аст, тағйироте, ки дар сурати зоҳирии шахс пайдо мешавад, худ баёнгари вазъияти ӯ мебошад. Аз ҷумла:

• тағйирот дар мардумакҳои чашм;

• чеҳраи рангпарида;

• коҳиши иштиҳо ва вазн;

• дучори афсурдагӣ шудан;

• бехобӣ;

• ихтилоли диққат ва хотира;

• бепарвоӣ, нотавонӣ дар баҳо додани вазъият.

Ҳар қадаре, ки ин вазъият идома пайдо кунад, ҳамон қадар бадтар мешавад - аломатҳои параноидӣ, рагкашӣ, фикрҳои худкушӣ ва ғайра ба вуҷуд меоянд.

Аломати дигари ҳамеша ҳисшаванда ба истилоҳ ҳаракати "мет-мурчаҳо" мебошад – шахсе, ки кристали сафед истеъмол мекунад, ҳамеша эҳсос мекунад, ки дар таги пусташ мурчаҳо дар ҳаракатанд, ба истилоҳи мардумӣ зери пусташ “мурча меравад”. Ин боиси харошидани шадиди пӯст ва пайдоиши ҷароҳатҳо мешавад.

**Хатарҳо ва ҳушдорҳо ба нашъаманд.** "Мет" дар муқоиса бо дигар доруҳо, таъсири дарозмуддат дорад, онро бесабаб "марафон" наномидаанд. Ва оқибатҳои истифодаи он қариб ба тамоми узвҳо ва системаҳо таъсир мерасонанд. Бо мурури замон, иллатҳои зерин инкишоф меёбанд:

• сӯхтани роҳҳои нафас, илтиҳоб, марги ҳуҷайраҳо ва бофтаҳои шуш, пневмония ва ҳатто саратон;

• бад шудани кори дил бо пайдоиши тахикардия, норасоии қалбӣ, инфаркт;

• хастагӣ, ҳатто то дараҷаи анорексия;

• пӯсидани дандонҳо;

• вайроншавии бебозгашти ҳуҷайраҳои майна, бад шудани хотира ва дигар функсияҳои маърифатӣ;

• вайроншавии кори гурда ва ҷигар, ки боиси масмумшавии бадан мегардад;

• захмҳои табобатнашаванда;

• пастшавии иммунитет;

• галлютсинатсия, ихтилоли равонӣ ва ғайра пайдо мешаванд.[1]

Азбаски кристалли сафед аксар вақт дар шароити зеризаминӣ ва пинҳонӣ омода карда мешавад, намудҳои он метавонад гуногун бошад. Аз ҷиҳати таркиби ҷузъҳои зараровар ва худсохт пешгӯинашаванда мебошад. Масалан, баъзан ба чунин коктейлҳое дучор шудан мумкин аст, ки пас аз нӯшидани онҳо шахс фавран ба реаниматсия меафтад.

Агар шахс нашъаманди ашадӣ шуда бошад, ҳатто комилан даст кашидан аз маводи мухаддир ҳам кафолати барқароршавии пурраи бадан ва мағзи сари уро намедиҳад. Барои нарасидан то ҳадди хавфнок, хеле муҳим аст, ки нашъамандро ҳарчи зудтар ошкор ва ба ӯ кӯмак расонем. Ӯро водор созем, ки ба клиникаи махсус муроҷиат кунад, зеро вай дигар танҳо бо хоҳиши худ мубориза бурда наметавонад.

[1] Наркотики: свойства, действие, фармакокинетика, метаболизм: учебное пособие / Н. В. Веселовская [и др.]. - 3-е изд., перераб., испр. и доп. - Москва: Нарконет, 2008. - 262 с.

## ХУЛОСА

Вазъи тағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза ва хусусияти устувор пайдо намудани зуҳуроти хатарноки замони муосир, аз ҷумла терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ, ки башариятро ба ташвиш овардаанд, моро водор месозад, ки ба масъалаҳои таъмини амнияти кишварамон диққати аввалиндараҷа диҳем. Муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, дар баробари терроризму экстремизм ва дигар зуҳуроти номатлуб, аз ҷумлаи хавфу хатарҳои ҷиддӣ ба ҳисоб меравад. Зеро ин падидаи номатлуб яке аз сарчашмаҳои асосии маблағгузории терроризми байналмилалӣ буда, ҳамеша ба оромии ҷомеа ва тартиботи ҷамъиятӣ, вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ, солимии ҷомеа ва ҳаёти одамон таҳдид менамояд.

Тоҷикистон дар хатти пеши муқовимат бо хатару таҳдидҳои муосир, аз қабили, муомилоти ғайриқонунии маводди мухаддир ва дигар зуҳуроти ҷинояткории муташаккили фаромарзӣ қарор дорад. Новобаста аз мушкилоти мавҷуда, Тоҷикистон аз нахустин рӯзҳои истиқлолияти худ ҳар ташаббуси оқилона ва асоснокро, ки бар зидди муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар ва нашъамандӣ равона шудааст, дастгирӣ мекард ва мекунад. Ин масъала пайваста дар мадди назари Роҳбарияти кишвар мебошанд. Сарвари давлат дар мавриди мубориза бо ин бадбахтӣ дар ҳамаи сатҳҳо, аз ҷумла аз минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид борҳо изҳори назар кардаанд.

Маҳз бо ташаббус ва ибтикороти созандаи Пешвои муаззами миллат дар давоми солҳои соҳибистиқлолии кишвар чораҳои муассир ҷиҳати пешгирии гардиши ғайри қонунии маводи нашъадор ва хунсо кардани таъсири ин падидаи номатлуб дар ҷомеа андешида ва амалӣ карда

шудаанд. Аз ҷумла, бо таъсис ёфтани ниҳоди махсуси соҳавӣ – Агентии назорати маводи нашъадори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мубориза бар зидди гардиши ғайри қонунии маводи мухаддир ба таври муназзам фарогир ва самарнок ба роҳ монда шуд. Инчунин фаъолияти сохторҳои дигари қудратӣ дар самти мазкур ба таври пурзӯр ба роҳ монда шуд. Дар натиҷа, дар муддати нисбатан кӯтоҳ қочоқи маводи мухаддир, ғардиши ғайри қонунии он ва сатҳи нашъамандӣ дар ҷомеа ба навтри назаррас пойин бурда шуд. Ҳамчунин, миқдори ҷиноятҳои вобаста ба гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир коҳиш ёфтааст. Бо вуҷуди ин, мушкилоти марбут ба маводи мухаддир дар ҷомеа боқӣ монда, бурдани муборизаи беамон бо ин падидаи номтлуб тақозои замон аст.

Имрӯз бо итминони комил метавон гуфт, ки мақомоти ваколатдори кишвар дар самти мубориза бо таҳдиди паҳншавии маводи мухаддир тамоми корҳоро анҷом медиҳанд. Дар он кишварҳое, ки вазъи сиёсиву ҳарбӣ печида аст ва гурӯҳҳои террористию экстремистӣ фаъол мебошанд, махсус истеҳсол ва қочоқи бемамониати маводи мухаддир меафзояд. Бо назардошти ин вазъият, солҳои охир Ҳукумати Тоҷикистон дар баробари пурзӯр намудани мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар самти таҳикми ҳифзи марзи давлатӣ тадбирҳои зарурӣ меандешад.

Дар шароити кунунӣ вазифаи аввалиндараҷаи тамоми сохторҳои қудратӣ ва низомӣ, муборизаи мақсаднок ва мунтазам бар зидди гурӯҳҳои ҷиноии фаромиллӣ мебошад, ки ба қочоқи маводи мухаддир аз Афғонистон ба қаламрави Тоҷикистон ва интиқоли ғайриқонунии онҳо ба кишварҳои дигар машғул мебошанд.

Тавре маълум аст, истеҳсол ва хариду фурӯши ғайриқонунии маводи нашъадор манбаи асосӣ ва

муқтадири таъминоти терроризми байналмилалӣ ва такягоҳи молиявии он мебошад. Хариду фурӯши ғайриқонунии маводи нашъадор ҳамчун терроризм масъалаи умумибашарӣ буда, талаб менамояд, ки ба муқобили он муборизаи қатъӣ ва оштинопазир бурда шавад. Ҳоло пайравони созмонҳои террористиву экстремистӣ дар кишт ва тавлиди маводи мухаддир даст доранд. Мақсад, нооором сохтани вазъият дар ҷомеа ва тафриқаандозиву барангехтани низоъҳои диниву мазҳабӣ мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти мавқеи геополитикии худ ва мавҷудияти сарҳади беш аз ҳазору чорсад километри дорои шароити мураккаби табиию иқлимӣ бо Афғонистон ба яке аз монеаҳои асосии сари роҳи интиқоли маводи мухаддир табдил ёфтааст. Тоҷикистон дар роҳи интиқоли транзитии маводи мухаддир ҷойгир буда, дар хатти пеши мубориза бо ин хатар қарор дорад. Имрӯз вусъати муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар ба яке аз масъалаҳои ҷиддитарини ҷаҳон табдил ёфтааст, ки ба асосҳои иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ва тансиҳатии башарият таҳдид мекунад. Ғайр аз ин гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир заминаи мусоидро барои содир намудани ҷинояткориҳои сершумори дорои хусусияти фаромиллӣ, ҳамчунин, терроризму ифротгароӣ фароҳам оварда, хавфу ташвиши башариятро ба миён меорад. Дар масъалаи таъмини амният бе ҳамкории мақсадноку самарабахш бо соҳаҳои гуногун ва мақомоти масъул коре кардан имконнопазир аст.

Аз ин рӯ, дар тадқиқоти мазкур мо кӯшиш намудем, то унсурҳои, то ин дам баррасинашударо ба доираи таҳлили илмӣ кашида, бо мақсади такмили сиёсати давлатӣ дар самти мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ ба мақомоти дахлдор

пешниҳод намоем. Маҷмуи масъалаҳои баррасишуда дар ин китоб ҷанбаҳои гуногуни назарию амалӣ дошта, дар навбати худ, барои анҷоми дигар корҳои мустақили илмию таҳлилӣ метавонад ҳамчун замина истифода гардад.

# КИТОБНОМА


**1.** Акрамов М. И. Борьба с незаконным оборотом наркотиков в Центральной Азии как приоритетное направление в формировании системы региональной безопасности // Формирование системы коллективной безопасности государств Центральной Азии в формате региональных союзов (Материалы Республиканской научно-теоретической конференции.– Душанбе, 17 октября 2008 г.). – С. 149.

**2.** Анарбеков А.Б. Политическая безопасность как стержневой элемент обеспечение национальной безопасности молодого Кыргызстана // Вестник Волгоградского государственного университета. Серия 4: История. Регионоведения. Международные отношения. – 2009. – №1. – С. 61-68.

**3.** Аннаев Дж. В Туркменистане борются с причинами наркомании / 25 сентября 2013 г. Захираи электронӣ. Нишони дарёфт:

http://inozpress.kg/news/view/id/40262.

**4.** Анциферов Л.В. Гашишизм в Средней Азии.– Ташкент, 1934.– 45 с.

**5.** Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1994.– № 3-4.

**6.** Ахметшин Х.М., Ахметшин Н.Х., Петухов А.А. Современное уголовное законодательство КНР. Уголовный кодекс КНР. – Москва, 2000.

**7.** «Барномаи миллии пешгирии паҳншавии нашъамандӣ ва такмили ёрии наркологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2017». Захираи электронӣ. Нишони дарёфт:

http://taj.akn.tj/index.php?option=com_ content&view=article&id=613:-20132017&catid=31: barnomahostrategiya &Itemid =46.

**8.** Всемирный доклад о наркотиках 2011 год (резюме). / Издание Управление Организации

Объединенных Наций по наркотикам и преступности (UNODC). – 14 с.

**9.** Всемирный доклад о наркотиках 2012 год / Издание Управление Организации Объединенных Наций по наркотикам и преступности (UNODC). – Вена, 2012. –153 с.

**10.** Генеральная Ассамблея, официальные отчеты, XX специальная сессия, дополнение № 2 (A/S- 20/11). ООН. Нью-Йорк, 1998. п. 10 d.

**11.** Гребеник В.В. методология формирования современной парадигмы теории безопасности способной обеспечить национальную безопасность России // Интернет-журнал Науковедение. – 2013. – №2(15). – С. 8.

**12.** Дар бораи Агентӣ ва вазифаҳои асосӣ / Сомонаи расмии Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Захираи электронӣ. Нишони дарёфт:

http://taj.akn.tj/index.php?option=com_ content&view=article&id= 240&Itemid=57.

**13.** Демин И.В. Сущность и содержание понятий «безопасность», «общественная безопасность» и «национальная безопасность» // Вестник Екатерининского института. – 2009. – №1. – С. 29-30.

**14.** Дзлиев М.И., Иззатдуст Э.С. Национальная безопасность и насилие (гуманитарные аспекты национальной безопасности) // Вестник Омского университета. Серия: Право. – 2011. – №3. – С. 50-64.

**15.** Диченко А.А. Колесников К.А. Антинаркотический Закон Китайской Народной Республики. – 2011. – С. 55–58.

**16.** Егоров И.С. Современное военно-политическое пространство в Европе и национальная безопасность России: реалии и перспективы // Власть. – 2010. – №8. – С. 139-141.

**17.** Егоров К.Ю. Политическое обеспечение борьбы с международным терроризмом как глобальной угрозой

безопасности российского государства и общества / Автореф. дисс... канд. полит. наук. – Москва, 2009. –24 с.

**18.** Жирнов Е. Дело о советских наркокартелях // Журнал «Коммерсантъ Деньги».– №39 от 07.10.2013. Захираи электронӣ. Нишони дарёфт:
http://www.kommersant.ru/doc/2303999.

**19.** Журнал «Мир и Политика. – №11 (74). – 2012.

**20.** Зарипов З.С., Мацкевич И.М. Наркотики в Средней Азии // Проблемы укрепления законности и правопорядка: наука, практика, тенденции. – 2009. – № 2. – С. 131-139.

**21.** Зеличенко А. История афганской наркоэкспансии 1990-х. Захираи электронӣ. Нишони дарёфт:
http://lib.ru/ MEMUARY/AFGAN/afgan_drugs.txt_with-big-pictures.html.

**22.** Иванов С. Иран на переднем крае борьбы с наркотрафиком. Захираи электронӣ. Нишони дарёфт: http://www.iran.ru/news/analytics/84834/Iran_na_perednem_ krae_borby_s_narkotrafikom.

**23.** Казанцев А. Опиум для народов (Экспансия афганской наркомафии угрожает всему цивилизованному миру) / 22.05.2007г. Захираи электронӣ. Нишони дарёфт: http://www.globoscope.ru/content/articles/1132/?sphrase_id=7367.

**24.** Калачев Б.Ф. Суверенизация государств Средней Азии и Казахстана как фактор, способствующий незаконному обороту наркотиков //Ислам и народная культура. – М.: Институт этнологии и антропологии им. Н.Н. Миклухо-Маклая РАН, 1988. -С.33-42.

**25.** Калачев Б.Ф. Российская империя против наркотиков// Журнал «Век глобализации» 2012, №1 (9). – С.161-175.

**26.** Кателевский А.И. Сущностное содержание международной региональной безопасности в системе всеобщей безопасности//Вестник Пятигорского государственного лингвистического университета. 2005. №3-4. –С.108-112

**27.** Каширин Р.М. Проблемы квалификации преступлений, связанных с незаконным оборотом аналогов ипрекурсоров наркотических средств и психотропных веществ // Юридическая наука: история исовременность. 2011г.в. № 3.

**28.** Кодекси ҷиноии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**29.** «Коммерсантъ ВЛАСТЬ» (Аналитический еженедельник) №22 [676] от 05.06.2006г.

**30.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011, таҳти №721. Захираи электронӣ. Нишони дарёфт: http://www.parlament.tj/files/konunho/ 2011/ amniyat.rar

**31.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо» аз 10-уми дкабри соли 1999, таҳти №873. Захираи электронӣ. Нишони дарёфт: http://www.parlament.tj/files/konunho/1999/vositahoi nashador.rar

**32.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии наркологӣ» аз 8 декабри соли 2003 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2003.-С.00-00

**33.** Коровай Е.А. Политическая стабилность и национальная безопасность//Вестник Забайкальского государственного университета. 2007.№3. –С. 79-85.

**34.** Коста А.М.«С наркоторговлей должен бороться Афганистан, а не НАТО». Захираи электронӣ. Нишони дарёфт: http://www.narkotiki.ru/5_6788.htm

**35.** Крупник П.А., Рукинов В.А. Политическая безопасность как система снижения конфликтного потенциала гражданского общества//Наука о человеке: гуманитарные исследования. 2009. №4. –С.32-43.

**36.** Лазин Ю. Наркобизнес и наркомания. Захираи электронӣ. Нишони дарёфт: http://www.proza.ru/2010/12/22/447

**37.** Майоров А.А., Малинин В.Б. Наркотики: преступность и преступления.Доклад Международного

комитета по контролю над наркотиками. 2011. – Санкт-Петербург: «Юридический центр Пресс», 2002. –С. 234.

**38.** Мамадазимов А. Национальная безопасность Таджикистана //Россия и мусульманский мир. 2004. № 11. – С. 63-69.

**39.** Маригелла К. Бразильская герилья (Краткий учебник городского партизана). Захираи электронӣ. Нишони дарёфт: http://aleksandr-kommari.narod.ru/Karlos_Marigella_Brazilskaya_ gerilya_Kratkiy_uchebnik_gorodskogo_ partizana_.htm

**40.** Материалы научно-практической конференции «Федеральный закон «О наркотических средствахи психотропных веществах» и актуальные проблемы противодействия незаконному обороту наркотиков». – Москва: «Юрайт», 1998.-180с.

**41.** Мелихов В.Г. Наркобизнес и терроризм: точки соприкосновения// Политический журнал.2004.-№22.–С.14-19.

**42.** Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи «Стратегияи миллии мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» Сомони расмии Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Захираи электронӣ. Нишони дарёфт:http://taj.akn.tj/index. php?option=com_content&view =category&layout=blog&id=31&Itemid=62

**43.** Номоконов В.А., Аминьева Я.А. Проблемы борьбы с организованной преступностью и коррупцией (мировой, федеральный и региональный аспекты).-Владивосток, 2005;

**44.** «Обзор производства опия в Афганистане в 2013 году (Краткое изложение результатов исследования)»/Ноябрь 2013 года/ Издание Управление Организации Объединенных Наций по наркотикам и преступности (UNODC) и Министерства по борьбе с наркотиками Исламской Республики Афганистан. -27с.

**45.** Официалиный сайт Государственной службы по контролю наркотиков при Правительстве Кыргызской Республики: http://www.gskn.kg

**46.** Официалиный сайт Комитета по борьбе с наркобизнесом и контролю за незаконным оборотом наркотиков МВД РК: http://newskaz.ru

**47.** Официалиный сайт Национального информационно-аналитического Центра по контролю за наркотиками при Кабинете Министров Республики Узбекистан: http://www.ncdc.uz/ru/about/

**48.** Официальный сайт Управления Организации Объединенных Наций по наркотикам и преступности (UNODC): http://www.unodc.org/

**49.** Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми апрели соли 2013. Захираи электронӣ. Нишони дарёфт: http://www.president.tj/node/4318

**50.** Правов А. Афганский наркотик идет в Россию// Россия и мусульманский мир. 2007. № 10. –С.125-127.

**51.** Проблема организованной преступности в Канаде// Сигнальная информация ГИЦ МВД России №5.1999. –С. 4.

**52.** Раҳмонов Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷилди аввал. –Душанбе: «Ирфон», 2002. -512с.

**53.** Раҳмонов Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷилди дуюм. –Душанбе: «Ирфон», 2002. -512с.

**54.** Раҳмонов Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷилди сеюм. –Душанбе: «Ирфон», 2002. -512с.

**55.** Раҳмон Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди нӯхум. –Душанбе: «Ирфон», 2010. -576с.

**56.** Резюме доклада «Наркомания, преступность и мятежники (Транснациональная угроза афганского опия)/Октябрь 2009 года/ Издание Управление

Организации Объединенных Наций по наркотикам и преступности (UNODC).-23с.

**57.** Резюме Всемирного доклада о наркотиках за 2011 год. [Официальный сайт Организации Объеденных наций] Захираи электронӣ. Нишони дарёфт: https://www.un.org/ru/development/surveys/docs/drug2011.pdf

**58.** Сарқонуни Ҷумҳкрии Тоҷикистон (ба забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ). –Душанбе: «Ирфон», 2009. –72с.

**59.** Серебрянников В.В. Политическая безопасность // Свободная мысль. 1997. №1. –С.19.

**60.** Сомонаи расмии Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: http://taj.akn.tj/

**61.** Словари и энциклопедии на Академике. Захираи электронӣ. Нишони дарёфт: http://dic.academic.ru/

**62.** Стрельченко Э. Г., Майоров А. А., Рогатых Л. Ф., Топоров С. Б.Борьба с контрабандой наркотических средств, психотропных и сильнодействующих веществ. – Санкт-Петербург: «Питер-Трейд»,2004. -240с.

**63.** Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи байналмилали мубориза бо терроризм/25 июни соли 2011/ Ҷумҳурии исломии Эрон/ Захираи электронӣ. Нишони дарёфт: http://www.president.tj/node/516

**64.** Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар RECCA-V /26.03.2012/. Захираи электронӣ. Нишонии дарёфт: http://www.president.tj/node/190

**65.** Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси ботантана бахшида ба 20-умин солгарди Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 16.11.2012. Захираи электронӣ. Нишони дарёфт: http://www.president.tj/node/3762

**66.** Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот бо ҷавонону наврасони лаёқатманди вилояти

Суғд /04.04.2014/ Захираи электронӣ. Нишони дарёфт:http://www.president.tj/node/6485

**67.** Степанова Е.А. Роль наркобизнеса в политэкономии конфликтов и терроризма. -Москва: «Весь мир», 2005.-312с.

**68.** Таджикистан-надежный заслон на пути «северного маршрута» (брошюра). Нашрияи Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Захираи электронӣ. Нишони дарёфт: http://rus.akn.tj/index.php?option=com_content&view =article&id=631%3A-l-l-r&Itemid=27

**69.** Успенский А.Е. О наркотиках и наркоманиях. «Химия и жизнь». Февраль, 1988. Захираи электронӣ. Нишони дарёфт: http://www.magalif.ru/?an=oNarkotikah

**70.** Фарҳанги тоҷикӣ – русӣ (Нашрияи Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ). –Душанбе: «Пайванд», 2006. -804с.

**71.** Федулов А. В. Наркотизация – глобальная проблема современности. Международное сотрудничество в сфере контроля над оборотом наркотиков: социально-политические аспекты. //Москва, 2007. -№9. -С.11.

**72.** Хрусталев М. Россия подсаживается на доморощенные наркотики. Захираи электронӣ. Нишони дарёфт: http://www.nevelev.ru/articles.php?n=419

**73.** Шарҳи вазъи вобаста ба маводи нашъадор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2013 (Нашрияи Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон). -112с.

**74.** Bulletin on Narcotics: A Century of International Drug Control United Nations Publications, 2010. Том LIX, p.10.

**75.** Наркотики и наркозависимость: история, предпосылки, последствия / Мэрия г. Ярославля, Городской научно-методический центр социальной политики; [под. ред. С. В. Зуевой]. - Ярославль : Городской научно-методический центр социальной политики, 2007. - 55 с.

**76.** Пятницкая, Ирина Николаевна / Подростковая наркология : руководство для врачей / И. Н. Пятницкая, Н. Г, Найденова. - Москва : Мед. информ. агентство, 2008. – 251 с.

77. Наркотики: свойства, действие, фармакокинетика, метаболизм: учебное пособие / Н. В. Веселовская [и др.]. - 3-е изд., перераб., испр. и доп. - Москва : Нарконет, 2008. - 262 с.

**Аннотатсияи**

**монографияи С.Т.Мирзоев дар мавзӯи “Маводи нашъаовар: таҳдиду чолишҳо. Афғонистон: масири шимолӣ”.-Душанбе: «Дониш».-2025**

*Китоби мазкур ба масъалаи таҳкими амнияти миллӣ, пешгирии гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, моддаҳои психотропӣ ва таҳдиду чолишҳои дар ин замина аз самти Афғонистон зуҳуркунанда бахшида шудааст.*

*Масъалаи мубориза бо кишту гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар шароити имрӯза яке аз масъалаҳои муҳиму мубрам на танҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои минтақа, балки барои тамоми ҷаҳон боқӣ мондааст.*

*Муаллифи китоб қайд менамояд, ки нашъаҷаллобон, маъмулан, зарбаи басо харобиовару ҷубронноназирро аввал ба ҷавонон мезананд. Дар ҷомеа агар майлу рағбати ҷавонон ба маводи мухаддир афзояд, табиист, ки сифати солимии ҷисмонӣ, равонӣ ва ахлоқии ҷомеа, қобилияти барқарорсозии он коста мегардад*

*Муаллиф дар асоси таҷрибаи амалии худ ва таҳқиқоти илмию назариявии мавзуъ ба он дастёб гардидааст, ки унсур ва категорияи комилан навро дар сохтори нашъаҷаллобон, яъне “озмоишгар”-и сифати маводи мухаддирро дар ин замина ташхис намояд. Бояд таъкид намуд, ки дар сохтори истеҳсол ва савдои маводи нашъаовар, яъне истеҳсолкунанда ва нашъаҷаллоб, як унсури дигари муҳим ноаён боқӣ мемонад. Ин “озмоишгар”-и сифати маводи мухаддир мебошад, ки бидуни он тиҷорати ғайри қонунии маводи нашаъавор ғайриимкон аст ва ин гурӯҳ то ҳол аз ҷавобгарии ҷиноятӣ дар канор мемонад. Муаллиф нақши ин гурӯҳро дар сохтори тиҷорати ғайриқонунии маводи нашъадор пурра нишон додааст.*

*Дар анҷоми монография, як қатор пешниҳодҳо барои пурзӯр намудани раванди муқовимат бо истеҳсол ва савдои ғайриқонунии маводи мухаддир манзур гардидаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *маводи мухаддир, тиҷорати ғаайриқонунии маводи нашъаовар, нашъаҷаллоб, озмоишгар, Афғонистон, героин.*

**Аннотация**
**монографии С.Т. Мирзоева на тему «Наркотики: угрозы и вызовы. Афганистан: северный маршрут». – Душанбе: «Дониш». – 2025**

*Настоящая книга посвящена вопросам укрепления национальной безопасности, предотвращения незаконного оборота наркотических средств, психотропных веществ, а также угрозам и вызовам с афганского направления.*

*Проблема борьбы с выращиванием и незаконным оборотом наркотиков в современных условиях остается одной из важнейших и актуальных не только для Республики Таджикистан и стран региона, но и для всего мира.*

*Автор книги отмечает, что наркоторговцы, как правило, наносят в первую очередь крайне разрушительный и непоправимый удар по молодежи. Если в обществе растет склонность и интерес молодежи к наркотикам, закономерно снижается качество физического, психического и нравственного здоровья общества, его способность к восстановлению.*

*Основываясь на практическом опыте и научно-теоретических исследованиях по данной теме, автору удалось выделить совершенно новый элемент и категорию в структуре наркоторговцев, то есть «пробщиков» качества наркотиков в данном контексте. Следует отметить, что в структуре наркопроизводства и незаконного оборота наркотиков, то есть производителей и торговцев, остается незамеченным еще один важный элемент. Это «пробщики» качества наркотиков, без которых незаконный оборот наркотиков невозможен, и эта группа по-прежнему освобождена от уголовной ответственности. В своей книге автор всесторонне раскрывает роль этой группы в структуре незаконного оборота наркотиков.*

*В конце монографии автор также вносит ряд предложений по усилению борьбы с производством и оборотом наркотиков.*

***Ключевые слова**: наркотики, незаконный оборот наркотиков, наркоторговец, пробщик, Афганистан, героин*

.

## Abstract

Monograph by S.T. Mirzoev on the topic "Drugs: threats and challenges. Afghanistan: the northern route". - Dushanbe: "Donish". - 2025

*This book is devoted to the issues of strengthening national security, preventing illegal trafficking in narcotic drugs, psychotropic substances and threats and challenges in this regard from the Afghan direction.*

*The problem of combating the cultivation and illegal trafficking of drugs in modern conditions remains one of the most important and urgent not only for the Republic of Tajikistan and the countries of the region, but also for the whole world.*

*The author of the book notes that drug dealers, as a rule, primarily inflict an extremely destructive and irreparable blow on young people. If the tendency and interest of young people in drugs grows in society, the quality of physical, mental and moral health of society, its ability to recover, naturally decreases. Based on practical experience and scientific and theoretical research on this topic, the author managed to identify a completely new element and category in the structure of drug dealers, that is, "testers" of drug quality in this context. It should be noted that in the structure of drug production and drug trafficking, i.e. producers and dealers, another important element remains unnoticed. These are "testers" of drug quality, without whom illegal drug trafficking is impossible, and this group is still exempt from criminal liability. In his book, the author comprehensively reveals the role of this group in the structure of illegal drug trafficking. At the end of the monograph, the author also makes a number of proposals to strengthen the fight against drug production and trafficking.*


***Keywords:*** *drugs, illegal drug trafficking, drug dealer, tester, Afghanistan, heroin*

# چکیده

## رساله س.ت. میرزایف در موضوع «مواد مخدر: تهدیدها و چالش‌ها. افغانستان: مسیر شمالی». - دوشنبه: «دانیش». - 2025

این کتاب به موضوعات تقویت امنیت ملی، جلوگیری از قاچاق غیرقانونی مواد مخدر، مواد روانگردان و همچنین تهدیدها و چالش‌ها از سمت افغانستان اختصاص دارد.

مشکل مبارزه با کشت و قاچاق غیرقانونی مواد مخدر در شرایط مدرن همچنان یکی از مهمترین و فوری‌ترین مسائل نه تنها برای جمهوری تاجیکستان و کشورهای منطقه، بلکه برای کل جهان است.

نویسنده کتاب خاطرنشان می‌کند که فروشندگان مواد مخدر، به طور معمول، در درجه اول ضربه‌ای بسیار مخرب و جبران‌ناپذیر به جوانان وارد می‌کنند. اگر گرایش و علاقه جوانان به مواد مخدر در جامعه افزایش یابد، کیفیت سلامت جسمی، روانی و اخلاقی جامعه و توانایی آن برای بهبودی، به طور طبیعی کاهش می‌یابد.

بر اساس تجربه عملی و تحقیقات علمی و نظری در مورد این موضوع، نویسنده موفق به شناسایی یک عنصر و دسته کاملاً جدید در ساختار فروشندگان مواد مخدر، یعنی «آزمایش‌کنندگان» کیفیت مواد مخدر در این زمینه شده است. لازم به ذکر است که در ساختار تولید و قاچاق مواد مخدر، یعنی تولیدکنندگان و فروشندگان، عنصر مهم دیگری همچنان نادیده گرفته می‌شود. اینها «آزمایش‌کنندگان» کیفیت مواد مخدر هستند که بدون آنها قاچاق غیرقانونی مواد مخدر غیرممکن است و این گروه همچنان از مسئولیت کیفری معاف است. نویسنده در کتاب خود به طور جامع نقش این گروه را در ساختار قاچاق غیرقانونی مواد مخدر آشکار می‌کند.

در پایان رساله، نویسنده همچنین تعدادی پیشنهاد برای تقویت مبارزه با تولید و قاچاق مواد مخدر ارائه می‌دهد.

**کلیدواژه‌ها**: مواد مخدر، قاچاق غیرقانونی مواد مخدر، فروشندگان مواد مخدر، آزمایش‌کننده، افغانستان، هروئین.

摘要

S.T. 米尔佐耶夫的专著《毒品：威胁与挑战。阿富汗：北方路线》。- 杜尚别：《顿河游记》。- 2025 年

本书致力于加强国家安全、防止麻醉药品和精神药物非法贩运以及应对来自阿富汗方向的威胁与挑战。

在现代条件下，打击毒品种植和非法贩运仍然是塔吉克斯坦共和国及该地区各国乃至全世界最重要和最紧迫的课题之一。

本书作者指出，毒品贩子通常对年轻人造成极具破坏性和不可挽回的打击。如果社会中年轻人对毒品的倾向和兴趣日益增长，社会的身心健康和道德素质以及恢复能力自然会下降。

基于实践经验以及在此主题上的科学和理论研究，作者成功地识别出贩毒者结构中一个全新的要素和类别，即在此背景下的"毒品质量测试者"。

值得注意的是，在毒品生产和非法贩毒的结构中，即生产者和贩毒者，还有一个重要因素未被注意到。这些是毒品质量的"测试者"，没有他们，非法贩毒就不可能进行，而且这一群体仍然免于刑事责任。作者在书中全面揭示了这一群体在非法贩毒结构中的作用。

在本书的最后，作者还提出了一些加强打击毒品生产和贩运的建议。

关键词：毒品、非法贩毒、贩毒者、测试者、阿富汗、海洛因

*Ба матбаа супорида шуд 05.08.2025*
*Барои нашр имзо шуд 07.08.2025*
*Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопӣ 12,7. Андоза $60х84^{1}/_{16}$.*
*Адади нашр 50 нусха. Супориши №117.*

МН «Дониш»

*Муассисаи нашриявии «Дониш»-и АМИТ*
*ш.Душанбе, 734063, кӯчаи Айнӣ, 299/2.*